

Барномаи Иттиҳоди Аврупо
«Ташаббуси Аврупо дар масоили демократия ва ҳуқуқи инсон»

# КОРИ ИҶТИМОӢ БО МАҲКУМШУДАГОН ПЕШ АЗ ОЗОДШАВӢ

## МОДУЛИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад

DVV International
Лоиҳа аз тарафи DVV International амалӣ мегардад

# КОРИ ИҶТИМОӢ БО МАҲКУМШУДАГОН ПЕШ АЗ ОЗОДШАВӢ

## МОДУЛИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон
Душанбе - 2018

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онҳо қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва такдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштаанд.

Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола тақрибан 35 млн. евро барои рушди мамлакат фароҳам меоварад.

Дастури таълимии мазкур бо мусоидати Намояндагии Институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишкадаҳои мардумии Олмон дар Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи «Ҳимояи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон ва шахсони аз маҳбас озодшуда дар Тоҷикистон» бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати федеролии Олмон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, таҳия ва нашр гардидааст.

Модули таълимии мазкур барои омӯзгорони Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Модул ба омӯзгорон дар амали сохтани барномаҳои таълимӣ барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонад. Барномаи таълимии мазкур маводи шахшуда намебошад, ва омӯзгорон мувофиқи талаботу эҳтиёҷоти иштирокчиёни курси таълимӣ метавонанд мавзӯъҳоро иваз намоянд. Мавод фасеҳ мебошад, ва мавзӯъҳоро якҷоя кардан мумкин аст.

Мураттибон:

Осмонова Н.Н.
Маркази таълимии Хадамоти давлатии иҷрои ҷазо назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизстон

Абдунабизода Ш.А.
Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷаҳон», Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мазмуну мундариҷаи нашрияи мазкур масъулияти мураттибон буда, нуқтаи назари маблағгузоронро инъикос намекунад.**

**МОДУЛИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ**

**“КОРИ ИҶТИМОӢ БО МАҲКУМШУДАГОН ПЕШ АЗ ОЗОДШАВӢ”**

## МУНДАРИҶА


Мухтасарот 4

Муқаддима 5

Мақсад ва вазифаҳои курси таълимӣ 6

Барнома ва нақшаи методии курси таълимӣ 7

**БОБИ I. СТАНДАРТҲОИ КОРИ ИҶТИМОӢ БО МАҲКУМШУДАГОН** 13

1.1. Стандартҳо ва меъёрҳои байналмилаллалии кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон
1.2. Инъикоси стандартҳои байналмиллалии кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

**БОБИ II. КОРИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ** 22

2.1. Мафҳум ва моҳияти ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ омода мешаванд.
2.2. Асосҳо (принсипҳо) ва марҳилаҳои ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ омода мешаванд.
2.3. Хусусияти омодашавии гурӯҳҳои алоҳидаи маҳкумшудагон барои озод шудан аз муассисаи ислоҳӣ.

**БОБИ III. ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ВА АМАЛӢ ДАР РАВАНДИ МУТОБИҚШАВИИ ИҶТИМОИИ МАҲКУМШУДАГОНЕ, КИ БАРОИ ОЗОД ШУДАН АЗ ҶОЙҲОИ МАҲРУМ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ ОМОДА МЕШАВАНД.** 42

3.1. Нақши институти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ омода мешаванд. Субектҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ.
3.2. Мушкилиҳои аз нав иҷтимоикунӣ ва мутобиқсозии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки аз муассисаи ислоҳӣ озод мешаванд.
3.3. Воситаҳо ва маводҳои тавсияшуда.

Замимаҳо (бланкаҳо, барномаҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ, корти иҷтимоии СРИҶҶ, Дастурамал --- СРИҶҶ). 63

Луғат 78

Адабиёт 80

**МУХТАСАРОТ**

| | |
|---|---|
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВА ҶТ | Вазорати адлияи ҶТ |
| ВТҲИА ҶТ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ |
| КИҶҶ | Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ |
| КТ | Колонияи тарбиявӣ |
| КТ ҶТ | Кодекси тандурустии ҶТ |
| КҶ ҶТ | Кодекси ҷиноятии ҶТ |
| МИ | Муассисаи ислоҳӣ |
| СИҶҶ | Системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ |
| ҚҶТ | Қонуни ҶТ |
| ҚҶТ СИҶҶ | Қонуни ҶТ «Оид ба системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» |
| ПМҶД | Пеш аз мӯҳлат ҷавоб додан |
| ИТ | Изолятори тафтишотӣ |
| ВГС | Вируси гепатити С |
| ТБ | Туберкулёз |

## МУҚАДДИМА

Ҳангоми озод шудан, инсон ба ҷамъияте ворид мешавад, ки вақтҳои охир сахт тағйир ёфтааст. Ӯ ҷойи кор надорад, аксар вақт манзил надорад, ӯ воқеан танҳо аст. Бо мушкилиҳои душворҳалшаванда рӯ ба рӯ шуда, чун қоида, ӯ чизеро беҳтар аз нав содир кардани ҷиноят намеёбад.

Мақсади кормандони иҷтимоӣ – пешбинӣ намудани мушкилиҳои имконпазир ва ба онҳо омода намудани озодшаванда, ҷалб кардани хадамотҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ барои парасторӣ намудани онҳо мебошанд.

Барқарорсозии иҷтимоии маҳкумшудагон – раванди барқарор кардани функсияҳои иҷтимоӣ, нақшҳо, мақоми шахси аз озоди маҳрумшуда, ки аз тарафи онҳо вобаста ба содир намудани ҷиноят аз даст дода шудааст, маҳкумсозӣ ва адокунии ҷазо дар шароитҳои махсуси ҷудонигаҳдорӣ (изолятсия) ва маҳдудкунии қонунӣ дар баъзе ҳуқуқҳо ва озодиҳо мебошад. Ин кори бисёрҷабҳа дар муассисаи ислоҳотӣ оғоз меёбад ва баъд аз озодшавӣ идома меёбад, то он вақте, ки қобилияти шахс ба фаъолияти мукаммали иҷтимоӣ пурра барқарор карда нашавад. Самаранокии он бо тамоми маҷмӯӣ чораҳои барқарорсозӣ ба даст меояд: тиббӣ, равонӣ, омӯзгорӣ, касбӣ, аслан иҷтимоӣ.

Корманди иҷтимоӣ дар муассисаи ислоҳӣ ин намуди махсуси фаъолияти касбӣ барои расонидани кӯмаки иҷтимоӣ, дастгирӣ ва ҳифзи маҳкумшудагон бо мақсади ислоҳшавӣ ва аз нав иҷтимоикунии онҳо дар давраи иҷрои ҷазои ҷиноӣ, инчунин мутобиқшавӣ дар ҷомеа пас аз озодшавӣ мебошад.

Кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон қисми таркибӣ ва ҷузъи системаи сермарҳилавии мусоидати давлатӣ ва ғайридавлатии шаҳрванд дар давраи адои ҷазо маҳсуб меёбад.

Мушкилиҳои сершуморе, ки бо маҳкумшудагон рӯй медиҳанд, ҳалли онҳоро талаб мекунанд, ва бешубҳа зарур аст, ки дар ҳалли онҳо чунин як мутахассис ҳамчун корманди иҷтимоӣ иштирок намояд, ки якҷоя бо хадамоти равоншиносӣ ба принсипҳои ахлоқӣ-инсонпарварӣ нисбати маҳкумшудагон сарфаҳм равад.

Модули таълимии мазкур барои кӯмаки тренерони муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба гузаронидани тренингҳо таҳия шуда, барои кормандоне, ки бо маҳкумшудагон кор мекунанд ва талаботи иҷтимоӣ доранд, мебошад.

Модули мазкур ба тренерон барои таҳияи барномаҳои тренингии худ кӯмак мекунад. Бо вуҷуди ин, он як ақида намебошад ва тренерон метавонанд мавзӯҳоро дар асоси баҳогузории талаботи иштирокчиён тағйир диҳанд. Модул ба таври фасеҳ оварда шудааст ва имкон дорад, ки мавзӯҳо якҷоя карда шаванд.

**Мақсад ва вазифаҳои курси таълимӣ**

Мақсади курси таълимӣ ин ташаккули салоҳиятнокии кормандони хадамоти тарбиявӣ дар кори ичтимоӣ бо маҳкумшудагон пеш аз озодшавӣ мебошад. Системаи салоҳиятнокии касбии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ дар нақшаи поён оварда шудааст.




Вазифаҳои курси таълимӣ метавонанд аз кори ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои гуногуни касбӣ иборат бошанд. Дар ибтидои ҳар як банди модули таълимӣ вазифаҳои мухтасари таълимӣ оварда мешаванд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои тренингии худ ба онҳо метавон сарфаҳм рафт.

**Барнома ва нақшаи методии курси таълимӣ**

Дар поён барномаи курси таълимии дурӯза барои кормандони хадамоти тарбиявии системаи ичрои чазои чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мешавад. Ин барнома метавонад ҳамчун намунаи ташкили имконпазири омӯзиш барои баланд бардоштани иқтидори касбии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ истифода шавад.

## БАРНОМА

| | |
|---|---|
| **РӮЗИ ЯККУМ** | |
| 09.00-09.30 | Бақайдгирии иштирокчиён |
| 09.30-10.00 | Кушодашавии омӯзиш |
| 10.00-10.30 | Шиносоӣ бо иштирокчиён<br>Ҷамъоварии интизорӣ |
| **Ҷаласаи 1. Стандартҳои кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон** | |
| 10.30-11.30 | Стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалии кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон |
| 11.30 – 12.30 | Инъикоси стандартҳои байналмиллалии кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 12.30 – 13:30 | Танаффус ба хӯроки нисфирӯзӣ |
| **Ҷаласаи 2. Кори иҷтимоӣ дар шароити муассисаҳои ислоҳӣ** | |
| 13:30 – 14:30 | Мафҳум ва моҳияти ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ омода мешаванд |
| 14.30 – 15.30 | Принсипҳо ва марҳилаҳои ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ омода мешаванд |
| 15.30 – 16.00 | Танаффус |
| 16.00 – 17.00 | Хуссусиятҳои омодашавии барои озод шудан аз муассисаҳои ислоҳӣ гурӯҳои алоҳида маҳкумшудагон |
| 17.00 – 17.30 | Ҷамъбасти натиҷаҳои рӯзи якум |
| **РӮЗИ ДУВВУМ** | |
| **Ҷаласаи 3. Тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ омода мешаванд** | |
| 09.30 – 10.30 | Тавсияҳои методӣ ва амалӣ |
| 10.30 – 11.30 | Нақши институти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ омода мешаванд. Субъектҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ |
| 11:30 – 12:30 | Мушкилиҳои аз нав иҷтимоикунӣ ва мутобиқшавии маҳкумшудагоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ озод мешаванд. |
| 12.30 – 13.30 | Танаффус ба хӯроки нисфирӯзӣ |
| 13.30 – 15.30 | Воситаҳо ва маводҳои тавсияшуда |
| 15.30-16.30 | Саволу - ҷавоб<br>Ҷамъбасти натиҷаҳои омӯзиш |

**Нақшаи методии курси таълимӣ**

**«КОРИ ИҶТИМОӢ БО МАҲКУМШУДАГОН ПЕШ АЗ ОЗОДШАВӢ»**

**МАҚСАД**

Такмил додани дониши иштирокчиён доир ба стандартҳои кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон, хусусиятҳои омодасозии гурӯҳҳои гуногуни маҳкумшудагон ба озодшавӣ аз муассисаҳои ислоҳӣ, аз ҷумла ташаккули малакаҳо дар истифодаи воситаҳо ва маводҳои омӯзишӣ дар соҳаи кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон мебошад.

**МАСЪАЛАҲО БАРОИ БАРРАСӢ ВА ОМӮЗИШ**

1.Стандартҳои кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон
2. Кори иҷтимоӣ дар шароити муасисисаҳои иҷтимоӣ
3. Тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои адои ҷазо

| **РӮЗИ ЯККУМ** | **РӮЗИ ДУВВУМ** |
|---|---|
| 8 соат:<br>• 5 соати таълимӣ\академӣ<br>• 1 соат танаффуси нисфирӯзӣ<br>• 30 дақиқа барои танаффус<br>• 1 соат 30 дақиқа – кушодашавӣ, шиносоӣ, ҷамъбасти омӯзиш<br><br>5 соати академӣ (1ум ҷаласа – 2 соат, 2ум ҷаласа - 3 соат) | 7 соат:<br>• 5соати таълими\академӣ<br>• 1 соат барои танаффуси нисфирӯзӣ<br>• 1 соат барои саволу-ҷавоб, ҷамъбасти рӯз<br><br>5 соати таълими\академӣ -3юм ҷаласа |
| **ВАҚТИ УМУМӢ: 15 соат** (10 соати академӣ, 2 соат танаффус барои таоми пешин, 30 дақиқа барои танаффус, 2 соат 30 дақиқа барои кушодашавӣ, саволу-ҷавоб ва ҷамъбаст) | |

**ВОСИТАҲОИ ЗАРУРИ ОМӮЗИШ ВА ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ**

- Флипчартҳо ва маркерҳои ранга
- дафтару ручкаҳо
- LCD проектор ва экран

**МАВОДҲОИ ТАҚСИМШАВАНДА**

**РМ 1-1.**Барнома барои иштирокчиён.

Омӯзгор метавонад маводҳоро вобаста ба сатҳи дониши гурӯҳ ва эҳтиёҷоти иштирокчиён интихоб намояд.

**УСУЛҲОИ ОМӮЗИШ**

- мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ)
- кр мбо маводҳои тақсимшаванда
- презентатсия (дар формати *PowerPointPresentation)*
- муҳокимаи умумӣ
- ҳуҷуми зеҳнӣ
- мини-лексия
- машқҳои амалӣ доир ба пур кардани бланкҳо

| Вақт | Мавзӯъ | Усулҳо | Маводҳои тақсимшаванда.<br>Вазифаҳои кори гуруҳӣ (МГХ). |
|---|---|---|---|
| **РӮЗИ ЯКУМ** | | | |
| 09.00-09.30 | Бақайдгирии иштирокчиён | | |
| 09.30-10.30 | Ифтитоҳи курси таълимӣ<br>Шиносоӣ бо иштирокчиён<br>Ҷамъ кардани интизориҳои иштирокчиён аз омӯзиш | Истифодаи усулҳои интерактивии таълим тавсия мешавад («сабад», намудҳои гуногуни шиносоӣ бо истифода аз машқҳои интерактивӣ, истифодаи карточкаҳои ранга ва ғ. ) | Барномаи курси таълимӣ,карточкаҳои ранга, флипчартҳо, маркерҳо |
| **Ҷаласаи 1. Стандартҳои кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон** | | | |
| 10.30-11.30 | Стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалии кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гурух)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори гуруҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия. | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ (иштирокчиёнро ба гуруҳҳои хурд тақсим намудан вобаста ба шумораи онҳо):<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Кадом стандартҳову меъёрҳои кори иҷтимоиро номбар карда метавонед |
| 11.30- 12.30 | Инъикоси стандартҳои байналмиллалии кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гурух)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори гуруҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия. | Презентатсия - слайдҳо дар формати PowerPoint<br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ:<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1. Кадом стандартҳову меъёрҳои кори иҷтимоии қонунгузории ЧТ-ро номбар карда метавонед |
| 12.30 -13.30 | Танаффус барои хӯроки пешин | | |
| **Ҷаласаи 2. Кори иҷтимоӣ дар шароити муассисаҳои ислоҳӣ** | | | |
| 13.30- 14.30 | Мафҳум ва моҳияти ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ омода мешаванд | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокимабо иштирокчиён | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point |
| 14.30-15.30 | Принсипҳо ва марҳилаҳои | Мини – лексиябо ҷӯршавии слайдҳо | Презентатсия - слайдҳо дар формати |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ омода мешаванд. | Муҳокимабо иштирокчиён<br>Муҳокима дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳ)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори гуруҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия. | PowerPoint<br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Принсипҳо ва марҳилаҳои ҳамроҳии иҷтимоииро Шумо медонед |
| 15.30-16.00 | Танаффус | | |
| 16.00-17.00 | Хусусиятҳои омодашавии барои озод шудан аз МИ гурӯҳҳои алоҳида маҳкумшудагон. | Мини – лексиябо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокимабо иштирокчиён<br>Муҳокима дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳ)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори гуруҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия. | Презентатсия - слайдҳо дар формати PowerPoint<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Кадом гурӯҳҳои алоҳидаи маҳкумшудагонро шумо медонед?<br>2.Кадом хусусиятҳои омодашавии пеш аз озодшавӣ дар МИ мавҷуданд? |
| 17.00-17.30 | Фикру ақидаҳои иштирокчиён<br>Ҷамъбасти рӯзи якум | | |

| **РӮЗИ ДУВВУМ** | | | |
|---|---|---|---|
| **Ҷаласаи 3. Тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ омода мешаванд** | | | |
| 09.30-10.30 | Тавсияҳои методӣ ва амалӣ | Мини – лексиябо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point |
| 10.30-11.30 | Нақши институти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ омода мешаванд. | Мини – лексиябо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Муҳокима дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳҶамъбасти муаррифии кори гуруҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия. | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br><br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1. Кадом институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд/бояд дар мутобиқшавии иҷтимоии |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Субъектҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ | | маҳкумшудагон иштирок кунанд<br>2. Кадом душвориҳо /афзалиятҳои ҳамкории СИҶҶ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар соҳаи мутобиқшавии иҷтимоӣ номбар карда метавонед? |
| 11.30-12.30 | Мушкилиҳои аз нав иҷтимоикунӣ ва мутобиқшавии маҳкумшудагоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ зод мешаванд | Мини – лексиябо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокимабо иштирокчиён<br>Ҷамъбаст<br>Муҳокима дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳҶамъбасти муаррифии кори гуруҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1. Кадом мушкилиҳои раванди аз нав иҷтимоикуниро номбар карда метавонед<br>2. Кадом роҳҳои ҳалли ин мушкилиҳоро пешниҳод карда метавонед? |
| 12.30- 13.30 | Танаффус барои хӯроки пешин | | |
| 13.30-15.30 | Воситаҳо ва маводҳои тавсияшуда | Мини – лексиябо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокимабо иштирокчиён<br>Ҷамъбаст<br>Муҳокима дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гуруҳ<br>Ҷамъбасти муаррифии кори гуруҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия. | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Кор бо намунаи ҳуҷҷатҳои пуркардашаванда; чӣ зарур аст/ ё бояд ба кори СИҶҶ ҷорӣ шавад |
| *15.30-16.30* | Саволу – ҷавоб<br>Фикру ақидаи иштирокчиён<br>Ҷамъбасти омӯзиш | | |

# БОБИ I. СТАНДАРТҲОИ КОРИ ИҶТИМОӢ БО МАҲКУМШУДАГОН

1.1. Стандартҳо ва меъёрҳои кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон
1.2. Инъикоси стандартҳои байналмиллалии кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Вазифаҳои омӯзиш:**

1. Иштирокчиён стандартҳо ва қоидаҳои ақалии СММ-ро оид ба муносибат бо маҳкумшудагон ва инъикоси онҳоро дар қонунгузории ҶТ медонанд.
2. Иштирокчиён бо қоидаҳои алоҳидаи қисми «Алоқаҳои иҷтимоӣ ва парасторӣ пас аз озод шудан» ва «Қоидаҳое, ки ба гурӯҳи махсус истифода мешаванд» шинос мешаванд.

**Шарҳи маводи асосӣ**

Санадҳои байналмиллалие, ки ба масъалаҳои муносибат бо маҳкумшудагон тааллуқ доранд, аз рӯи хусусият ва шакл хеле гуногунанд. Онҳо метавонанд: умумӣ (универсалӣ) ва махсус; ҳатмӣ барои иҷро ва дорои хусусияти тавсияшаванда бошанд; шартномаҳои байнидавлатӣ (аҳдҳо, созишнома) ва меъёрҳо-принсипҳо; умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ; амали худро нисбати ҳама гуна ҳуқуқвайронкунҳо ё гурруҳои алоҳидаи онҳо паҳн кунанд.

Аз байни шумораи муҳими санадҳои байналмиллалие, ки хусусияти умумӣ дорад, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (1948 с.), Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966 с.) мебошанд. Эъломия дар бораи ҳимояи ҳамаи шахсҳо аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи шахсият ва ҷазо (1975 с.). Ҳамаи ин санадҳо аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид (СММ) қабул карда шудаанд.

Ба қатори чунин ҳуҷҷатҳо Конвенсия дар бораи меҳнати маҷбурӣ ва ҳатмӣ, ки аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии меҳнат (1930 с.), инчунин Кодекси одоби шахсони хизматӣ оид ба нигаҳдории тартиботи ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1979 қабул шудааст, тааллуқ доранд.

Дар байни стандартҳои махсуси байналмиллалӣ метавон Қоидаҳои ақали муносибат бо маҳбусонро номид, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид (1955 с.) қабул шудааст. Дар хусуси муносибат бо шахсони ба ҳукми қатл маҳкумшуда, СММ дар соли 1984, як ҳуҷҷат бо унвони "Чораҳои кафолатдиҳандаи ҳимояи ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба ҳукми қатл маҳкум шудаанд" қабул кардааст.

Дар соли 1985 аз тарафи СММ "Қоидаҳои ақали стандартӣ барои фиристодани қарори адлия нисбати ноболиғон" (Қоидаҳои Пекин) қабул шудаанд; дар соли 1990 – Қоидаҳо оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда. Дар соли 1989, Маҷмӯи принсипҳои ҳифзи ҳамаи шахсоне, ки дар ҳама гуна шакл дучори ҳабс ва аз озодӣ маҳрум шудаанд, қабул карда шуд; дар соли 1990 бошад, - Қоидаҳои ақалии стандартии СММ нисбати чораҳои ба маҳбусӣ вобаста набуда (Қоидаҳои Токиёгӣ).

Агар ба таври алоҳида Қоидаҳои ақалии стандартии муносибат бо маҳбусонро, ки дар Анҷумани 1 СММ дар соли 1955 қабул карда шудаанд, дида бароем, новобаста аз хусусияти тавсиявӣ, онҳо сазоворона мақоми яке аз ҳуҷҷатҳои бонуфузи байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти системаи ҷиноятӣ гирифтанд.

Ҳадафҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва технологӣ аллакай дар арафаи асрҳо зарурият пеш оварданд, ки ба Қоидаҳои ақалӣ шарҳи муосир дода шавад, ки дар соли 1995 дар Тафсирҳои ташкилоти бонуфузи байналмилалии ғайридавлатии Penal reform international (Ислоҳоти байналмиллалии маҳбас) таҳия шудаад. Масъалаи аз нав дида баромадани Қоидаҳои ақалӣ соли 1955 аз тарафи Анҷумани XII СММ дар моҳи декабри соли 2010 оид ба пешгирии ҷиноятkорӣ ва адолати судӣ гузошта шуд, бо ин, ки онҳо дастовардҳои охири илмӣ ва намудҳои беҳтарини таҷрибаи муасиссаҳои ҷиноятӣ-ислоҳиро ба назар гиранд.

Кори мумайизон аз болои лоиҳаи навсозии Қоидаҳои ақал дар ибтидои соли 2015 ба охир расид. Дар моҳи майи соли 2015 Комиссияи Вена ЭКОСОС СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судӣ бо Қарордоди худ лоиҳаи мазкурро ба тасвиб расонд, 17 декабри соли 2015 бошад он ба сифати Қоидаҳои ақали стандартии СММ оиди муносибат бо маҳбусон тасдиқ гашт. Чун нишони эҳтиром ба мероси Президенти ҶАҶ (Африкои ҷанубӣ), ки дар рафти мубориза барои ҳуқуқи инсон ва демократия дар тамоми ҷаҳон 27 сол дар маҳбас гузаронд, ба ҳуҷҷати мазкур номи мухтассар «Қоидаҳои Нелсон Мандела» гузошта шуд. Дар асл, онҳо варианти нави Қоидаҳои ақали стандартии СММ соли 1955 мебошанд[1].

***«Мегӯянд, ки ҳеҷ кас дар ҳақиқат намедонад он кишварро, то вақте ки дар маҳбасҳои он набошад. Кишвар набояд дар робита бо шаҳрвандони бонуфузаш арзёбӣ гардад, аммо танҳо дар робита ба шаҳрвандони аз ҳама поёнӣ баҳогузорӣ карда шавад».***

***Нелсон Мандела***




Расми 1. Қисмҳои мавзӯии қоидаҳои Нелсон Мандела.

Дар сах. 88-и Қоидаҳои Нелсон Мандела, функсияҳои корманди иҷтимоӣ дар муассисаи ислоҳӣ дида мебароянд:

§ дастгирӣ ва мустаҳкамкунии робитаҳои иҷтимоии фоиданок бо оила;

§ дастгирӣ ва мустаҳкамкунии робитаҳои иҷтимоии фоиданок бо ташкилотҳои иҷтимоӣ (ҷамъиятӣ);

§ ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандии маҳкумшудагон;

§ ҳифзи ҳуқуқи маҳкумшудагон барои таъминоти иҷтимоӣ ва дигар имтиёзҳо.

---

[1] В.А.Уткин, «Правила Нельсона Манделы: Новые акценты и значение», Рязань 2017

## 1.1. Робитаҳои иҷтимоӣ ва парасторӣ пас аз озодшавӣ

Дар Қоидаҳои ақали стандартӣ самтҳои гуногуни кори иҷтимоӣ бевосита ва ғайримустақим ба тартиб андохта мешаванд. Ҳамин тавр, ба Қоидаҳо чунин самти кори иҷтимоӣ, чун омода кардани маҳбусон ба озодшавӣ диққати калон дода мешавад.

Мувофиқи банди 1-и Қоидаи 88 «дар муносибат бо маҳбусон набояд хориҷ кардани онҳо аз ҷамъият дар назар дошта шавад, балки ҳолате, ки онҳо аъзои ҷомеа боқӣ мемонанд, ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ зарур аст, ки дар ҳама ҷои имконпазир барои ҳамкорӣ бо ҳайати кормандони муассисаҳо бо мақсади баргардондани маҳбусон ба зиндагонӣ дар ҷомеа ҷалб намоянд. Дар ҳар як муассисаи ислоҳӣ доштани кормандони иҷтимоӣ зарур аст, ки барои дастгирӣ ва мустаҳкамкунии муносибатҳои матлуб бо оилаи ӯ ғамхорӣ кунанд ва метавонанд бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба ӯ нафъ биёранд. Бояд чораҳое андешида шаванд, ки маҳбусон тавонанд ба қонун ва шароити ҳукми онҳо ҳуқуқҳои мувофикро дар самти манфиатҳои шаҳрвандии онҳо, таъминоти иҷтимоӣ ва дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ нигоҳ доранд».

Дар таҷрибаи байналмилалӣ ақидаи наздиксозии шароитҳои адои ҷазо дар шакли маҳрумсозӣ аз озодӣ ба шароитҳои зиндагӣ дар озодӣ инкишоф ёфтааст. Дурустии ин ақида бо далелҳои зиёд тасдиқ гашта, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сахтгирии шароит барои ислоҳи маҳкумшудагон мусоидат намекунад.

Қоидаҳо таъкид мекунанд, ки робитаҳо бо ҷаҳони беруна, таъминоти иҷтимоӣ, қисми муҳими ҳаёт дар муассисаҳои ислоҳӣ мебошанд ва барои баргашти маҳкумшудагон ба ҳаёт дар ҷомеа мусоидат мекунанд. Маъмурият бояд барнома барои дастгирӣ кардани муносибатҳои маҳкумшудагон бо ҷаҳони беруна, фароҳам овардани манфиатҳои шаҳрвандии онҳо аз аввали адо намудани ҷазо дар зиндагӣ татбиқ намояд. Ҳамзамон, дар дастгирӣ намудани робитаҳои фоиданоки иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоии маҳбусон ва омодасозии онҳо барои озодшавӣ, кормандони иҷтимоӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои иҷтимоӣ машғул мебошанд.

Дар Қоидаҳои ақали стандартӣ асосҳои ҳуқуқии чунин самтҳои кори иҷтимоӣ инъикос ёфтаанд, чун нигоҳдорӣ ва дастгирии робитаҳои фоиданоки иҷтимоӣ бо ҷаҳони беруна ва омодасозӣ барои озод шудан. Ҳамин тариқ, мутобиқ ба Қоидаи 58 ба маҳкумшудагон бояд имконият дода шавад, ки дар муддати мунтазам ва таҳти назорати лозимӣ бо оилаҳои худ ё дӯстон робита кунанд, ҳам аз тариқи мукотиба ва ҳам дар рафти ташриф овардан. Ин қоида мақсади нигоҳдории робитаҳои фоиданоки оилавӣ, хешутаборӣ ва дигар робитаҳои маҳкумшудагонро таъқиб мекунад. Барои дастгирӣ ва мустаҳкамкунии робитаҳо байни маҳбус ва оилаи ӯ бояд диққати махсус дода шавад, ки матлуб буда ва барои манфиати ҳар ду тараф хизмат мекунанд.

Мувофиқи Қоидаҳои 63 маъмурияти муассиса уҳдадор аст, ки ба маълумоти маҳбусон хабарҳои бештар муҳимро расонад, бо додани имкони хондани рӯзнома, маҷалла ё нашрияи махсуси маҳбасӣ, гӯш кардани радио ва дар лексияҳо иштирок кардан, ё ин ки бо ёрии ҳар гунна воситаҳои дигаре, ки аз тарафи мақомоти маъмурӣ иҷозат дода шудааст. Расонидани хабарҳо ва додани имконияти гирифтани маълумот оид ба рӯйдодҳо, ки дар паси деворҳои муассиса ба вуқӯъ меоянд, имкон медиҳанд, ки мутобиқшавии маҳбусон ба шароити беруна нигоҳ дошта шавад, ҳангоми озодшавӣ ва дуруст шудан дар озодӣ созгор мебошад.

Мувофиқи Қоидаи 107 аз ибтидои адои мӯҳлати ҷазо бояд нисбати ояндаи маҳбус, ки ӯро пас аз озодшавӣ интизор аст, андеша кард. Барои ин, ӯ бояд ҳавсманд карда шавад, инчунин ба ӯ кӯмак расонида шавад, ки бо шахсон ва муассисаҳои берун аз маҳбас робита пайдо кунад, ки имконияти воридшавӣ ба зиндагии ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои оилаи ӯро доранд. Дар ин ҳолат, робитаи маҳбус бо ҷаҳони беруна, оила ҳамчун омили устувор дар омода кардани ӯ барои ҳаёт дар озодӣ мебошад.

Дар муносибат бо шахсони ба ҳабс гирифта ё дигар намуди ҷазо маҳкумшуда, бо назардошти давомнокии мӯҳлати адои ҷазои онҳо бояд кӯшиш кунад, ки хоҳиши итоат ба қонун одат шавад ва мавҷудияти худро пас аз озодшавӣ таъмин намоянд.

Ҳамин тавр, мутобиқи Қоидаи 92, бо ин мақсад, бояд ҳамаи чораҳои муносиб, аз он ҷумла хизматрасонии динӣ дар кишварҳое, ки имконияти омӯзиш, тайёрии касбӣ ва шиносоӣ, омӯзиши ҳолатҳои мушаххаси иҷтимоӣ, машваратҳо дар самти бо кор таъминкунӣ, тарбияи

ҷисмонӣ ва устувор кардани характер андешида мешаванд, талаботи ҳар як маҳбус, гузаштаи иҷтимоӣ ва ҷиноятии ӯ, қобилияти ҷисмонӣ ва ақлӣ ва имкониятҳо, мизоҷи ӯ, давомнокии мӯҳлати ҳабси ӯ ва имкониятҳои ӯ пас аз озод шудан ба назар гирифта шаванд. Дар Қоидаҳои ақали стандартӣ ҳамчунин оид ба иштироки ташкилотҳои беруна дар кӯмакрасонӣ ба маҳкумшудагон барои дурустшавӣ дар озодӣ пас аз озод шудан гуфта шудааст. Ҳамин тавр, мувофиқи Қоидаҳои 108 хадамотҳо ва ташкилотҳои ҳукуматӣ ва дигаре, ки ба маҳбусони озодшуда барои ёфтани ҷойи худ дар ҷомеа кӯмак мерасонанд, бояд ба қадри имкон ва зарурат ғамхорӣ намоянд, ки чунин маҳбусон ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва шаҳодатномаи шахсӣ гирифта, манзил ва ҷойи кори муносиб пайдо намуда, либоси мувофиқ ба иқлим ва фасли сол, маблағи кифоя барои харҷи роҳ ба ҷои таъиншуда ва зиндагӣ ба мӯҳлати давраи минбаъда дошта бошанд.

Дар Қоидаҳои ақали стандартӣ муносибат бо маҳбусон ба чунин ҷанбаи кори иҷтимоӣ, чун ҳифзи саломатӣ ва хизматрасонии тиббии маҳбусон таваҷҷӯҳ карда мешавад. Ва ин тасодуфӣ нест, зеро саломатӣ арзиши олитарини инсон маҳсуб меёбад, ва ғамхорӣ нисбати он бояд дар мадди аввал бошад. Ҳамин тавр, мувофиқи банди 1 Қоидаи 25 дар ҳар муассисаи ислоҳӣ бояд хадамоти тиббию санитарӣ бошад, ки ба он вазифаи баҳогузорӣ, дастгирӣ, ҳифз ва беҳтар кардани саломатии ҷисмонӣ ва равонии маҳбусон вобаста шуда, ба эҳтиёҷоти хоси кӯмаки тиббию санитарӣ ё мушкилиҳои саломатии маҳбусон таваҷҷӯҳи баланд бахшида мешавад. Бо ин мақсад, муассисаҳо бояд барои таъмини ҳамаи хизматрасонии зарурии тиббӣ, ҷарроҳӣ ва рӯҳӣ имконият дошта бошанд. Саломатӣ ва беҳбудии маҳкумшуда бо пешомадҳои бозгашти ӯ ба зиндагии муқаррарӣ сахт алоқаманд мебошанд. Маъмурияти муассисаҳои ислоҳӣ барои таъмини саломатии ҳам равонӣ ва ҳам ҷисмонии маҳкумшудагон масъулият дорад.

Оид ба ғамхорӣ намудан барои саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии маҳбусон духтур вазифадор аст, ки бояд ҳамарӯза ҳамаи беморонро қабул ва хабар гирад, ҳамаи онҳоеро ки аз дард шикоят мебаранд. Зеро саривақт расонидани кӯмак ба маҳбус ин кафолати зуд муолиҷа шудани ӯ мебошад.

Дар Қоидаҳои ақали стандартӣ ҳам чунин самти кори иҷтимоӣ чун гирифтани маълумот дар вақти адои ҷазо дарҷ гардидааст. Ҳамин тавр, маҳбусоне, ки қобилияти аз ин манфиат бардоштан доранд, бояд бо имконияти таҳсили минбаъда таъмин карда шаванд. Омӯзиши бесаводҳо ва ҷавонон бояд ҳатмӣ ба ҳисоб равад, ва мақомоти идоракунии маҳбусӣ бояд ба он диққати махсус диҳанд. Бо вуҷуди ин, омӯзиши маҳбусон бояд то ҳадди имкон ба системаи маорифи кишвар вобаста карда шавад, то ки маҳбусони озодшудаванда бидуни мушкилиҳо тавонанд таҳсил кунанд. Ташкили таҳсилоти маҳбусон, баланд бардоштани сатҳи умумии маълумотнокӣ ва касбии онҳо, на танҳо ҳамчун воситаи муҳими пешгирикунанда ҳангоми адои ҷазо баромад мекунад, балки инчунин имкониятҳои бомуваффақияти мутобиқшавии иҷтимоии ин шахсонро пас аз озодшавӣ аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ба таври назаррас баланд мебардоранд (Қоидаи 104).



**ҚОИДАҲОИ НЕЛСОН МАНДЕЛА** – ҳуҷҷати байналмиллалие, ки дар он қоидаҳои ақали стандартии муносибат бо маҳбусон ифода гаштаанд, аввалин маротиба соли 1955 дар Иҷлосияи СММ оид ба пешгирии ҷиноятͅкорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандаҳо қабул шудааст. Қоидаҳои мазкур барои коркарди қонунҳо, сиёсат ва таҷрибаи кори муассисаҳои маҳбусӣ аҳамияти калон доранд.

**ҲОЛАТИ МУШКИЛИ ЗИНДАГИИ МАҲБАСӢ** – як навъи ҳолати иҷтимоие, ки маҷмӯи мушкилиҳои мураккаби иҷтимоии шахсро муайян мекунад, ифодакунандаи рафтори ҷиноӣ мебошанд, инчунин ҳолатҳои иловагии душворҳалшаванда, ки бо адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста мебошанд. Кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон барои бартараф намудани ин мушкилиҳо ва рушди некбинонаи шахсият ба таври касбӣ равона гардидаанд.

## 1.2. Инъикоси стандартҳои байналмиллалии кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Инъикоси Қоидаҳои ақали стандартии муносибат бо маҳбусонро мо метавонем дар санадҳои миллии қонунгузории навбатӣ дида бароем:

- Кодекси ҷиноятии ҶТ
- Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ
- Кодекси тандурустии ҶТ
- ҚҶТ «Оид ба системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»
- ҚҶТ «Оид ба таҳсилот»
- ҚҶТ «Оид ба таҳсилоти калонсолон»

Талаботҳои навбатии иҷтимоии Стандартҳои байналмилалии муносибат бо маҳбусонро баррасӣ мекунем, ки дар қонунгузории миллӣ оид ба иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ, ҷиноятӣ ва дигар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд.

*a)* Муносибати сазовор бо маҳкумшудагон
*b)* Таъмини озодии виҷдон ва озодии динии маҳкумшудагон
*c)* Шароити нигоҳдории маҳкумшудагон ва ҳифзи саломатӣ
*d)* Гирифтани таҳсилот дар МИ
*e)* Робита бо оила ва хешовандон, гирифтани маълумот
*f)* Расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба шахсони озодшаванда аз адои ҷазо
*g)* Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ

***(a) Муносибати сазовор бо маҳкумшудагон***

Қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар асоси принсипҳои қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ҷавобгарии ногузир, ҷавобгарии шахсӣ, гунаҳкорӣ, адолат, инсонпарварӣ, демократӣ (мод.3 КҶ ҶТ) бунёд ёфтааст. Принсипи инсонпарварӣ ба он равона шудааст, ки ҷазо ва дигар чораҳои хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дошта, нисбати шахси ҷиноят содиркарда, наметавананд мақсади расонидани азоби ҷисмонӣ ё паст задании шаъну шарафи инсонро дошта бошанд (мод.9 КҶ ҶТ).

Дар КИҶҶ ҶТ қайд гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагонро эҳтиром ва ҳифз менамояд, шароити адои ҷазо бо қонунгузории муқаррарнамуда, кафолатҳои адолати иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ, инчунин амнияти шахсиро ҳангоми иҷрои ҷазо таъмин мекунад. Мувофиқи КИҶҶ ҶТ маҳкумшудагон ба муносибати боадабона аз тарафи ҳайати муассиса ё мақомоти иҷрокунандаи ҷазо ҳуқуқ доранд. Онҳо набояд ба муносибати бераҳмона ва пасткунандаи шаъну шарафи инсон гирифтор гарданд. Чораҳои маҷбурӣ ба маҳкумшудагон танҳо дар асоси қонун истифода бурда мешаванд. (мод.16).

Дар моддаи 18 КИҶҶ ҶТ қайд гардидааст, ки маҳкумшудагони шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ аз рӯи Кодекси пешбининамуда, инчунин санадҳои муқарраргардидаи байналмиллалии ҳуқуқӣ, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидааст, қонунгузорӣ дар бораи вазъияти ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, бо мусодира ва маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ дар бораи иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ, ҷиноятӣ ва дигар қонунгузорӣ ҳуқуқ ва ухдадориҳо доранд.

***(b) Таъмини озодии виҷдон ва динии маҳкумшудагон***

Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯяд, ки «Давлат ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар касро, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва маишӣ кафолат медиҳад» (моддаи 17), ва «Ҳар кас ҳуқуқи мустақилона муайян кардани муносибати худро ба дин, ба ҳама гунна дин алоҳида ё якҷоя бо дигарон пайравӣ намудан, дар идоракунии маросимҳои динӣ, расму оинҳо ва маросимҳо иштирок кардан"(моддаи 26).

Дар ҶТ ба маҳкумшудагон озодии виҷдон ва озодии динӣ кафолат дода мешавад. Ҳамин тавр, моддаи 21 КИҶҶ (*Таъмини озодии виҷдон ва озодии динии маҳкумшудагон*) қайд мекунад, ки ҳар як маҳкумшуда ҳуқуқ дорад мустақилона муносибати худро ба дин муайян кунад, алоҳида ё якҷоя бо дигарон ҳама гунна динро пайравӣ намояд, дар идоракунии маросимҳои динӣ, расму оинҳо ва маросимҳо иштирок кунад, озодона интихоб карда, ақидаҳои динӣ ё атеистӣ дошта бошад ва мувофиқи онҳо амал кунад.

Шахсоне, ки адои ҷазо дар шакли маҳдудият аз озодӣ ба сар мебаранд, бо хоҳиши онҳо ташрифи муассисаҳои дину оин дар ҳудуди ноҳияи маъмурӣ метавонад иҷозат дода шавад, ки дар ҳудуди он марказиислоҳӣ ҷойгир мебошад.

Шахсоне, ки адои ҷазо дар шакли маҳдудият аз озодӣ ба сар мебаранд (ба ғайр аз маҳкумшудагони карсер, изоляторҳои ҷиноятӣ ва интизомӣ, дар манзилҳои шакли камеравӣ ва камераҳои яккаса), дар асоси хоҳиши онҳо, хидматгузорони ҷамъиятҳои динӣ даъват карда мешаванд, ки бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ба маҳкумшудагон барои иҷрои оинҳои динӣ, истифодаи ашёҳои дину оин ва адабиёти динӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад. Бо ин мақсад, маъмурияти муассиса манзили мувофиқ ҷудо мекунад.

Ба маҳкумшудагони сахт бемор, инчунин ба маҳкумшудагони ҳукми қатл дошта, пеш аз иҷрои ҳукм, бо хоҳиши онҳо, имкон пайдо мекунанд, ки ҳамаи маросимҳои зарурии диниро бо даъвати хидматгузорони дину оин анҷом диҳанд.

Рафти маросимҳои динӣ бояд қоидаҳои тартиботи дохилиро вайрон накунад ва ба ҳуқуқҳои дигар шахсоне, ки адои ҷазо мекунанд, вайрон насозад.

***(c) Шароити нигоҳдории маҳкумшудагон ва ҳифзи саломатӣ***

Яке аз вазифаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дар якҷоягӣ бо дигарҳо (моддаи 7-и ҚҶТ «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноӣ»), иҷрои меъёрҳои нигоҳдории маҳкумшудагон, ки бо КИҶҶ ҶТ муқаррар шудаанд; яке аз вазифаҳои муассисаи ислоҳӣ - ҷойгиркунӣ ва таъмини моддии маҳбусон, инчунин таъмини ҳолати санитарию- эпидемиологӣ ва саломатии маҳбусон мебошад (моддаи 13). Дар КИҶҶ ҶТ қайд карда шудааст, ки ба маҳкумшудагон шароити зарурии манзилу зист таъмин карда мешавад.

Онҳо аз шакли адои ҷазои маҳкумшудагон вобаста мебошанд:

- ✓ *Шароити адои ҷазо дар шакли корҳои ислоҳӣ (мод.40)*
- ✓ *Таъминоти моддӣ-маишӣ ва тиббию-санитарии маҳкумшудагон ба маҳдудият аз озодӣ (мод. 61)*
- ✓ *Шароити адокунии ҷазои маҳкумшудагон ба маҳрумият аз озодӣ (мод.88)*
- ✓ *Шароити нигоҳдории маҳкумшудагон дар изоляторҳои ҷиноятӣ, манзилҳои шакли камеравӣ ва камераҳои яккаса (мод.123)*

- ✓ *Шароити адо кардани маҳрумият аз озодӣ  дар колонияҳои ислоҳӣ – қасабаҳо  (мод. 126)*
- ✓ *Шароити адо кардани маҳрумият аз озодӣ дар колонияҳои ислоҳии низоми умумӣ (мод.128)*
- ✓ *Шароити адо кардани маҳрумият аз озодӣ дар клонияҳои ислоҳӣ низоми пурзур  (мод.130)*
- ✓ *Шароити адо кардани маҳрумият аз озодӣ дар колонияҳои низоми сахт  (мод.132)*

ва дигар.

Мувофиқи КТ ҶТ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ (дар қатори дигарҳо) бар принсипи таъминоти баробари ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани кӯмаки тиббии бехатар, самарабахш ва босифат; таъмини андозаи бокафолати кӯмаки бебозгашти тиббӣ; дастрасии кӯмаки иҷтимоӣ ва иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон барои ҳифзи саломатӣ (мод.3) асос ёфтааст. Шахсони боздоштшуда, зери ҳабс қарор гирифтаанд, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ адои ҷазо мекунанд, ё ин ки ба ҳабси маъмурӣ гирифтор ҳастанд, барои гирифтани кӯмаки тиббӣ дар ташкилотҳои системаи давлатӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ ҳуқуқ доранд (ст.148). Ҳангоми муроҷиат барои кӯмаки тиббӣ ва гирифтани он, бемор ба муносибати эҳтиромона ва инсондӯстонаи кормандони тиб ва ҳайати хизматрасонӣ ҳуқуқ дорад (мод.47 Кодекси тандурустии ҶТ).

Вазифаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дар қатори дигарҳо (мод. 7), ин таъмини ҳифзи саломатии маҳкумшудагон ва беҳтар намудани шароитҳои санитарӣ – эпидемиологӣ ва ҳифзи саломатии шахсоне мебошанд, ки дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Муассисаҳои тиббии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ - беморхонаҳо, беморхонаҳои махсуси рӯҳӣ ва сил, қисмҳои тиббӣ, тибқи ҚҶТ «Дар бораи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», барои расонидани кӯмаки тиббӣ ба маҳкумшудагон, маҳбусон дар ҳудуди муассисаҳои ислоҳӣ ташкил карда мешавад (моддаи 28).

КИҶҶ ҶТ қайд мекунад, ки маҳкумшудагон ба ҳифзи саломатӣ, аз ҷумла гирифтани кӯмаки аввалияи тиббию-санитарӣ ва кӯмаки махсуси тиббӣ дар шароитҳои амбулаторӣ-муолиҷахонагӣ ё беморхона вобаста ба хулосаи тиббӣ ҳуқуқ доранд (мод. 16).

***(d)  Гирифтани таҳсилот дар МИ***

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз мансубияти шаҳрвандӣ, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, вазъи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молиявӣ ҳуқуқ ба таҳсилот кафолат дода мешавад (мод.6-и ҚҶТ «Дар бораи маориф»). Маҳдуд кардани ҳуқуқи таҳсилоти касбии шаҳрвандон аз рӯи нишонаҳои ҷинс, синну сол, вазъи саломатӣ, мавҷудияти ҷиноят ва дигар нишонаҳо танҳо дар асоси талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ амалӣ карда мешавад.

Калонсолоне, ки бо қарори судӣ ҳуқуқҳояшон маҳдуд карда шудаанд, наметавонанд аз ҳуқуқ ба таҳсил маҳрум карда шаванд. Мувофиқи қонунгузории ҶТ, танҳо роҳҳои иҷрокунии ҳуқуқ барои гирифтани таҳсилот маҳдуд карда шудаанд (мод.6. ҚҶТ «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»).

Таҳсилоти махсус, ҳамчун қисми таркибии системаи таҳсилоти ҶТ буда, тарбия, омӯзиш,  ... ва барқарорсозии иҷтимоии кӯдакон ва наврасонро, ... ки рафтори онҳо дар ҷомеа хатарнок ба ҳисоб меравад, таъмин менамояд. Барои наврасони аз 10 сола боло, ки рафтори онҳо дар ҷомеа хатарнок ба ҳисоб меравад, ба шароитҳои махсуси тарбия ва таҳсилот эҳтиёҷ дошта, муносибати махсуси омӯзгориро талаб мекунанд, муассисаҳои гуногуни махсуси таълимӣ-тарбиявӣ сохта шуда истодаанд... Тарбия ва омӯзиши кӯдакон ва наврасон дар муассисаҳои таълимии махсус ройгон аст (мод. 23 ҚҶТ «Дар бораи маориф»).

Дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноӣ дар Тоҷикистон яке аз воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагон ин гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ ва тайёрии касбӣ (мод. 14 КИҶҶ ҶТ ) мебошад. Вазифаи ҷалб кардани маҳкумшудагон ба меҳнат ва таъмини гирифтани таҳсилоти

умумии онҳо, инчунин омӯзиши касбӣ дар муассисаҳо дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор, инчунин дар ҚҶТ «Дар бораи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» (мод. 7) қайд карда шудааст.

Мувофиқи ҚҶТ «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» (мод.12), дар МИ метавонанд мактабҳои миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, курсҳо, дигар муассисаҳои таълимӣ ташкил карда шаванд. Дар МИ таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё тайёрии касбии маҳкумшудагоне ташкил карда мешаванд, ки касб (ихтисос) надоранд, то ки маҳкумшуда аз рӯи он дар муассисаи ислоҳӣ кор кунад, инчунин пас аз озод шудан. Маъюбони гуррӯҳои I ва II, мардҳои аз 63 боло ва занони аз 58 сола боло, метавонанд бо хоҳиши худ тайёрии касбии мувофиқ гиранд. Маҳкумшудагоне, ки адои ҳабси якумра ба сар мебаранд, бевосита дар истеҳсолот тайёрии касбӣ мегиранд (мод.113 КИҶҶ ҶТ).

Муносибат ба ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар МИ ҳамчунин аз шакли адои ҷазо вобаста аст (масалан, колонияҳои тарбиявӣ, ки дар он таҳсилоти ҳатмии умумии нӯҳсола, таҳсилоти касбӣ ва тайёрии касбии маҳкумшудагон дар асоси мактаби таҳсилоти умумии шабона, омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ ва корхонаи колонияи тарбиявӣ-касбӣ амалӣ карда мешавад).

### *(e) Робита бо оила ва хешовандон, интиқол ва қабули маълумот*

Мувофиқи мод. 16-и КИҶҶ ҶТ, маҳкумшудагон барои гирифтани маълумоти хаттӣ оид ба хуқуқу ӯҳдадориҳои худ, оид ба тартиб ва шароитҳои адои ҷазо, ки аз ҷониби суд муқаррар шудааст, ҳуқуқ доранд. Муассиса ё мақомоти иҷрокунандаи ҷазо вазифадор аст, ки ба маҳкумшудагон маълумоти муайянро пешниҳод кунад, инчунин онҳоро бо тағйирот дар тартиб ва шароитҳои иҷрои адои ҷазо шинос намояд; ба вохӯрӣ бо аъзоёни оила, хешовандон, инчунин барои гирифтани маводи хӯрока ва дигар чизҳои зарурӣ мусоидат кунад.

Ба маҳкумшудагони маҳрум аз озодӣ иҷозат дода мешавад (Боби 11 КИҶҶ ҶТ ):

- Дастрас кардани маводи хӯрока ва чизҳои зарурӣ
- Вохӯрӣ
- Сӯҳбатҳои телефонӣ
- Гирифтани марсула, интиқол ва бандеролҳо
- Гирифтан ва фиристодани интиқолҳои пулӣ
- Мукотиба
- Тамошои кинофилмҳо ва барномаҳо, гӯш кардани барномаҳои радио
- Сайру гашт
- Баромадан аз ҳудуди ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ

### *(f) Расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба шахсоне, ки аз адои ҷазо озод мешаванд*

ҚҶТ «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» (мод.1) мегӯяд, ки хизмат дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ … барои амали кардани чунин вазифаи давлатӣ (дар қатори дигарҳо) чун мусоидат ба мутобиқшавии маҳкумшуда ба ҷамъият, дастоварди онҳо ба офиятбахшии иҷтимоӣ муқаррар гардидааст.

Мувофиқи қонунгузории ҶТ (мод.211 КИҶҶ ҶТ ), ба маҳкумшудагон пас аз озодшавӣ аз адои ҷазо, кӯмаки иҷтимоӣ расонида мешавад.

*Кӯмаки иҷтимоӣ ифода меёбад дар:*

- Мусоидат дар дурустсозии меҳнатӣ ва зиндагӣ,
- Расонидани дастгирии моддӣ,
- Дар бартараф кардани оқибатҳои адои ҷазо,
- Дар таъмини нафақа,
- Ҷойгиркунӣ дар муассисаи тиббӣ, интернатҳо, хонаи пиронсолон,
- Муқаррар кардани парасторӣ.

Шахсоне, ки аз адои ҷазо озод карда мешаванд, рафту омади онҳо ба ҷои истиқомат ё ҷойи кор дар ҳудуди ҶТ, инчунин маводи хӯрока ё пули роҳкиро таъмин карда мешаванд. Бо набудани либоси зарурии мавсимӣ, пойафзол ва маблағ барои хариди онҳо, озодшавандаҳо бо либос ва пойафзол таъмин карда мешаванд. Ба онҳо аз фонди махсуси муассисаҳои ислоҳӣ ё мақомотҳои иҷрокунандаи ҷазо бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ метавонанд кӯмаки пулии якдафаина диҳанд.

Ноболиғони озодшаванда ба назди падару модар ё шахсони ивазкунандаи онҳо фиристода мешаванд. Агар чунин ирсол имкон надошта бошад, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҷои зисти озодшаванда, бо пешниҳоди маъмурияти колония барои ҷобаҷо кардан ӯ ба ҷойи кор ё таҳсил, инчунин ташкил кардани шароити зисту зиндагии ӯ чораҳо меандешад. Дар ҳолатҳои истисно, вақте ки равон кардани ноболиғ ба ҷойи зисти пештара бо сабабҳои фаҳмишҳои тарбиявӣ бефоида аст, дурустсозии ӯ дар дигар ҷойҳо, аз тарафи комиссияи кор бо ноболиғон дар маҳалли ҷойгиршавии колония, бо назардошти фикри озодшаванда амалӣ карда мешавад.

Шахсоне, ки аз адои ҷазо озод карда шуда, ба нигоҳубини бегона эҳтиёҷ доранд, инчунин ноболиғони синни 16-сола, бо ҳамроҳии хешовандон ё дигар шахсон, ё кормандони муассисаи ислоҳӣ ба ҷои истиқомат равон карда мешаванд.

Дар навбати худ, сардори муассисаи ислоҳӣ, ё бо супориши ӯ, намояндаи маъмурият бо озодшаванда сӯҳбат мегузаронад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро ҳамчун шаҳрванд мефаҳмонад.

Муассисае, ки иҷрои ҷазоро дар шакли маҳдуд кардан аз озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ амалӣ месозад, саривақт ба нозири корҳои ислоҳӣ, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии қасабаҳо ва деҳҳо, мақомоти ваколатдори меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ оиди озодшавии маҳкумшуда хабар расонида, барои расонидани кӯмаки иҷтимоӣ чораҳо меандешад.

Нозироти корҳои ислоҳӣ дар мавриди шахсони дар моддаи амалкунанда ишорашуда, ки аз ҷазо озод шудаанд, қайди ягона мебарад. Нисбати ҳар як шахс масъалаи зарурат ва ҳадди имконпазири расонидани кӯмаки иҷтимоӣ, аз ҷумла пешниҳод намудани ҷойҳо дар хобгоҳи умумӣ, марказҳои мутобиқсозии иҷтимоӣ барои истиқомати муваққатӣ баррасӣ карда мешавад.

*Мақомотҳое, ки ба шахсони адокунандаи ҷазо кӯмаки иҷтимоӣ мекунанд. (мод. 212 КИҶҶ):*

- Нозироти корҳои ислоҳӣ,
- Комиссияи кор бо ноболиғон,
- маъмурият,
- коллективҳои меҳнатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии корхонаҳо, муассисаҳо
- мақомотҳои иҷрои ҷазо.

Ҳамоҳангсозии кӯшишҳо бо ҳамаи мақомотҳо ва ташкилотҳо барои расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба нозироти корҳои ислоҳӣ вогузир карда мешавад. Дастур ва тавсияҳои санҷишии нозироти корҳои ислоҳӣ барои роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ҳатмӣ мебошанд.

Сардори МИ дар доираи салоҳиятҳои худ ба ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои таъмини кор ва манзили маҳбусоне, ки адои ҷазо кардананд муроҷиат мекунад (мод. 14 ҚҶТ СИҶҶ), ва яке аз вазифаҳои нозирот оид ба корҳои ислоҳӣ расонидани кӯмак барои дарёфти ҷои кор ва манзил ба маҳбусоне, ки дар қайд ҳастанд мебошад. (мод. 25-и ҚҶТ СИҶҶ)

*(g) Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ*

Мувофиқи КҶТ СИҶҶ (мод.13) яке аз вазифаҳои муассисаҳои ислоҳӣ ин ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои таъмини онҳо бо кор ва ҷойи зист мебошад. Дар фаъолияти худ системаи иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба фаъолияти МИ дар асос ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ҷалб мекунанд ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд ба онҳо кӯмаки амалӣ расонанд (мод. 28 КИҶҶ ҶТ ).

Ҷалби ҷомеа барои назорат ва тарбияи маҳкумшудагон низ яке аз вазифаҳои нозирот оид ба корҳои ислоҳӣ мебошад (мод. 25. КҶТ СИҶҶ).

## БОБИ II. КОРИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ, МАРҲИЛАҲО ВА ВОСИТАҲО

**Вазифаҳои омӯзиш:**

1. Иштирокчиён мафҳумҳои калидиро оид ба моҳият, вазифаҳои ҳамроҳии иҷтимоиро медонанд
2. Иштирокчиён бо принсипҳо ва марҳилаҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ шинос мешаванд

### 2.1. Мафҳум, моҳияти ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ омода мегарданд

Ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озодшавӣ аз муассисаҳои ислоҳӣ омода мешаванд, бояд аз лаҳзаи омадани ӯ оғоз ёбад. Кор дар маҷмӯъ гузаронида мешавад ва бояд ба омода кардани маҳкумшудагон барои ташкили ҳаёти қонунӣ пас аз озод шудан равона карда шавад. Махсусан бояд қайд кард, ки кори иҷтимоӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хусусияти универсалӣ дошта, имконият медиҳад, ки мушкилии ҳар як мизоҷ ба таври дақиқ ва дуруст дида баромада шуда, барои баромадан аз мушкилии мазкур барои ӯ роҳи муносиб сохта шавад.

Кори иҷтимоӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ имкон медиҳад, ки доираи васеи шароитҳо барои кӯмаки зарурӣ ба мизоҷ дида шавад. Интитути кори иҷтимоӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ боз барои он муҳим аст, ки аксар вақт, шахсе, ки дар озодӣ қарор дорад метавонад мушкилиҳои худро бо роҳи муҳокима бо мутахассисони гуногун ҳал кунад, ҳар лаҳзае, ки хоҳиш дорад, муроҷиат кунад, маҳкумшуда бошад бо сабаби маҳдуд будани ҳуқуқу озодиҳои худ наметавонад, бинобар ин, ҳалли эҳтиёҷоти иҷтимоии ӯ аз кормандони муассиса вобаста аст.



**Кори иҷтимоӣ** — фаъолияти касбиест, ки бо мақсади кӯмак ба одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар бартараф намудани мушкилиҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ тавассути кӯмак, ҳимоя, ислоҳкунӣ ва барқарорсозӣ равона шудааст. Дар шакли умумӣ кори иҷтимоӣ як падидаи мураккаби ҷамъиятӣ буда, соҳаи мустақили дониши илмӣ-амалӣ, ихтисос ва интизоми таълимиро ифода мекунад.

**Ҳифзи иҷтимоии маҳкумшудагон** - системаи чорабиниҳои муштарак буда, аз ҷониби маъмурияти муассисаи ислоҳӣ, дигар субъектҳои кори иҷтимоӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои таъмини ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонун, озодӣ ва манфиатҳои шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ адои ҷазо мекунанд, амалӣ мешаванд. Онҳо дар худ таъминоти иҷтимоӣ (хизматрасонии иҷтимоӣ, нафақа, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва дигар пардохтҳо), суғуртаи иҷтимоӣ (тиббӣ, шахсӣ, молу мулкӣ ва ғайра) дастгириро дар бар мегиранд. Ин чораҳо бояд қонунӣ бошанд ва барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти асосии маҳкумшудагон, дастгирии таъмини зиндагӣ ва фаъолияти онҳо равона шаванд.

**Дастгирии иҷтимоии шахсоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ нигоҳ дошта мешаванд -** системаи махсуси чораҳое, ки барои тақвият, нигоҳдорӣ ё барқарор кардани шароитҳои зиндагии маҳкумшудагони бештар «заиф» ва гурӯҳҳои хатарноки онҳо нигаронида шудаанд, ки бо сабаби ин заифиҳо ба эҳтиёҷоти махсус гирифтор шуда, нигоҳдории муқаррарӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ, тайёрӣ ба зиндагӣ дар озодӣ ва барқарорсозӣ пас аз озодшавӣ мушкил мешавад.

**Барқарорсозии иҷтимоии маҳкумшудагон** - раванди барқарорсозии функсияҳои иҷтимоӣ, нақшҳо, мақоми шахсоне мебошад, ки аз озодӣ маҳрум шуда, вобаста ба содир намудани ҷиноят, маҳкумкунӣ ва адокунии ҷазо дар шароитҳои махсуси ҷудонигоҳдорӣ (изолятсия) ва маҳдудиятҳои қонунӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳо онҳоро аз даст доданд. Ин кори бисёрҷабҳа дар муассисаи иҷтимоӣ оғоз меёбад ва баъди озодшавӣ то он даме давом меёбад, ки қобилияти шахс ба фаъолияти пурраи иҷтимоӣ барқарор карда нашавад. Самаранокии он бо ҳамаи чораҳои маҷмӯи барқарорсозӣ ба даст меояд: тиббӣ, рӯҳӣ, омӯзгорӣ, меҳнат, касбӣ ва худи иҷтимоӣ.

**Аз нав ҷамъияткунонӣ** (лотинӣ re (амали такрорӣ, азнавкунӣ) + лотинӣ *socialis* (ҷамъиятӣ), англ. *Resocialization*, нем. *Resozialisierung*) – ин мутобиқати одам ба зиндагии ҷомеаи нав, ҷамъияткунонии такрорӣ (дуюмбора), ки дар давоми тамоми зиндагии шахс ба вуқӯъ меояд. Ҷамъияткунонии дуюмбора ба воситаи тағйир додани муқаррароти субект, мақсадҳои ӯ, қоидаҳо, арзишҳо ва меъёрҳо амалӣ карда мешавад. Ҷамъияткунонӣ хеле амиқ буда ва дар рафтори зиндагӣ ба тағйироти глобалӣ оварда мерасонад.

**Аз нав ҷамъияткунонии маҳкумшудагон** – системаи маҷмӯъ ва натиҷаи кӯмаки иҷтимоӣ, дастгирӣ, ҳифз ва таъсири мақсадноки омӯзгорӣ ба шахсияти мушаххас бо мақсади тайёр кардани ӯ ба зиндагӣ дар озодӣ ва ташаккул додани тайёрӣ барои қонеъ кардани талаботҳои худ, ҳавасҳо, ҳуқуқҳо бо роҳи ғайриҷиноятӣ (вазифаи ҳадди ақал) ва фаъолият кардани мукамал дар ҷомеа (вазифаи ниҳоӣ) мебошад. Асоси раванди аз нав ҷамъияткунониро барқарорсозӣ, нигоҳдорӣ, ташаккули робитаҳо ва муносибатҳои фоиданоки иҷтимоӣ ва шахсии маҳкумшудагон, офиятбахшии муҳити ӯ, воридкунӣ ба фаъолияти гуногуни позитивӣ, аз ҷумла ҳал кардани мушкилиҳои худ ва худтакмилдиҳӣ дар ҳамаи марҳилаҳои маҳрумият аз озодӣ дар бар мегиранд. Ҳамчун яке аз вазифаҳои (зермақсад) ҷазои ҷиноятӣ, аз нав ҷамъияткунонӣ бо чунин мафҳумҳо, чун омодасозии маҳкумшудагон барои ҳаёт дар озодӣ, ислоҳшавии онҳо ва барқарорсозии иҷтимоӣ зич алоқаманд мебошад.

**Ҳамроҳии иҷтимоии озодшавандаҳо аз МИ маҳкумшудагон -** ин фаъолияти маҷмӯии кормандони МИ дар омода кардани маҳкумшудагон барои ташкили ҳаёти қонунӣ пас аз озодшавӣ буда, воридшавии онҳоро ба системаи машғулиятҳои махсус, таъсири инфиродӣ, ҳалли масъалаҳои марбут ба таъмини манбаъҳои зиндагонӣ, муайян кардани ҷойи зист ва барқарор кардани алоқаҳои фоиданоки иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд.

Ҳамроҳии иҷтимоӣ дар ин ҳолат метавонад ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои дарозмуддат байни мизоҷ-маҳкумшуда ва корманди МИ (чун қоида, мутахассис доир ба кори иҷтимоӣ ё равоншинос) ҳисоб карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки ба инсон дар наздик ва дар масофаи муайян қарор дошта, ба таври доимӣ кӯмак расонда шавад. Таҷрибаи кор бо гурӯҳҳои осебпазир, махсусан бо одамони дар маҳбас қарордошта, аз он шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои мусбӣ дар тағйирёбии рафтори онҳо на ҳамеша танҳо ба омӯзиш ва таъмини захираҳо вобаста аст[2].

Чун қоида, маҳкумшудагон на якто, балки маҷмӯи мушкилиҳои ҳаётӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ доранд. Барномаи ҳамроҳии иҷтимоӣ дар назар дорад, ки мизоҷ бо мутахассис дар тамос мемонад, то он даме ки роҳҳои ҳалли мушкилиҳое, ки шахс бо онҳо ба корманди иҷтимоӣ муроҷиат кардааст, муайян нагаштаанд.

[2] Ананьев О.Г. «Социальное сопровождение осужденных, готовящихся к освобождению из мест лишения свободы» , Рязань 2013

**Вазифаҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ:**

1) аз байни маҳкумшудагон ба кӯмак ва дастгирии иҷтимоӣ, равонӣ, тиббӣ ва дигар ошкор кардани ҳамаи эҳтиёҷмандон;

2) пешгӯи кардани мушкилиҳое, ки маҳкумшудаи мушаххас метавонад пас аз озодшавӣ дучор шавад;

3) баҳодиҳии имкониятҳои маҳкумшуда барои мустақилона ҳал кардани мушкилиҳо пас аз озодшавӣ;

4) муайянкунии маҷмӯи хизматрасониҳое, ки ба маҳкумшуда пас аз озодшавӣ барои ҳал кардани мушкилиҳои ӯ пешниҳод кардан зарур аст;

5) аз байни шахсҳо ошкор кардани онҳое, ки адои ҷазои ҷиноиро дар шакли маҳрумият аз озодӣ анҷом доданд, онҳое, ки бо сабабҳои гуногун намехоҳад барои мутобиқшавии иҷтимоии худ чораҳои созанда андешанд;

6) гузаронидани чорабиниҳои иҷтимоии-пешгирикунанда бо мақсади содир нашудани ҷиноятҳои такрорӣ аз тарафи шахсоне, ки будубошро дар МИ анҷом доданд ва барои озодшавӣ омода мешаванд.

**Функсияҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ** таҳлилӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, пешгирии иҷтимоӣ, расонидани кӯмаки иҷтимоӣ, ҷалби захираҳои беруна барои кӯмак ба маҳкумшудагон мебошанд.

Ҳамроҳии иҷтимоӣ нисбати гурӯҳи шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ қарор доранд, тавсия дода мешавад:

1) нафақахӯроне, ки барои ҳаракат ба ташкили зиндагии худ имконияти маҳдуд доранд;

2) маъюбоне, ки қобилияти худро барои худхизматрасонӣ қисман ё пурра аз даст додаанд ва ба парасторӣ, кӯмак ва дастгирии бегона эҳтиёҷ доранд;

3) маҳкумшудагоне, ки бемориҳои вазнин ва шифонаёбанда доранд;

4) маҳкумшудагоне, ки ба бурдани тарзи зиндагии оворагардӣ таҷрибаи устувор дошта, ноқисии фаъолияти равонӣ доранд, ки метавонад барои ташкили мустақилонаи фаъолияти зиндагии онҳо монеъ гардад, инчунин онҳое, ки робитаҳои иҷтимоии фоиданок надоранд;

5) маҳкумшудагоне, ки муддати дароз дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар шароитҳои таъсири фаръии ҷиноятӣ қарор дошта, малакаҳои ташкили мустақилонаи фаъолияти зиндагии худро аз даст додаанд;

6) маҳкумшудагоне, ки ба зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ (зулм) дучор шудаанд;

7) маҳкумшудагони ҷавоне, ки аз колонияҳои тарбиявӣ интиқол дода шудаанд;

8) заноне, ки кӯдаки то 3 сола доранд;

9) маҳкумшудагоне, ки аз вобастагии машруботӣ ё нашъамандӣ азоб мекашанд[3].

Корманди иҷтимоӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбии худ бо намудҳои гуногуни фаъолият машғул мебошад, бо истифода аз усулҳои зерин:

• Муносибати тарбиявӣ, вақтеки корманди иҷтимоӣ дар нақши муаллим, мушовир ва мумайиз баромад мекунад. Корманди иҷтимоӣ маслиҳат медиҳад, малакаҳо меомӯзад, алоқаи бозгаштро муқаррар мекунад;

• Муносибати фасилитативӣ (фасилитатор-ёрдамчӣ). Корманди иҷтимоӣ дар нақши ёрдамчӣ ё миёнарав барои бартараф кардани рӯҳафтодагӣ, беинтизомии шахсияти мизоҷ баромад мекунад, ки мустақилона анҷом додани ин ба ӯ душвор аст. Фаъолияти мутахассис барои тафсири рафтор, муҳокимаи самтҳои алтернативии фаъолият ва амалҳо, шарҳ додани вазъият, руҳбаландкунӣ ва ба кор андохтани захираҳои дохилӣ равона шудааст.

---

[3] Ананьев О.Г. «Социальное сопровождение осужденных, готовящихся к освобождению из мест лишения свободы» , Рязань 2013

### *2.2. Принсипҳои марҳилаҳои ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан омода мешаванд*

Корҳои иҷтимоӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ чун қоида принсипҳои мушаххас доранд:

- принсипи универсалӣ;
- принсипи ҳифзи ҳуқуқҳои ичтимоӣ;
- принсипи пешгирикунанда;
- принсипи эътинои иҷтимоӣ;
- принсипи нақши марказӣ доштани мизоҷон;
- принсипи ба қувваи худ такякунӣ;
- принсипи зиёд кардани захираҳои иҷтимоӣ;
- принсипи махфият ва таҳаммулпазирӣ.

Бо вуҷуди ин, кори иҷтимоӣ дар соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ боз якчанд принсипҳои мушаххас дорад, инҳо:

- инсондӯстӣ;
- қонуният;
- адолат.

**Принсипи қонуният** дар фаъолияти кормандони иҷтимоӣ дар соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ асосҳои амиқи ахлоқӣ дорад. Корманди иҷтимоӣ бояд маҳкумшударо ба рафтори қонунӣ оварда расонад, шахсоне, ки адои ҷазо мекунанд, вазифадор карда мешаванд, ки талаботи қонунҳоро бемайлон риоя кунанд, ки тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазоро муайян менамоянд.

Бо омадани маҳкумшудагон ба муассисаи ислоҳӣ, бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо, шароити кор ва истироҳат, тибқи пешбининамудаи қонун пурра фаҳмонида шаванд. Татбиқи принсипи қонуният ҳангоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки: аввал, бояд вазъи ҳуқуқии маҳкумшудагон қатъӣ риоя карда шавад, таъмини бемайлони иҷрои уҳдадориҳо ва манъҳо, дуюм, бояд имконияти воқеии истифодаи ҳуқуқҳои қонунии маҳкумшудагон ва шахсони манфиатдор таъмин карда шавад.

Бо вуҷуди ин, аксар вақт татбиқи ин принсип ба маҳкумшудагон асосан хусусияти расмӣ дорад ва вазифаи корманди иҷтимоӣ дар амал таъмин ва истифода бурдани принсипи мазкур барои маҳкумшудагон мебошад.

**Принсипи адолат** талаботи мувофиқат байни нақши амалии одамони гуногун дар ҳаёти ҷомеа ва мавқеи иҷтимоии онҳо, байни ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, амал ва иҷро, меҳнат ва подош, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷазо, хизмати одамон ва эътирофи онҳоро дар бар мегирад. Номуносибӣ дар ин муносибатҳо беадолатӣ арзёбӣ мешавад. Принсипи адолат бояд натанҳо бо иҷрои ҳуқуқмахдудкунии ҷазои ҷиноятӣ, балки ба кор бурдани имтиёзҳо ва ҳавасмандиҳо ба маҳкумшудагон амалӣ карда шавад. Умуман адолат - яке аз принсипҳои муҳим аст, ки бояд дар фаъолияти корманди иҷтимоӣ дар соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таъмин карда шавад.

**Принсипи инсондӯстӣ** дар фаъолияти корманди иҷтимоӣ асосӣ маҳсуб меёбад.

Инсондӯстӣ – ин аз чунин муносибати «функсионалӣ» нисбат ба маҳкумшуда даст кашидан мебошад, вақте ки он чун «функсия», воситаи ба даст овардани мақсадҳои иқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ ва ғ. аз тарафи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ баррасӣ мегардид.

Инсондӯстӣ – ин пеш аз ҳама эътироф кардани имконияти ҳар кас барои баргаштан ба зиндагии қонундаро дар ҷомеа буда, он аз тарафи кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ эътироф кардани маҳкумшудагон чун инсонҳои баробар ба худ мебошад.

Принсипи инсондӯстӣ дар ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ оид ба муносибат бо маҳкумшудагон инъикос гаштааст. Ҳамин тавр, принсипи инсондӯстӣ ақидае, ки маҳбас инсони бадро вайрон, хубро бошад бад мекунад, рад мекунад.

Бо истифода аз чораҳои шадид нисбат ба маҳкумшуда, мо ҳеҷ гоҳ наметавонем ба он ноил гардем, ки маҳкумшуда ба ҷаҳон ва амалҳои худ аз нуқтаи назари инсонпарастӣ ва

инсондӯстӣ амал кунад. Аз ин рӯ, самтгирии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маҳз ба принсипҳои ахлоқӣ-инсонпарварӣ равона гардидааст ва мувофиқ ба онҳо бурдани сиёсати иҷрои ҷазои ҷинояти вазифаи муҳимтарини ҷомеаи муосир мебошад. Татбиқи ин принсипҳоро бояд маҳз корманди иҷтимоӣ бо назардошти хусусиятҳои мушаххаси фаъолияти касбии худ амалӣ намояд[4].

Кори иҷтимоӣ, чунон ки маълум аст, пеш аз ҳама, барои фаъол кардани нерӯи ҳаётии шахсӣ ва имкониятҳои инсон ё гурӯҳи одамоне, ки дар вазъияти душворӣ зиндагӣ қарор гирифтанд, равона гаштааст. Дар робита ба ин, кори иҷтимоии инфиродӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, ки ҳамчун "истифодаи ҳамаи имкониятҳое, ки барои мутобиқшавии инсон ба шароити мушаххаси иҷтимоии зиндагӣ кӯмак мекунанд ва ба он мусоидат мекунад, ки мизоҷон барномаи зиндагии худро таҳия кунанд".

Дар назарияи кори иҷтимоӣ фарқияти байни мизоҷони ихтиёрӣ ва маҷбурӣ қабул шудааст. Якум (ихтиёрӣ) ё худашон барои расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ташаббус мекунанд, ё нисбати онҳо аз тарафи мутахассисони кори иҷтимоӣ зид нестанд. Мизоҷони ғайриихтиёрӣ бошанд оиди дахолат ба ҳаёти шахсии онҳо зид мебароянд, чунки ягон кӯмак аз ҷомеа ба онҳо лозим нест, зеро онҳоро вобаста, заиф, мазлум ва ғайра мегардонад. Одатан, ин шахсоне мебошанд, ки тарзи ҳаёти ғайриҷамъиятӣ мебаранд (майзадагон, нашъамандон, ҷинояткорон ва ғайра), ки ҷомеа маҷбур аст, ки нисбати онҳо баъзан таҳримҳои сахти ҳифзи иҷтимоиро аз таъсири манфии онҳо ба кор барад. Агар ба хотир биёрем, таҳти объекти кори иҷтимоӣ мо шахсонеро мефаҳмем, ки ба ҳолатҳои душвори зиндагӣ дучор шуданд ва қобилияти мустақилона ҳалл кардан онро надоранд, пас қариб аксарияти маҳкумшудагонро метавон ба чунин шахсон дохил кард, зеро аз шароити озодӣ ба муҳити нави муассисаи ислоҳӣ афтидан аллакай худ «вазъияти душвори зиндагӣ» ба ҳисоб меравад. Магар танҳо ҷинояткорҳои гузарое, ки такроран адои ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ гузаронадаанд, ҳангоми афтидан ба СИЗО ва муассисаи ислоҳӣ аломоти мутобиқшавиро ҳис намекунанд. Ба ҳамаи дигарон бошад гузаштани давраи аввали мутобиқшавии иҷтимоӣ ба шароитҳои иҷрои ҷазо талаб карда мешаванд.

Сарфи назар аз мавҷудияти нишонаҳои умумӣ ва хусусиятҳо, обекти кори иҷтимоии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ якхела нест ва бо мақсади муайян кардани роҳҳои муносиби кӯмаки фарқкунанда, дастгирӣ, ҳифзкунӣ метавонад аз рӯи асосҳои гуногун ба гуррӯҳҳо тақсим карда шавад. Масалан, бо дараҷаи зуҳуроти мушкилиҳои иҷтимоӣ ва қобилияти мустақилона ба таври ғайриқонунӣ ҳал кардани онҳо, метавонад **гурӯҳи маҳкумшудагони хавфнок** ҷудо карда шаванд.

Ба он маъюбон, нафақахӯрон, ҷавонони маҳкумшудае, ки аз колонияҳои тарбиявӣ гузаронида шудаанд; заноне, ки кӯдакони то 3 сола доранд; беморон бо бемориҳои шифонаёбанда ё вазнин; шахсоне, ки аз вобастагии машруботӣ ё нашъамандӣ ранҷ мекашанд; ҷойи муайяни зист надоранд; ба зӯроварии доимии ҷисмонӣ ва рӯҳии (зулм) хусусияти ҷиноятӣ дошта гирифтор мешаванд, дохил мешаванд. Ба сифати обектҳои ҳатмии кори иҷтимоӣ низ дигар гуруҳи маҳкумшудагон метавонанд қайд гарданд: масалан, шахсоне, ки ба худкушӣ майл дошта, дорои норасоиҳои рӯҳӣ буда, вайронкунандагони ашадии низом ҳастанд. Ин гурӯҳҳои аз ҳама камтари одамони ҳифзшуда мебошанд, ки одатан дорои маҷмӯи мушкилиҳои иҷтимоӣ, эҳтиёҷоти махсус буда, барои мавҷудияти баробари онҳо дар муассисаи ислоҳӣ таҳдид эҷод мекунанд, ки мустақилона онҳоро ҳал карда наметавонанд. Ин маҳкумшудагон ба намудҳои гуногуни кӯмаки доимӣ, (моддӣ, ахлоқӣ-равонӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, омӯзгорӣ ва ғайра), дастгирӣ, ҳимоя эҳтиёҷ доранд.

Кори иҷтимоӣ бо онҳо барои мутахассисон афзалиятнок ва ҳатмӣ маҳсуб ёфта, хусусияти ҳамроҳӣ ва ҳатто хизматрасонии маҷмуӣ бо ҷалби табибон, равоншиносон, мураббиён, намояндагони мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пайдо мекунад. Дар ин сурат бояд дар назар дошт, ки баъзе аз мушкилиҳои иҷтимои сатҳи шахсӣ, (маъюбӣ, пирӣ, ситам ва ғайра) бо сабабҳои обективӣ, пурра ҳал кардан имконнопазир мебошад,

[4] Studbooks.net.

бинобар ин, чорабиниҳои офиятбахшӣ-тарбиявӣ бояд оиди тағйир додани муносибати онҳо ва ҷустуҷӯи имкониятҳо барои худҷубронкунӣ ва худтатбиқкунӣ дар ҳолатҳои ба вуқӯъ омада, бо кӯмаки равонӣ илова карда шаванд.

**Гурӯҳи дуюм** аз маҳкумшудагоне иборат мебошанд, ки якчанд мушкилиҳои иҷтимоии хусусиятҳои обективонаи ҳалшаванда доранд, (оилаи ҷудошуда, набудани касб ё ғайриимкон машғул шудан бо намуди муайяни фаъолият, муҳити номусоид, ва ғ.). Барои ин, пас аз гузаронидани ташхиси иҷтимоӣ, ҷалб кардани маҳкумшуда ба намудҳои фоиданоки фаъолияти ҷамъиятӣ, бо роҳҳои гуногун барқарор кардани муносибатҳои мусбат бо оила, додани маслиҳатҳои мақсаднок оид ба тарзҳои бартараф намудани мушкилиҳо, дастгирии давравӣ ва навсозии захираҳои шахсӣ оид ба худтакмилдиҳӣ зарур мебошанд.

**Гурӯҳи сеюм** аз шахсоне иборат мебошанд, ки ба ғайр аз маҳкумшавӣ, як ё якчанд мушкилиҳои иҷтимоӣ доранд, чун қоида, дар вақти адои ҷазо ба вуқӯъ меоянд ва бартараф карда мешаванд. Ба онҳо, зарурати ба тасвиб расонидани ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият (шиносномаҳо, ваколатномаҳо), масъалаҳои молу мулкӣ (шаҳодатномаҳо, васиятномаҳо), нафақа, суғуртаҳо, мусоидат ба ҷойи корӣ, ворид шудан ба таҳсил ва давом додани таҳсил дар донишгоҳҳо; барқарор кардани ҳуқуқи волидайн, муқаррарсозии парасторӣ, омодасозии маводҳо барои беҳтар намудани шароитҳои адои ҷазо, авфкунӣ, шартан ва пеш аз мӯҳлат озодкунӣ; мусоидат барои гирифтани доруҳои зарурӣ, айнак, протезҳо, инчунин табобати махсус дохил мешаванд. Дар баробари ин, мутахассиси кори иҷтимоӣ асосан функсияҳои мушовир ва миёнаравро иҷро мекунад, кӯмаккунӣ бошад хусусияти ҳолати тасодуфӣ гирифта ва пас аз қонеъ гардонидани талаботи маҳкумшуда қатъ мегардад.

**Боз як гурӯҳи дигари (чорум)** маҳкумшудагон аз шахсоне иборат мебошад, ки мушкилиҳои вазнини иҷтимоӣ надоранд, ба ғайр аз маҳкумшавӣ ва нигоҳдорӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, ё қобилияти мустақилона бартараф намудани онҳо. Кори иҷтимоии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо ин гуруҳи маҳкумшудагон метавонад ба ташаккул ва мусоидат дар татбиқи ташаккули нақшаҳои зиндагӣ, инчунин таҳкими рушди мусбӣ ва омодасозӣ ба зиндагии ҳамаҷониба бурда расонад.

Ба ғайр аз таснифоти дар боло пешниҳодшуда, маҳкумшудагон метавонанд бо асосҳои дигар фарқ карда шаванд, ки мувофиқи онҳо технологияи гурӯҳии кори иҷтимоӣ муайян карда мешавад.

Дар раванди адои ҷазо дар муассисаи ислоҳӣ, метавон мӯҳлат ва марҳилаҳои навбатиро дар марҳилаҳои гуногун фарқ кард:

- давраи мутобиқатшавӣ (дар карантин будан);
- марҳилаи асосӣ;
- марҳилаи ниҳоӣ, вобаста ба омодагии муттасил барои озод шудан.

Аз ин се давра ва марҳилаҳо метавон ду гурӯҳи ҳатмии маҳкумшудагонро қайд кард:

- маҳкумшудагоне, ки ба муассисаи ислоҳӣ омаданд ва дар карантин қарор доранд;
- маҳкумшудагони озодшаванда, ки онҳоро аз рӯи барномаҳои махсус ба зиндагӣ дар озодӣ омода карда, дар дурустсозии зиндагӣ ва меҳнат, аз навмутобиқшавии иҷтимоӣ кӯмак кардан зарур аст.

Ҳамин тариқ, дар муассисаҳои ислоҳӣ дар байни обектҳои кори иҷтимоӣ якчанд гуруҳҳои маҳкумшудагон мавҷуд мебошанд:

- онҳое, ки ба таври объективона ба кӯмаки иҷтимоӣ ва дастгирӣ эҳтиёҷ дорад, ин кӯмакро пешниҳод намекунанд, вале дар сурати пешниҳод шудани он, онро рад намекунад;
- онҳое, ки ба таври обективона ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, вале аз робита ва ҳамкорӣ бо кормандони иҷтимоӣ даст мекашанд;
- дар охир, онҳое, ки ба сифати мизоҷи ихтиёрӣ худашон ба кӯмак ва дастгирии иҷтимоӣ пешниҳод мекунанд.

Агар бо гурӯҳи якум ва сеюми маҳкумшудагон ҳама чиз равшан бошад ва аз аввал то вақти озодшавӣ бо онҳо кор карда шавад, онгоҳ дар мавриди гурӯҳи дуюм, дар сурати ба таври хаттӣ рад кардани кӯмак дар дурустсозии зиндагӣ ва меҳнат, кори иҷтимоӣ бо онҳо ба ҳадди ақал – бо тасвиби ҳуҷҷатҳои зарурӣ оварда мерасад.

Тавре, ки мо аллакай дар боло гуфтем, кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон аз аввали омадани ӯ ба муассисаи ислоҳӣ оғоз меёбад. Дар давраи будубоши маҳкумшуда дар шӯъбаи карантинӣ, ӯро кормандони ҳама хадамотҳо хабар мегиранд. Инҷо қайд кардан зарур аст, ки барои оғози кор равоншиноси муассиса бояд ҳолати равонии маҳкумшударо муайян кунад, ва баъдан дар раванди тамоми ҳамроҳии иҷтимоӣ, корманди иҷтимоӣ бояд дар робитаи зич бо равоншинос, сардори қисмҳо ва кормандони тиббии муассиса то вақти озодшавӣ кор кунад.

### *Марҳилаҳои кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон*

**Дар марҳилаи аввал** ташхиси аввалин гузаронида мешавад. Корманди иҷтимоӣ пеш аз сӯҳбати аввалин бо маҳкумшуда дар шӯъбаи карантинӣ парвандаи шахсии ӯро омӯхта, хусусияти ҷинояти содирнамударо мефаҳмад. Дар инҷо таассуроти аввал дар бораи маҳкумшуда ташаккул меёбад, ӯ барои чӣ  маҳкум шудааст, ҳолати саломатӣ, дар бораи хешовандони ӯ чӣ маълум аст, пеш аз ҷазо дар куҷо истиқомат мекард, мавҷуд будани маълумотнокӣ ва ихтисосҳо. Мавҷудияти ҳуҷҷатҳое, ки парвандаи шахсии маҳкумшударо тартиб медиҳанд  (маълумотномаҳо дар бораи таввалуд, шиноснома, кортҳои тиббӣ, дипломҳо). Маълумоти аввалин оиди муоинаи тиббӣ баҳои ҳолати умумиҷисмонӣ, ҳолати системаи асабро инъикос мекунад. Дар рафти омӯзиши делои шахсӣ, корманди иҷтимоӣ пуркунии аввалини корти иҷтимоии маҳкумшударо мегузаронад. Пуркунии минбаъдаи корти иҷтимоӣ дар сӯҳбати шахсӣ бо маҳкумшуда, дар шӯъбаи карантин аз суханҳои вай кор бурда мешавад. Бланкаи мазкур барои ҳамаи муассисаҳо ягона буда, барои бурдани кори инфиродӣ имконият медиҳад, нусхаи бланка ба парвандаи шахсии маҳкумшуда замима мегардад ва ҳангоми гузаронидани ӯ ба шароити дигари адои ҷазо, ба кормандони дигар барои дидани ҳамаи мушкилиҳои шахси маҳкумшуда имкон медиҳад, ки кадом корро бурдан лозим аст ва кадом кор аллакай анҷом дода шудааст. Дар корти иҷтимоӣ лаҳзаҳои ҳаётан муҳими шахси маҳкумшуда дарҷ мегарданд. Дар рафти пур кардани корт ва сӯҳбат метавон маълум кард, ки оё маҳкумшуда ба кӯмаки амиқ, миқёсӣ аз тарафи маъмурияти муассиса эҳтиёҷ дорад. Ҳамчунин баъд аз тартибдиҳии корт, гузаронидани ташхиси ҳолати маҳкумшуда, нисбати мутобиқшавии минбаъдаи иҷтимоӣ тавассути ҷалби маҳкумшудагон ба меҳнат, ташкили зиндагӣ ва истироҳати онҳо, баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хулосаҳо бароварда мешаванд.

Бо мақсади гирифтани маълумоти иловагӣ оид ба маҳкумшуда, дар ҳолате, агар мушкилиҳои иҷтимоӣ-равонӣ дар ӯ дарёфт гарданд, инчунин барои баланд бардоштани самаранокии кори иҷтимоӣ бо ӯ, корманди иҷтимоӣ метавонад хешовандон, дӯстон ва дигар шахсони шиноси маҳкумшударо ҷалб намояд.

Ҳамчунин дар марҳилаи якум дар шӯъбаи карантин корманди иҷтимоӣ якҷоя бо равоншинос кори навбатиро мебарад:

- барои гузаштани бӯҳрони равонӣ ба маҳкумшудагон кӯмак мекунад, вобаста ба пайдо шудани онҳо дар муассисаи ислоҳӣ;
- ба мутобиқшавии онҳо ба муҳити муассисаи ислоҳӣ мусоидат мекунад;
- барои ташкил намудани вақти холӣ ва давом додани таҳсил кӯмак мекунад;
- ҳифз ва мушоҳида мекунад, ки ҳуқуқҳои маҳкумшудагон поймол нагарданд;
- ба хешовандони маҳкумшуда дар ҳалли мушкилиҳои вобаста ба маҳрумшавӣ аз озодӣ бо маслиҳат кӯмак мекунад.

**Дар марҳилаи дуюм** баъд аз гузаронидани равандҳои шиносшавӣ корманди иҷтимоӣ ба кори асосӣ оғоз карда, барои ҳар як эҳтиёҷманди иҷтимоӣ, бо назардошти ҳолати равонӣ ва тиббӣ нақшаи инфиродӣ тартиб медиҳад, ки барои бурдани кори самаранок имкон медиҳад. Мумкин аст, ки бо омадани маҳкумшуда ба муассиса ӯ эҳтиёҷоти иҷтимоӣ надорад, аммо дар раванди адои мӯҳлати ҷазо вазниниҳо ва мушкилиҳо пайдо мешаванд.

Ҳалқаи асосии пайвасткунанда байни маҳкумшуда ва олами беруна ин робитаҳои иҷтимоии ӯ мебошанд, ки бо дараҷаи муайяни шартӣ метавон ба гурӯҳҳои навбатӣ ҷудо кард:

- муносибатҳои фоиданоки иҷтимоӣ;
- муносибатҳои бетарафи иҷтимоӣ;
- муносибатҳои манфии иҷтимоӣ.

Бояд қайд намуд, ки дар шароитҳои гуногун, бо меъёри тағйирёбии ҳолат, инчунин тағйирёбии худи шахсияти маҳкумшуда, хусусият ва таркиби ҳамон робитаҳо метавонанд бисёр тағйир ёбанд.

Бо вуҷуди ин, яке аз мушкилиҳои муҳим ин гум кардани робитаҳои иҷтимоии маҳкумшуда мебошад. Бо сабабҳои гуногун, хешовандони маҳкумшудагон намехоҳанд ё наметавонанд бо онҳо робита кунанд, онҳоро дар муассисаҳо хабар гиранд. Ба хусусияти чунин мушкилиҳо метавонанд омилҳои гуногун таъсир расонанд, ин ҳам нофаҳмӣ, ҳам қаҳр ба хешу ақрабо, ки ӯ аз чорчубаи қонун берун баромад, дар баъзе ҳолатҳо маҳкумшудагон ҷиноятҳоро нисбати хешовандони худ содир мекунанд, ё ин ки маҳкумшуда аз ибтидо ятим буд ё мемонад. Аз ин рӯ, ба сифати обектҳои робитаҳои фоиданоки иҷтимоии маҳкумшуда, на танҳо аъзои оила ӯ ва дигар хешовандону наздикон, балки ҳам намояндагони коллективи меҳнатӣ ё таълимии пешин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимият ва худидоракунӣ, ҳамсояҳо, дӯстон буда метавонанд. Лекин оила ва хешовандон дар сохтори алоқаҳои фоиданоки иҷтимоӣ нақши пешбаранда мебозанд – вазни қиёсии онҳо дар ин сохтор аз 70% мегузарад.

Мушкилии асосии занҳои маҳкумшуда, дар баъзе ҳолатҳо ҳам мардон, ин будани кӯдакон бо парасторон мебошад ё аксаран кӯдакон дар хонаҳои кӯдакон ва интернатҳо қарор доранд, бинобар ин ба корманди иҷтимоӣ донистани суроғаҳо ва нишонаҳои ҳамаи хонаҳои кӯдакон, интернатҳо, барои бо онҳо ҳамкорӣ кардан зарур аст. Мусоидат кардан дар ташкили вохӯриҳои кӯдаконе, ки дар хонаи кӯдакон ва интернатҳо мебошанд бо волидайни онҳо, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ адои ҷазо мекунанд.

Барои барқарорсозӣ ва рушди робитаҳои фоиданоки иҷтимоии маҳкумшуда, корманди иҷтимоӣ метавонад технологияҳои навбатиро истифода барад: кофтукови хешовандон ва дигар шахсон – бо роҳи фиристодани дархост ба шӯъбаи шинокномадиҳии мақомоти корҳои дохилӣ аз рӯи қайди охирини ҷойи зисти ин шахсон. Дар дархост маълумоти пурраи саволномаи онҳо, инчунин ҷойи баромада рафтани онҳо, инчунин бо ҷалби Кумитаи байналмиллалии салиби сурх (КБСС) барои кофтуков ва барқарорсозии робитаҳои назарраси иҷтимоӣ медароянд. Дар чорчӯбаи миссияи КБСС барномаи махсус амал мекунад, ки дар рафти он КБСС барои аёдати маҳкумшудагон аз минтақаҳои дурдаст, инчунин кӯдакон аз хонаи кӯдакон кӯмаки моддӣ мерасонад. Дар барномаи мазкур маҳкумшудагони аз ҳама осебпазир дохил мешаванд, ки хешовандони онҳо эҳтиёҷоти иҷтимоӣ доранд.

Бо мушкилии майл надоштани хешовандон ё дӯстон ба робита бо маҳкумшудагон дучор шуда, сабабҳои аслии онҳоро маълум кардан лозим аст, онҳоро таҳлил карда ва ба обекти робита беасос будани ахлоқ ва иҷтимоиёт ва хато будани мавқеи ӯро исбот кунанд. Қайд кардан лозим аст, ки баъзе робитаҳо наметавонанд барои маҳкумшуда оқибатҳои мусбӣ биёранд ва ӯро аз чунин робитаҳо ҳифз кардан лозим мебошад (дар инҷо истифодаи истилоҳи «вампири иҷтимоӣ» бамаврид аст — одаме, ки маҳкумшударо ҳамчун воситаи ба даст овардани мақсадҳои худ бо расонидани зарари назаррас баррасӣ мекунад)

Инчунин дар ин марҳила маҳкумшудаи беихтисос ё маълумоти умумӣ ба мактабу омӯзишгоҳҳои касбӣ дар ҳудуди муассисаҳоиислоҳӣ фиристода мешавад.

**Марҳилаи сеюм бо маҳкумшудагон, хотимавӣ.** Корманди иҷтимоӣ омодашавии маҳкумшударо ба озод шудан оғоз мекунад. Омодасозӣ на дертар аз шаш моҳ то озодшавӣ оғоз мешавад. Корманди иҷтимоӣ дар асоси аризаи маҳкумшуда ба ҷои зисти эҳтимолии маҳкумшуда баъд аз озодшавӣ, ба худидоракунии маҳаллӣ ва хадамоти шуғли аҳолӣ хабарнома мефиристад, ки дар навбати худ онҳо ҷойҳои кори озодро барои пешниҳод кардан ба

маҳкумшудагони собиқ ирсол мекунанд. Ҳамзамон бо худи маҳкумшуда ва хешовандони ӯ, бо шахсоне, ки ӯ робитаҳои ичтимоиро дастгирӣ мекунад бо ҷалби равоншинос кор мебарад. Агар маҳкумшуда робитаҳои фоиданоки ичтимоӣ надошта бошад, ӯ метавонад ба марказҳои офиятбахшӣ фиристода шавад, ки дастгирии гуногун мерасонанд, ин бошад таъмин бо манзили муваққатӣ ва кӯмак дар барқаросозии ҳуҷҷатҳо, ва расонидани кӯмак дар ҷустуҷӯи ҷойи корӣ мебошад.  Дар рафти кори инфиродӣ ба ҳар як озодшаванда ҳангоми сӯҳбат зарурати риояи талаботҳои қонунгузорӣ, содир накардани ҷиноятҳои нав, уҳдадорӣ барои ба ҷои истиқомат ва дар мӯҳлати серӯза ба мақомоти корҳои дохилӣ барои қайд омадан, инчунин ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва хадамоти шуғли аҳолӣ барои ҷобаҷокунии саривақтӣ ба кор ё таҳсил фаҳмонида мешавад. Ҳамчунин агар ин гуруҳи махсуси маҳкумшудагон бошад, корманди ичтимоӣ барои ҷобаҷокунии онҳо ба хонаи пиронсолон ва маъюбон ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҷаъоварӣ мекунад.

Ба ғайр аз кори инфиродӣ, вобаста ба тайёр намудани маҳкумшудагон барои озодшавӣ, корманди ичтимоӣ бо иштироки ҳатмии сардорони қисмҳо, табибон ва равоншиносон корро дар гурӯҳҳо ташкил мекунад. Барои ин нақшаи кори гурӯҳӣ тартиб дода мешавад ва инҳоро дар бар мегирад: масъалаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва ташкилотчигӣ: шиносоӣ бо тартиби супоридани шиносномаҳо ба маҳкумшудагон ва бақайдгирии  ҷойи истиқомат, масъалаҳои маишӣ ва шуғл, маълумотдиҳӣ оид ба тағйирот дар қонунгузорӣ дар як сол; тавонистани омодасозии тарҷумаи ҳол; тавонистани гузаронидани худшиносоӣ; блоки маълумот дар бораи шароити баргардонидани доғи судӣ ва як қатор масъалаҳои дигар вобаста ба дурустсозии зиндагии маҳкумшуда  пас аз озодшавӣ ва ёд гирифтани маҳорати сохтани муносибатҳо бо дигар одамон мувофиқи меъёрҳои ахлоқӣ.

Нақшаи кори гурӯҳӣ ҳамчунин бояд татбиқи омодасозии равонии маҳкумшударо ба озодӣ пешбинӣ намояд:

- ташкил ёфтани муносибат ба рафтори қонунӣ, таасуроти дуруст ба вазъиятҳо, ки дар раванди мутобиқшавии ичтимоӣ ба зиндагӣ дар озодӣ пайдо мегарданд (дар муносибатҳо бо хешовандон, ҷабрдидаҳо, дӯстон);
- инкишофи боварӣ ба имкониятҳои худ барои муваффақ шудан дар зиндагӣ, малакаҳои ҳамкории ичтимоӣ, робитаи шарикона;
- инкишофи малакаҳои худтатбиққунӣ, аз ҳисоби кор карда баромадни сахтиҳо ва мушкилиҳо ва мушкилиҳои паст кардани сатҳи изтиробнокӣ.

Нақшаи кори гурӯҳӣ оид ба омодасозӣ барои озодшавӣ метавонад аз қисмҳои навбатӣ ҷамъ карда шавад:

- ташкилкунии зиндагӣ, ҳуқуқҳои манзилии шахсоне, ки аз муассисаи ислоҳӣ озод шуданд ва бақайдгирӣ; манзили ичтимоӣ ва шахсӣ;
- кори пардохтшаванда, бо кор таъминкунӣ ва дигар шаклҳои шуғли фоиданок;

Дар рафти корҳои омодасозӣ, кормандони ичтимоӣ ба маҳкумшуда мефаҳмонанд, ки ӯ бо ин ё он масъала ба куҷо муроҷиат намояд, ки баъд аз озодшавӣ  ӯ метавонад дучор шавад.

Агар ин гурӯҳи махсуси маҳкумшудагон бошад, онгоҳ кори иловагӣ гузаронида мешавад. Хусусият ва кор бо гуруҳи махсуси маҳкумшудагонро мо дар қисми (блок)  навбатӣ баррасӣ менамоем ва меомӯзем.

Ва дар хотима бояд гуфт, ки аксаран кормандони муассисаҳои ислоҳӣ нисбат ба маҳкумшудагон ба таври ислоҳнашаванда муносибат мекунанд, ки ин заминаи мусоид барои ҳукмронии худсарона хизмат мекунад. Корманди ичтимоӣ бештар аз дигар мутахассисони системаи иҷрои ҷазо ҷиноятӣ дар кори худ бо маҳкумшудагон бояд аз принсипи инсонпарварӣ роҳнамоӣ кунад, зеро бо маҳкумшудагон чун бо «мавҷуди пастарин» муносибат кардан, мо танҳо сифатҳои бади шахсияти ӯро бедор мекунем, ки ӯ бар қасди ҷамъият зоҳир мекунад.

Аз муассисаи ислоҳӣ озод шуда, инсон бояд ба таври ахлоқӣ-равонӣ, ичтимоӣ ба озодшавӣ омода бошад, то ки бо шумораи ками мушкилиҳо ба ҷомеа дохил шавад. Ин ба он хизмат мекунад, ки инсон аллакай хашмгин намешавад ва ба ҷаҳони атрофи худ муқобил намебарояд ва хатти қонунро вайрон намекунад.

### 2.3. Хусусиятҳои омодасозӣ ба озодшавии гуруҳҳои алоҳидаи маҳкумшудагон аз МИ

**Вазифаҳои омӯзиш:**

1. Иштирокчиён технологияи аз нав ҷамъияткунонии гуруҳҳои алоҳидаи маҳкумшудагонро медонанд

2. Иштирокчиён бо гуруҳҳои алоҳидаи маҳкумшудагоне, ки ба кӯмаки махсуси иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд шинос мешаванд

Ҳангоми ташкилкунии кор бо маҳкумшудагон, бояд дар назар дошт, ки ба муассисаҳои иҷрои ҷазо одамоне меафтанд, ки ба фаъолияти ҷиноӣ муносибати гуногун доранд. Бештар аз дигарон, дар онҷо онҳое ҳастанд, ки ҷиноят содир карда, ба таври ҷиддӣ бо ҷомеа нияти низоъ кардан надоштанд (дар тезӣ, бо сабукфикрӣ, беақлӣ, таҳти таъсири воситаҳои масткунанда ва ғайра).

Баъзан бо фаъолияти манъшуда гурӯҳҳои этникие, ки ба қоидаҳои қавмӣ, ҷамоатӣ, авлодӣ тобеъ ҳастанд, ба чунин намуди ҷиноятҳо, чун қаллобӣ, қочоқчигӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир машғуланд, ки дар баробари онҳо инчунин дигар ҳуқуқвайронкуниҳо содир мешаванд.

Дар охир, одамоне вомехӯранд, ки хоҳишҳои ҷиноятии онҳо аз таҷрибаи ҳаёт ва хислатҳои шахсии онҳо намебароянд, онҳо аниқтараш ба психопатология тааллуқ доранд.

Ҳамаи гурӯҳи одамони номбаршуда – бешубҳа, дар асоси ҳуқуқвайронкунӣ ҷинояткор мебошанд. Бо вуҷуди ин, ба таври васеъ, одатҳо ва дилбастагиҳои онҳо аз одатҳо ва дилбастагиҳои атроф кам фарқ мекунанд, ки ҳангоми ташкили кори иҷтимоӣ бо маҳбусон ба назар гирифтан муҳим аст. Ба онҳо тарсу ҳарос, ташвиш, нобоварӣ, ҳаяҷон, мутаасиршавандагӣ, бадқаҳрӣ, ҳисси камарзишӣ, рӯҳафтодагӣ хос аст.

Ин ҳолатҳо дар асоси якчанд омилҳо пайдо мешаванд:

- аз ҷамъият дур сохтан ва дар муҳити маҳками иҷтимоӣ ҷойгир кардан;
- маҳдудкунӣ дар қонеъ гардонидани талаботҳо тавассути батартибандозии рафтори умумӣ;
- воридкунии маҷбурӣ ба гуруҳҳои иҷтимоии якҷинса.

Дар муҳите, ки маданияти маҳбасӣ ҳукмронӣ мекунад, маҳкумшуда дарҳол зери таъсири якчанд механизмҳои ҷудокунанда меафтад: дуркунӣ бо хешовандоне, ки аз ӯ дилхунук шуданд; маҳрум сохтан аз ҳуқуқ ба эътирофи шаъну шараф аз тарафи ҷомеа; худсарона будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ дар шакли тоза ё дар шакли «қонуни дуздон».

Самаранокии иҷрои барномаи аз нав тарбиякунӣ аз як қатор сабабҳо вобаста аст: хусусиятҳои маҳкумшуда, мӯҳлати будубош дар колония, дар коллективе, ки ӯ афтидааст, имкониятҳои тарбиявии муассисаҳо.

Дар марҳилаи ниҳоӣ мушкилиҳое пайдо мешаванд, ки минбаъд ба озоди баромадан алоқаманд мебошанд: худтаъминкунӣ, барқароркунии робитаҳо бо хешовандон ва наздикон, бо кор таъминкунӣ, мавҷудияти ҷойи оияндаи истиқомат. Дар ин марҳила мувофиқакунии тарбияи иҷтимоӣ ва кори иҷтимоӣ фаъол гашта, дар умум самаранокии фаъолияти ислоҳиро пешакӣ муайян мекунад.

Яке аз функсияҳои асосӣ ин кӯмак ба гурӯҳҳои эҳтиёҷманд ва категорияҳои маҳкумшудагоне мебошанд, ки чун анъана дар озодӣ обекти корҳои иҷтимоӣ мебошанд. Инҳо, пеш аз ҳама, ***ноболигон, ҷавонон, занон, бекорон, нафақахӯрон ва одамони маъюб*** мебошанд.

Гуруҳи махсуси маҳкумшудагоне, ки ба кӯмаки махсуси иҷтимоӣ ва дастгирӣ эҳтиёҷ доранд – ин **заноне** мебошанд, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарор доранд. Ҷинояткории занҳо бо нишонаҳои навбатӣ муайян мегардад:

а) Бо вуҷуди он, ки шумораи занон аз шумораи мардон дар кишвар зиёд мебошад, шумораи мутлақи ҷиноятҳои ба қайд гирифташудае, ки аз тарафи занҳо содир гаштаанд, аз сатҳи ҷинояткории мардон кам боқӣ мемонад;

б) Ҷинояткории занона аз мардона бо таносуби дигари ҷиноятҳои тамаъҷӯёна ва зӯроварона фарқ мекунад. Ҳиссаи занҳо дар байни шахсоне, ки ҷиноятҳои зӯроварона, ҷиноятҳо нисбати манфиатҳои хадамот, роҳзанӣ, ғоратгарӣ ва дигар содир кардаанд, ба таври назаррас аз мардон камтар мебошад;

в) Дар сохтори ҷинояти занона ҷинояти тамаъҷуёна бартарӣ дошта, ба гуруҳи ҷиноятҳои тамаъҷӯӣ – онҳое, ки ба фаъолияти касбӣ алоқаманд ҳастанд, мебошанд. Барои занон, аз ҳама бештар дуздии молу мулки давлативу ҷамъиятие, ки ба роҳи тасарруфкунӣ, сарфкунӣ, сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ содир гаштаанд, хос мебошад. Ба таври худ ҷинояти «занона»-ро метавон фиреби истеъмолкунандагон номид.

Шиносномаи хулосавии иҷтимоӣ гувоҳӣ медиҳад, ки вақтҳои охир категорияи занони маҳкумшуда каме зиёд шуд (синну соли миёнаи ӯ 37,1 сол аст). Сатҳи маълумотнокии занҳои аз озодӣ маҳрумшуда на танҳо аз доштани тахассуси касбӣ, таҷрибаи ҳаёт, шуурнокӣ ва соҳаи арзишу ҳавасмандӣ, бартарӣ дар қонеъ гардонидани талаботҳо гувоҳӣ медиҳад, балки фарҳанги умумӣ, рушд, огоҳӣ, аз ҷумла ба мушкилиҳои модарӣ, кӯдакон, тарбия ва таълим дарак медиҳад.

Модари маҳкумшуда – мафҳуми васеъ мебошад. Ин шахсест, ки кӯдакаш натанҳо дар хонаи кӯдакони назди МИ мебошад, балки бо хешовандон, инчунин дар парастории иҷтимоии давлатӣ қарор дорад. Дар вазъияти ба вуқуъ омада, модарони маҳкумшуда ба андозаи назаррас натанҳо ҷинояткор, балки қурбони носозгории иҷтимоӣ мебошанд, ки ба кӯмак ва дастгирӣ эҳтиёҷ доранд. Дучанд кӯдакони онҳо қурбон мегарданд, ки ҳангоми набудани модар дар рушди онҳо дигаргунӣ, хусусияти ногузирӣ ва бебозгашт касб мегардад. Илм яқинан исбот кардааст: дар давраи кӯдакӣ ва хурдсолии барвақт иваз кардани модари кӯдак бениҳоят вазнин аст, ки бо сабаби вобастагии биопсихикӣ амалан ғайриимкон аст.

Қатъ шудани робитаҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла мусбӣ), ҷудошавӣ аз одамон ва худ, набудани дастгирии наздикон сабаби дуршавии кӯдак мегарданд. Модари дар МИ нигоҳ дошташуда, бешуурона кӯдакро ҳамчун бори иловагии бе ин ҳам ҳолати мушкили зиндагӣ қабул мекунад. Обекти номусоид барои барқарорсозии сифатҳои модарӣ ин шароитҳои нигоҳдорӣ дар МИ мебошанд: набудани шароитҳои муқаррарии будубош, мушкилиҳои риояи беҳдошт, хӯроки номукаммал, зиқӣ ва набудани фазои шахсӣ, низоми сахти тартиби рӯз, маҳдудияти имконият барои зоҳир кардани мустақилият ва масъулият, танг шудани соҳаи робитаҳои иҷтимоӣ ва дуршавӣ.

Кори асосии корманди иҷтимоӣ бо модари маҳкумшуда – ин таҷаддуди модарӣ ва оила ҳамчун қисмати соҳаи арзишу ҳавасмандӣ ва институтҳои барқарорсозии иҷтимоӣ мебошад. Ба даст овардани мақсади гузошташуда бояд барои ислоҳшавӣ ва аз нав иҷтимоикунонии муваффақи занони маҳкумшуда, инчунин поёнравӣ аз таъсири манфӣ вобаста ба маҳрумият аз озодӣ, барои рушд ва тарбияи кӯдакони онҳо, махсусан дар давраи кӯдакӣ мусоидат кунад. Барои ин, дар муассисаи ислоҳӣ сохтани, аввал, шароитҳо барои мӯътадилгардонии ҳолати равонии занони маҳкумшуда; дуюм, ташкили системаи робитаҳои доимии иҷтимоӣ ва байнишахсӣ бо кӯдак, аъзои оила, машваратҳои мутахассисони равоншинос, омӯзгорони иҷтимоӣ ва кормандон, педиаторон; сеюм, бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ тобеъ кардани тамоми раванди тарбиявии ташкили сарчашмаҳои занҳо, ташкили тайёрии фарққунанда ва таълими асосҳои модарӣ ба маҳкумшудагони кӯдакдор; чорум, баровардани тавсияҳо барои васеъкунии таҷрибаи истифодаи имтиёзҳо ба ин гуруҳи маҳкумшудагон, имконияти зиндагонии якҷоя бо кӯдак то ба синни сесолагӣ расидани ӯ, пешниҳоди афзалият ба кори баландпардохт, дурустшавии меҳнат ва зисту зиндагонӣ пас аз озодшавӣ, дигар кафолатҳои иҷтимоӣ зарур мебошанд.

Тибқи қонунгузорӣ, кӯдакони хурдсол то синни 3-солагӣ бо модарони маҳкумшудаи худ дар муассисаи ислоҳӣ мемонанд, агар модари маҳкумшуда рафтори намунавӣ дошта бошад, ва ӯҳдадориҳои модарии худро бо масъулият иҷро кунад, ва ба шарте, ки то адои мӯҳлати ҷазои ӯ як сол боқӣ монад, бо қарори маъмурияти муассиса мӯҳлати будубоши кӯдаки хурдсол бо модари маҳкумшудаи ӯ, метавонад то охири мӯҳлати ҷазо дароз карда шавад.

Баъди ба синни сесолагӣ расидани кӯдак бо аризаи модари маҳкумшуда ба нигоҳубини хешовандон супорида мешавад, агар маҳкумшуда бо сабабҳои гуногун хешованд ва шахсе, ки ӯ тавонад кӯдаки ноболиғи худро бовар кунад, надошта бошад маъмурияти муассиса барои ҷойгир намудани кӯдак дар хонаи кӯдакон ва ё хона-интернат чораҳо меандешад. Дар раванди омода намудани ҳуҷҷатҳо барои даровардани кӯдак ба хонаи кӯдакон, макони ҷойгиршавии хонаи кӯдакон ба инобат гирифта мешавад, чунки робитаи иҷтимоии модари маҳкумшуда бо кӯдакаш қатъ нагардад, ва барои овардани кӯдак ба вохӯрии тӯлонӣ бо модари маҳкумшуда имкон бошад.

Гуруҳи навбатии маҳкумшудагоне, ки махсусан ба кӯмаки иҷтимоӣ ва дастгирӣ эҳтиёҷ доранд, аз **шахсони синну соли нафақа, маъюбон ва пиронсолон** иборат аст. Дар байни боздоштшудагон кам шахсоне вомехӯранд, ки пиршавии онҳо як раванди физиологӣ маҳсуб меёбад. Аксар вақт дар МИ бо маҳкумшудагоне кор мекунӣ, ки дар онҳо нуқсонҳои назарраси пиршавӣ дар шакли пиршавии бармаҳал, вобаста ба бемориҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, вайроншавии механизмҳои такягоҳӣ ва мутобиқшавӣ, носозгории равандҳои ҳаётӣ ва зуҳуроти онҳо дида мешавад.

Маҳкумшудагони калонсол вобаста ба сатҳи маълумот, таҷрибаи корӣ, ҳолати саломатӣ, вазъи оилавӣ, шумораи доғҳои судӣ ва вақти умумии дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ гузаронида, хеле гуногун мебошанд. Дар аксари онҳо маданияти пасти тарзи ҳаёти солим ва муносибати бемасъулият ба саломатии худ ташкил шудааст.

Маҳбусони пиронсолон – ин шахсоне мебошанд, ки аз қолаби шахшуда ташаккул ёфтаанд, ки тағйир додани онҳо, махсусан дардовар гузашта, баъзан ба нуқсонҳои назарраси равонӣ оварда мерасонад.

Дар қатор бо маҳкумшудагони пиронсол, дар муассисаҳои ислоҳӣ маҳкумшудагоне адои ҷазо мекунанд, ки маъюб мебошанд. Дар бисёр ҳолатҳо ин шахсоне мебошанд, ки аллакай то маҳкумшавӣ ва ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ афтидан аз тарафи комиссияҳои духтурии экспертизаи давлатӣ дар ҷойи истиқомат баҳои қобилияти меҳнатӣ ва ҳолати саломатии худро гирифтанд, лекин боз чунин категорияҳои маҳкумшудагоне ҳастанд, ки дар раванди адои ҷазои ҷиноятӣ маъюб гаштанд.

Иҷрои ҷазо нисбати маҳкумшудагони маъюб ва маҳкумшудагоне, ки ба синну соли нафақа расиданд, вобаста ба зарурати бақайдгирии ҳолати саломатии онҳо ва имкониятҳои ҷисмонӣ, вазъӣ иҷтимоӣ дар ҷомеа хусусияти худро дошта, инчунин бо қонунгузорӣ барои онҳо шароитҳои махсус, имтиёзҳо, фиристодани маъюбон ба хонаи маъюбон ва пиронсолон бо дархости онҳо пешбинӣ шудааст. Кормандони иҷтимоӣ бояд барои гирифтани ҳамаи имтиёзҳои қайдгардида аз тарафи маъюбон бо пешниҳоди қонунгузории амалкунанда мусоидат кунанд.

Инчунин маълум аст, ки шумораи зиёди маъюбон бемории кӯҳна доранд ё зуд-зуд бемор мешаванд, аксарияти онҳо дар хизматрасонии зиндагӣ бо мушкилӣ дучор мешаванд, як қисми дигар наметавонанд бе кӯмаки бегона илоҷ ёбанд. Аммо на ҳолати саломатии маъюбон, на мавҷудияти бемориҳои кӯҳна асосан ҳангоми ташкили иҷрои ҷазо ба назар гирифта намешавад.

Самаранокии системаи барқарорсозии касбии маъюбон хеле паст аст, дар сурате, ки маъюбон ба андозаи калон, назар ба маҳкумшудагони солим ба барномаҳои махсуси барқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд. Аксарияти мутлақи маҳкумшудагони маъюб на танҳо номутобиқанд, балки ҳам аз робитаҳои иҷтимоӣ маҳрум ҳастанд.

Ташкили кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагони куҳансол ва маъюбон аз ошкоркунӣ ва бақайдгирии шахсони гуруҳи мазкур оғоз мешавад. Онҳоро омӯхта, зарур аст, ки пеш аз ҳама, муқаррар карда шавад: ҳолати саломатии онҳо, мавҷудияти собиқаи меҳнатӣ ва ҳуқуқ барои гирифтани нафақа пас аз озодшавӣ, робитаҳои хешовандӣ, ихтисосҳо, ҳавасмандӣ ва мақсадҳои зиндагӣ, ҳолатҳои равонӣ, пиронсолии нодуруст. Ҳангоми кор бо пиронсолони маҳкумшуда ва маъюбон бояд ба сифатҳои мусбии онҳо такя карда, (таҷрибаи онҳо, дониш, фазилати умумӣ ва ғ.) хусусиятҳои манфии синну сол, хусусияти бемориро бартараф намуд.

Инро он гоҳ ба даст овардан мумкин аст, агар аз принсипи асосии кори иҷтимоӣ бо ин гурӯҳи маҳкумшудагон амал карда шавад - ҳаёти чунин шахсон фаъол карда шавад.

Бояд ба ташкили вақти озод ва фароғати маҳкумшудагони пиронсол ва маъюбон диққати махсус дода шавад. Ташкили фароғат бояд ду ҳадафро пайгирӣ намояд: якум, бунёди шароити беҳтар барои барқарорсозии қувваи ҷисмонӣ ва равонӣ; дуюм, ба таври ниҳоӣ машғул кардани вақти холигӣ бо фаъолияте, ки ба рушди шавқҳои ҷамъиятии онҳо мусоидат мекунанд. Кормандон уҳдадоранд, ки пиронсолон ва маъюбонро барои ташкил кардани вақти фароғати худ омӯзонанд, ки ба онҳо дар озодӣ лозим мешавад, бахусус онҳое, ки ба хонаҳои пиронсолон ва маъюбон фиристода мешаванд.

Мақоми назаррасро дар муассисаи ислоҳӣ ҳангоми кор бо маҳкумшудагони пиронсол ва маъюбон, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои табобатӣ-профилактикӣ мегирад, ки дар қатори чораҳои хусусияти тиббӣ дошта, инчунин чораҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва иҷтимоӣ-омӯзгорӣ дар бар мегиранд. Нақши муҳимро ташкили дурусти хадамоти иҷтимоӣ-беҳдоштӣ иҷро мекунад, ки дар худ назорати доимӣ аз болои саломатии маҳкумшудагони пиронсол ва маъюбон, нигоҳубини тиббӣ, профилактикаи нуқсонҳои психопатологии пиронсолӣ ва заъфи пиронсолӣ бо роҳи машғул кардани пиронсолон ва маъюбон бо фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, ҷалб кардан ба кори ҷамъиятӣ дар бар мегирад.

**Технологияи аз нав ҷамъияткунонии маҳкумшудагони пиронсол ва маъюбон**

Барои маҳкумшудагони пиронсол ва маъюбон ҳангоми озодшавӣ унсурҳои навбатии технологияҳои аз нав ҷамъияткунонӣ аз ҳама бештар воқеӣ мебошанд:

1. Барқарорсозии ҳуҷҷатҳои асосӣ дар давраи будубош дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки ба тарзи гуногун то ҳабс шудан гум шудаанд, вале зарур мебошанд, зеро аз нав ҷамъияткунонии минбаъда бе ин ҳуҷҷатҳо ғайриимкон аст.

2. Мусоидати фаврӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба интиқоли нафақа аз рӯи интихоби ҷойи зист.

3. Ҳалли масъалаҳо оид ба дурустсозии зиндагии (масъалаҳои маишии) худ дар ҷойи зисти пештара (то ҳабсшавӣ).

4. Ҳангоми воридшавии аризаи дахлдор аз тарафи маҳкумшудаи озодшавандаи пиронсол ё маъюб – дар ҳалли масъала оид ба ҷойгиркунии ӯ дар хона-интернати мувофиқ мусоидат кардан.

5. Тайёрии иттилоотӣ ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва равонии озодшавандаҳо.

6. Ташкили таъмини маҳкумшудагони озодшавандаҳои гурӯҳи мазкур бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, воситаҳои пулӣ, либосворӣ, пойафзол, маводи хӯрока ё роҳкиро, ҳуҷҷатҳои рафту омад ва ҳамроҳӣ.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагони пиронсол ва маъюбон дар ҷойҳои маҳкум сохтан аз озодӣ бо назардошти омилҳои хуқуқӣ, инфиродӣ-равонӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, инчунин равонӣ-омӯзгорӣ гузаронида мешаванд, ки шароити заруриро барои барқарорсозӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии ин гуруҳи маҳкумшудагон месозад. Бо вуҷуди ин, барои омодагии амалии онҳо ба озодшавӣ аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, инчунин барқарорсозии иҷтимоӣ-зиндагонӣ ва меҳнатӣ диққати махсус дода мешавад.

Як гурӯҳи махсуси алоҳидаи маҳкумшудагоне, ки ба кӯмаки махсуси иҷтимоӣ ва дастгирӣ эҳтиёҷ доранд – ин **шахсони ноболиғе, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарор доранд.**

Биёед ба **хусусияти маҳкумшудагони ноболиғ** назар андозем.

Ин гурӯҳи маҳкумшудагон таҷрибаи ками ҳаёти иҷтимоӣ доранд, вале ин албатта, дар содир намудани амалҳои ҷиноятӣ ҳамчун варианти рафтори интихобӣ зоҳир мегардад, ки ба он низ ҳолатҳои иҷтимоӣ, робитаҳои иҷтимоӣ ва тарзи ҳаёте, ки ноболиғон дар ин давра пеш мебаранд, таъсир мерасонад. Исботи ин таҳқиқоти иҷтимоию- ташхисӣ мебошанд, ки дар байни наврасони синни 14 то 18-сола гузаронида мешавад (таҳқиқот дар муассисаҳои ислоҳии Федератсия Русия, ки дар он ҷинояткорони ноболиғ нигоҳ дошта мешаванд, гузаронида шудаанд), ки ба колонияҳои тарбиявӣ барои содир кардани ҷиноятҳо дар асоси қарорҳои судҳо ворид гашта, дар он намуди ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян қайд гардидааст. Ташхиси мушкилиҳои иҷтимоии маҳкумшудагон дар муассисаи ислоҳии ноболиғон нишон медиҳад, ки қисми назарраси онҳо (60%) то маҳкумшавӣ нахондаанд ва кор накардаанд. Боз қисми зиёдтар (зиёда аз 70%) дар ҳайати гурӯҳҳо, ва баъзан (30%) дар шарики бо калонсолон ва гурӯҳҳои омехта ҷиноят содир кардаанд. Зиёда аз 40% то ҳабсшавӣ маводи нашъаовар истифода мебурданд ва зиёда аз 90% таҷрибаи истеъмоли машрубот доштанд.

Ҳангоми воридшавӣ ба МИ дар байни ноболиғони маҳкумшуда маълум мегардад, ки онҳо дорои бемориҳои гуногун, аз ҷумла кӯҳна, шахсони заҳролудшуда, вируси масъунияти одам ВИЧдошта, бо сабаби бемории сил, гепатит дар қайд ҳастанд, наврасонеро, ки бо нишонаҳои обективӣ дар қайди психопатӣ гузоштан зарур аст, инчунин дорандаи таҷрибаи содир намудани аутозуроварӣ ва кӯшиши худкушӣ ва ғ.

Қисми назарраси маҳкумшудагони воридшуда ба МИ робитаҳои хешовандии устувор надоранд, ки дар ин маврид омилҳои мавҷуд набудан ё мукотибаи суст бо хешовандон, воридшавии ками марсулаҳо (посилкаҳо), инчунин ба назди маҳкумшудагон ба вохӯрии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат наомадани хешовандон гувоҳӣ медиҳанд. Бисёр маҳкумшудагон (то 80%) аз оилаҳои носоз ва камбизоат мебошанд, инчунин оилаҳое, ки як волидайн, биби ё бобо доранд. Дар қисми маҳкумшудагон, волидайн аз ҳуқуқҳои волидайнии худ маҳрум гаштаанд, ё дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарор доранд, ё тарзи ҳаёти майпарастӣ-нашъамандӣ мебаранд. Дар солҳои охир дар колонияҳои тарбиявӣ нишондиҳандаҳои адо намудани ҷазо аз тарафи маҳкумшудагон аз қатори ятимон ва ятимони иҷтимоӣ зиёд мешаванд.

Пурсиша дар яке аз колонияҳои тарбиявӣ нишон дод, ки қисмати назарраси (61,2%) маҳкумшудагоне, ки барои адои ҷазо ворид шудаанд, дар асл омили дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ афтиданро барои худ халосӣ меҳисобанд, зеро иштироки минбаъдаи онҳо дар бурдани чунин тарзи ҳаёт, зиндагӣ дар оилаҳои ғайриҷтимоӣ ва содир кардани амалҳои ҷиноятӣ, бо ақидаи пурсишшавандаҳо, метавонист онҳоро ба марг расонад. Онҳо ишора мекарданд, ки дар оилаҳои камбизоат зиндагӣ карда, онҳо барои гузаронидани вақти холигии худ дар шакли ташкили пулакии он имконият надоштанд. Бо сабаби мазкур, онҳо чунин шакли вақтхуширо дар кӯчаҳо ташкил мекарданд, ки онҳо аҳёнан бо содир кардани ҷиноят ба анҷом мерасиданд. Дар асоси ин, комилан метавон тасдиқ кард, ки қисме аз ноболиғон пеш аз афтидан ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ аллакай дар вазъияти ғайримутобиқшавӣ қарор доштанд, ки натавонистанд роҳи баромад ёбанд ва ҷиноят содир карданд. Ҳангоми омӯзиши мушкилиҳои ҷавонон бояд тарзи ҳаёти ҷиноятӣ, аз як тараф, ҳамчун яке аз тарафҳои тарзи маҷбурии зиндамонии ҷавонони табақаҳои нодори аҳолӣ буда, аз тарафи дигар ҳамчун шакли гузаронидани вақти холигии ноболиғони табақаҳои доро дида баромада шавад. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки аз чунин оилаҳо барои адои ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ дар КТ то 20% маҳкумшудагон ворид мегарданд. Ва аксар вақт сабабҳои содир кардани ҷиноятҳо ин хоҳиши гирифтани вақтхушиҳо ва қонеъгардонии талаботҳои онҳо мебошад.

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки афтидани наврасон дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин асосан пас аз фаророрасии 14-солагӣ рӯй медиҳад, яъне дар даврае, ки ба қисми бештари онҳо марҳилаи анҷомёбии ҷамъиятшавӣ фаро мерасад. Муҳимтар аз ҳама дар КТ ин интихоби ҷодаи зиндагӣ мебошад, ки минбаъд ҳар як наврас зиндагии худро месозад: ё ӯ ҳамроҳ бо коллективи омӯзгорӣ фаъолияти зиндагии худро минбаъд тибқи қоидаҳои дар ҷомеа қабулгардида ташкил медиҳад, ё ин ки чунин ташкилкунӣ мувофиқи меъёрҳои маданияти ҷинояткорӣ ба вуқуъ меоянд.

**Ноболиғони ҷинси мард**

Ноболиғони ҷинси мард, ки дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ дар КТ адои ҷазо мебаранд, дар марҳилаи анҷомёбии ҷамъияткунонӣ дар асоси ҳавасмандшавии беруна, гирифтори ташкилкунии рафтори худ мебошанд, яъне ҳамон арзишҳое, ки дар гурӯҳҳои кучагӣ ташкил ёфтанд, ки қисми зиёди вақтро ҳамин наврасон гузаронда буданд.

Ба ғайр аз ин, шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ озод шуда, донишҳои меъёрии маданияти ҷиноятиро ба ин муҳит интиқол доданд, ба онҳо таъсири ҷиддӣ доштанд.

Ба сабабҳо ва шароитҳои содиркунии ҷинояти наврасон ҳамчунин бояд рабт кард:
- бекории иқтисодӣ (кор мавҷуд нест, рад кардани омӯзиш);
- набудани назорат аз тарафи калонсолон аз болои рафтори онҳо;
- истифодаи машрубот ва маводи нашъамандӣ ҳамчун шакли вақтгузаронӣ;
- набудани шаклҳои ташкил ва гузаронидани вақти холигӣ барои истифодаи ройгон ё дастрас;
- зарурати робита бо онҳое, ки аллакай тарзи ҳаёт ғайриичтимоӣ пеш мебаранд, зеро ҳеҷ як алтернатива (ҳолати имконпазир) вуҷуд надорад;
- ташвиқи зӯроварӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва ғайра.

Агар ноболиғони ҷинси занона вобаста ба хусусиятҳои худ ва дарк кардани нақш ва мавқеи худ дар оилаҳои худ, ки бо омилҳои табиӣ ва таърихӣ муайян гардидаанд, ба андозаи кам тахти зери таъсири кӯчаҳо гирифтор бошанд, пас нисбати ноболиғони ҷинси мард инро гуфтан мумкин нест. Илова бар ин, равандҳои муайянкунандаи шахсият, тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, бисёре аз наврасони ҷинси мардона, ки дар КТ қарор доранд, суст мегузаранд ва шакли хотимавӣ надоранд. Барои онҳо кушиш барои муттаҳидкунӣ ва сохтани робита дар гурӯҳҳо, парастиши қувваи ҷисмонӣ, тобеъшавӣ ба пешсафон, риояи қоидаҳои муқаррарнамудаи рафтори онҳо дар гурӯҳҳо, эътироф намудани «мақоми» бузург мувофиқ ба «таҷриба», зӯроварӣ ва бераҳмӣ дар фаъолияти ҷиноятӣ, ташкили вобастагии равонӣ аз "дӯстон" дар фаъолияти ҳаёти худ (хӯрдан ва робита дар «оилаҳо» ва ғайраҳо) хос мебошад.

**Ноболиғони ҷинси зан**

Ноболиғони ҷинси зан дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар колонияҳои тарбиявӣ нигоҳ дошта мешаванд. Қисми зиёди онҳо барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин (таҳқиқот дар муассисаҳои ислоҳии Федератсияи Русия, ки дар он ҷо маҳкумшудагони ноболиғ нигоҳ дошта мешаванд) адои ҷазо доранд. Ҳамин тариқ, то 50% барои расонидани зарари вазнин ва қасдан ба марг расонидани шахси дигар маҳкум шудаанд. Зиёда аз 20% барои содир кардани роҳзанӣ ҳукми худро адо мекунанд. То 40% ноболиғоне, ки адои ҷазо доранд, дар саволномаҳо қайд мекунанд, ки онҳо маводи нашъамандӣ, аз он ҷумла ба тарви инексионӣ истифода бурдаанд. Танҳо 2% дар саволномаҳо қайд карданд, ки машрубот, маводи нашъамандӣ истеъмол накарданд.

Мувофиқи пурсиш, сабабҳои ҷиноятҳои хавфнок содир кардани онҳо, инҳоянд: бекории онҳо, хоҳиши нахондан, норасоии назорат аз тарафи волидон ё шахсони парастор, хоҳиши гирифтани кайфият, кушиши осон ва зебо зиндагӣ кардан, намоиши зӯроварӣ дар телевизор ва маводи видеоӣ.

## Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба адолати суди ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазоҳо дар мавриди ҳуқуқвайронкунандаҳои ноболиғон

Дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989 с.) оид ба ду вазифаи муҳими адолати судӣ нисбати ноболиғон омадааст:

1) мусоидат ба «реинтегратсияи он ва иҷрои нақши муфид дар ҷомеа» (моддаи 40.1);

2) таъмин намудани «чунин муносибат бо кӯдак, ки ба некӯаҳволии вай, инчунин мавқеи ӯ ва хусусияти ҷиноят мувофиқат намояд» (моддаи 40.4).

Принсипҳои роҳбарикунандаи Эр-рияд (1990 с.) оид ба огоҳӣ дар бораи нораво будани истифодаи истилоҳи "ҷинояткор" нисбати ноболиғ мавҷуд мебошанд, ки рушди ин қоида мебошад: роҳ надодан ба расонидани зарар ба обрӯи ноболиғ.

Дар кори иҷтимоию-омӯзгорӣ дар КТ оид ба мутобиқшавии маҳкумшудагони ноболиғ, ба инобати гирифтани хусусиятҳои навбатиро қайд намудан зарур аст:

1) инкишофи босуръати ҷисмонии бадан хоси наврасӣ, қувва, ташаббускорӣ, фаъолнокӣ, мутаасиршавандагии баланд, бетаҳаммулӣ, таъсирпазирӣ, муносибати нокифояи интиқодӣ нисбати худ, баҳодиҳии нодурусти нокифояи воқеият;

2) ноустувории ахлоқӣ, кушиш ба зиндагии беташвиш, ки аз ҷониби васоити ахбори омма тарғиб мешавад;

3) сатҳи пасти маданият, сироятёбӣ ба фарҳанги ҷинояткорӣ; мустақилона ҳалл карда натавонистани ҳолатҳои марбут ба пайдоиши мухолифатҳо дар муҳити онҳо;

4) худбаҳодиҳии баланд ё паст;

5) майлу рағбат ба муошират, гузаронидани вақти холигӣ дар гурӯҳҳо (ҷинояткорӣ аксар вақт хусусияти гурӯҳӣ дорад); тарс дар назди роҳбарони гурӯҳҳои хусусияти манфӣ дошта ва гирифтани айбдоркунии эҳтимолӣ дар содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо дар муҳити онҳо;

6) барзиёдии вақти холигӣ ва ташкил карда натавонистани он; эътироф кардани ҷабҳаи қувваи ҷисмонии дурушт;

7) шиносӣ бо машрубот, маводи нашъамандӣ, алоқаи ҷинсии барвақтӣ, ки боиси кандашавии алоқаҳои хешовандӣ шудааст, гум кардани шавқу ҳавас ба омӯзиш ё кор;

8) душвортарбиягӣ ё беназоратии иҷтимоӣ-омӯзгорӣ вобаста ба носозии вазъият дар оила ё иштибоҳи тарбияи оилавӣ, инчунин зери таъсири фаъолияти ҷиноии калонсолони алоҳида, ки наврасонро ба соҳаи фаъолияти худ ҷалб мекунад ва ғайра.

## Хусусияти раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар колонияи тарбиявӣ

Хусусияти асосӣ дар ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-омӯзгорӣ дар КТ оид ба мутобиқшавии ноболиғон ба зиндагӣ дар озодӣ аз ҷалби онҳо ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ иборат аст. Илова бар ин, вазъиятеро ба назар гирифтан муҳим аст, ки анҷомёбии иҷтимоикунонии ноболиғони маҳкумшуда дар КТ бояд дар як вақт бо аз нав иҷтимоикунонии қисмии онҳо сурат гиранд.

Хусусияти ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар КТ аз чунин иборат аст:

а) ташрифи ҳатмии чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ аз ҷониби ҳамаи маҳкумшудагони ноболиғе, ки бо барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои корҳои тарбиявӣ ва реҷаи ҳаррӯза дар КТ пешбинӣ шудаанд;

б) ҳузур доштани маҳкумшудагони ноболиғ дар рафти амалисозии раванди таълимӣ-тарбиявӣ таҳти назорати доимӣ аз тарафи кормандони КТ;

в) афзалият дар ташкили раванди фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ бо маҳкумшудагон ба методҳои боварикунонӣ аз болои тамоми роҳҳои дигари таъсиррасонӣ ба онҳо;

г) имконияти истифода кардани чораҳои таъсиррасонии интизомӣ мувофиқи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба маҳкумшудагони ноболиғе, ки дар раванди фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ҳуқуқвайронкуниҳои гуногун содир карданд;

д) ҷалбкунӣ барои иштироки ҷавонон дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ бо маҳкумшудагони қувваҳои беруна: намояндагони сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои онҳо, шӯрои парасторӣ, кумитаи волидайн, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, конфессияҳои динӣ ва ғайра.

Мувофиқ ба луғати С.И. Ожегова «тарбия додан – калон кардан, маълумот додан, қоидаҳои рафторро омӯхтан.» Бо дигар маъно, дар инҷо аллакай нишон дода мешавад, ки «бо роҳи таъсири пай дар пай, таъсир барои ташаккули хислати шахс - тарбия додан». «Тарбиядиҳӣ – раванди таъсири пай дар пай ва мақсаднок барои рушди рӯҳонӣ ва ҷисмонии шахс бо мақсади омодасозии он ба фаъолияти истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ мебошад. Бо таълим ва омӯзиш зич алоқаманд аст» (Луғати калони энсиклопедӣ. М., 1981.)

Дар адабиёти таълимӣ-илмӣ тарбия ҳамчун интиқоли суиқасдона ва мақсадноки таҷрибаи ҷамъиятию таърихӣ ба насли наврас барои соҳиб шудани онҳо ба маҳорати меҳнатӣ ва таҷрибаи мавҷудаи муносибатҳо ва рафтор мебошад.

Тарбия метавонад ҳамчун ҳосилкунии малакаҳои рафтори оила, мактаб, муҳити атроф, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мешаванд, дида баромада шавад. Аз ин ҷо, таъриф додан мумкин аст,

ки кори тарбиявӣ – ин амалисозии фаъолият оид ба ҳосилкунии малакаҳои обект барои фаъолияти мусбӣ дар ҷомеа мебошад.

Раванди таълим бо муайян кардани мақсадҳои он оғоз меёбад. Мақсади асосии тарбия ин ташаккул ва инкишофи кӯдак ҳамчун шахсият мебошад, ки дорои хислатҳои муфид буда, барои зиндагии ӯ дар ҷомеа зарур аст. Мақсади умумии тарбия дар он аст, ки кӯдакон некахлоқ, рӯҳан бой, ботинан озод ва шахсиятҳои масъулиятнок гарданд.

Мафҳуми «тарбия» метавонад ҳамчун мақсад, раванд, фаъолият ва натиҷа баррасӣ карда шавад.

Истифодаи услуби ҳамаҷониба дар тарбияи маҳкумшудагон ба маҳрум сохтан аз озодии наврасон маънои онро дорад, ки дар ин раванд бояд ҳамаи субектҳои ҷомеа, ки имконият ва иқтидори расонидани таъсири мусбат ба инсони ҷинояткорро доранд, иштирок намоянд.

Равандҳои таълим ва тарбияи насли наврас ҷудонашаванда мебошанд. Интиқоли дониш ва таҷриба аз ҷониби ҳамаи институтҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад: оила, воситаҳои ахбори омма ва фарҳанг, одамон ба ҳамдигар, муассисаҳои таълимии дараҷаҳои гуногун ва самтҳо, ташкилотҳои динӣ ва иҷтимоӣ ва ғ.

Таълим ва тарбия функсияҳои иҷтимоии зеринро дар ҷомеаи муосир иҷро мекунанд: фарҳангӣ, инсонпарварӣ, аз нав ҳосилкунии рӯҳӣ, иқтисодии касбӣ, омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ (калонсолӣ).

Ташаккул ёфтани инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ, такмилёбӣ дар раванди ҳаёт, ки дар натиҷаи инкишоф ва тарбия руй медиҳад, раванди ташаккулёбии он номида мешавад. Донишҳои ибтидоӣ ва малакаҳои зиндагӣ карданро дар ҷаҳони атроф кӯдак бояд аз волидони худ, ё шахсони ивазкунандаи онҳо гирад.

Дар давраи минбаъда, таҳкими онҳо бояд дар мактаб сурат гирад, ки ӯ дар онҷо ҳамроҳи донишҳо оид ба дунёи атроф бояд дар бораи меъёр ва қоидаҳои зиндагонӣ тасаввурот гирад. Давраи ниҳоии азхудкунии меъёрҳои зиндагонӣ дар ҷомеа бояд вобаста ба интихоб, омӯзиш, ба даст овардан ва рушди минбаъдаи иҷрои вазифаи накши мушаххаси иҷтимоӣ (касбӣ) гузарад, ки инсон дар давраи муайяни зиндагии бошуурона иҷро хоҳад кард. Шояд, дар раванди фаъолияти зиндагӣ накшҳои иҷтимоии инсон тағйир ёбанд, аммо азхудкунии яке аз меъёрҳои муҳимтарин зарур мебошад, ки тарзи ташкили (тағйири) фаъолияти зиндагии худро ҳар як шахс бояд дар асоси қоидаҳои муқарраршудаи ҷомеа амалӣ созад.

Аксарияти одамон таҳти таъсири чораҳои ташкилии тарбиявӣ, малакаҳои устувори иҷрои бошуури талаботҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа муқарраргардидаро ба даст меоранд. Бо вуҷуди ин, қисме аз ноболиғон ба ҳар сурат риояи меъёри муқаррарнамудаи иҷтимоии эътирофгаштаро рад мекунанд, ба гуруҳи ғайримутобиқшавӣ меафтанд ва дар ниҳоят амалҳои ғайриқонунӣ содир мекунанд ва ба колонияи тарбиявӣ ҷойгир карда мешаванд.

Барои таъмини бозгашти ақиби чунин шахсон ба ҷомеа, пас аз адои ҷазои ҷиноӣ, онҳо ба таъсири тарбиявӣ фаро гирифта мешаванд, ки бо мақсади бартарафкунии тағйирёбии шахсии онҳо, ҳамроҳшавӣ ба рафтори қонундаро ва мутобиқшавии иҷтимоӣ пас аз озодшавии онҳо мебошад. Инкишофи шахсияти инсон метавонад ҳам дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ба вуқӯъ ояд. Он чун қоида, бо ташкили дурусти таъсиррасонии мусбии тарбиявӣ дар КТ аз ҷониби кормандони касбӣ рӯй медиҳад, ки на танҳо сабабҳои асосии содиркунии ҷиноят аз тарафи ноболиғонро нишон медиҳад, балки инчунин наврасонро барои тағйирёбии худи онҳо ба фаъоляити фаъол омода мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки барои ислоҳи маҳкумшудагон натиҷаҳои муайян ба даст ояд, ва қисме аз онҳо метавонанд сохтани муносибатҳои бошууронаро дар роҳи мусбӣ бо дигарон омӯзанд, ҳодисаҳоеро, ки дар гузашта содир шуда буданд, таҳлил намоянд, барои рафтори қонунӣ, фаъолона машғул шудан дар ташкили худёридиҳӣ дар азхудкунии такрории меъёрҳои зиндагонӣ дар ҷомеа дастурҳо гиранд ва ғ. Вобаста ба ин, мо бояд донем, ки кадом андоза ва хусусияти таъсиррасонӣ барои ташкил ва гузаронидани кори тарбиявӣ бо наврасони номутобиқгашта лозим аст, ки таҷрибаи содиркунии амалҳои ҷиноятӣ дошта, дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарор доранд. Кормандони КТ бояд мазмуни кори тарбиявиро тартиб дода тавонанд, то ки он барои чораҳои муайяни самаранокӣ даъво дошта бошад.

Бо вуҷуди ин, он чизе ки ба тарбияи муассисаҳои таълимӣ хос мебошанд, он қадар дар сохтани раванди тарбиявӣ дар колонияҳои тарбиявӣ қобили қабул набуда, аллакай наврасон барои ҷиноятҳои содир намудаашон, адои ҷазо мебаранд, ки зиёдтар бо гуноҳи калонсолон дар онҷо қарор доранд.

Охиринашон на танҳо барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ оид ба тарбия гунаҳкор дониста мешаванд, вале аксар вақт таҳти таъсири вобастагиҳои гуногун, саломатии ҷисмонӣ ва равонии онҳоро бевосита таҳти хатар мегузоштанд, аз ин рӯ, ғайритасодуфӣ маҳкумшудагоне, ки дар КТ қарор доранд, на танҳо ба муносибати одамони калонсоли нишонадор аксуламалҳои муайян зоҳир менамоянд, балки механизмҳои гуногуни ҳифзи равонӣ ва зуҳуроти бошиддати берунаро дар бар мегиранд, ки метавонанд ба оқибатҳои пешгӯинашаванда оварда расонанд.

Нақши калон дар ташкил ва гузаронидани кори тарбиявӣ ба коллективи омӯзгорӣ тааллуқ дорад. Бе сохтани ҳайати ягонаи омӯзгорӣ ташкили ҳайати маҳкумшудагон ғайриимкон аст. Ҳайати омӯзгории колонияи тарбиявӣ иттиҳодияи мураккабро ифода мекунад, ки аз як қатор шӯъба ва хадамотҳои мустақил иборат мебошад: корманди иҷтимоӣ, равоншинос, тарбиятдиҳандаҳои шӯъбаҳо, қисмҳо, муаллимони мактабҳо, устоҳо ва омӯзгорони муассисаҳои таълими касбӣ ва кормандони устохонаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ. Зери сардории ҳайати омӯзгории КТ бояд роҳбар-омӯзгор қарор гирад, на аз рӯи маълумот, балки аз рӯи мавқеъ. Шарти мусбӣ барои ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар колонияи мушаххаси тарбиявӣ ин дастгирӣ дар ҷустуҷӯ ва ташаббусҳои мусбӣ маҳсуб меёбад, ки роҳбарони мақомотҳои ҳудудии иҷрокунандаи ҷазо амалӣ мекунанд.

Дар кор бо ноболиғон, аз як тараф, кори ҳаррӯзаи таълимӣ-тарбиявӣ зарур аст, инчунин гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба таъмини бехатарии худи ноболиғон ва ҷомеа аз зуҳуроти ҷиноӣ, новобаста аз ҷониби касе, ки амалӣ мегардад, аз тарафи дигар мебошад. Касбияти кормандони КТ дар тарбияи маҳкумшудагон дар он зоҳир мегардад, ки бо мақсади пешгирикунии ниятҳои инфирод-наврас барои содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ бо маҳоратона кор карда шавад. Он ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки гузаронидани кори зарурӣ барои сӯистифода дар ҷомеаҳои маҳкумшуда дар ВК бо мақсади пешгирӣ кардани содиркунии вазъиятҳои фавқулоддаи хусусияти иҷтимоӣ дошта мавҷуд бошад: ҳуқуқвайронкунии гурӯҳӣ, ҳуҷум ба кормандон, бетартибиҳо, гирифтани асирон, содиркунии амалҳои террористӣ ва ғайра. Ва омили муҳими расидан ба муваффақият дар ин кор ин бунёди моҳиронаи таркиби он маҳсуб меёбад.

## Кори иҷтимоӣ-омӯзгорӣ бо маҳкумшудагоне, ки аз колонияи тарбиявӣ (КТ) озод мешаванд

Самти фаъолияти иҷтимоӣ-омӯзгорӣ бо ноболиғон дар КТ

1. Ҷалбкунӣ ба таълим дар мактабҳо барои гирифтани маълумоти асосии умумии ҳамаи ноболиғон дар КТ, ки ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд.
2. Ташкили шароитҳо барои гирифтани маълумоти миёнаи пурра.
3. Ҷустуҷӯ ва амалисозии имкониятҳо барои ҷалб намудани шахсоне, ки дар таҳсили коллеҷ ва донишгоҳ дар шакли ғоибона ё фосилавӣ маълумоти миёнаи пурра гирифтанд.
4. Андешидани чорабиниҳои ҷиддӣ барои таъмини ноболиғон дар ВК барои гирифтани таҳсилоти касбӣ, ки ҳангоми озодшавӣ ҳар як тарбиятгиранда ихтисосе дошта бошад, ки дар шароити иқтисодии муосир ба бозори меҳнат талабот дошта бошад.
5. Омӯзиш барои амалисозии пурраи худхизматрасонӣ, риояи қоидаҳои беҳдошти шахсӣ ва санитарияи умумӣ.
6. Аз рӯи имкон ҷалб кардан барои иштирок дар раванди истеҳсолӣ вобаста ба зарурати мутобиқшавии меҳнатӣ бо шароитҳои меҳнати пардохтшаванда ва бе пардохти музди меҳнат мутобиқи қонунгузории иҷрокунандаи ҷиноятӣ.
7. Омӯзиши шаклҳо ва малакаҳои ташкил ва гузаронидани вақти дамгирӣ, вақти холигӣ, ташкили муносибатҳои ахлоқӣ бо атроф, пешбурди тарзи ҳаёти солим:
а) ҷалбкунӣ ба фаъолияти бадеӣ, эҷодиёти бадеӣ ва техникӣ, фаъолияти маҳфилӣ;
б) ҷалбкунӣ дар бахшҳои варзишӣ;

в) иштирок ба омӯзиш ва азхудкунии меъёрҳои ахлоқӣ;

г) гузаронидани чорабиниҳое, ки барои шиносоӣ бо эҷодиёти санъат ва фарҳанг равона шудаанд;

д) муайян кардани супоришҳо ва ӯҳдадориҳо оид ба нигоҳубини ҳайвонот, моҳиҳо, паррандагоне, ки дар канораҳои зиндаи қисмҳо мавҷуданд ва ғ.

8. Ҷалбкунӣ ба иштирок дар гузаронидани чорабиниҳое, ки ба худсобиткунӣ, инкишофи ҷаҳонбинӣ, донистани одамон, маънии ҳаёт, ҷамъият, муносибати интиқодӣ ба ҳодисаҳои манфӣ, маҳорати ҳимояи ақидаи худ равона шудаанд.

9. Нигоҳдорӣ, бунёд ва дастгирии робитаҳои фоиданоки иҷтимоӣ бо ҷанбаҳои мусбие, ки дар оянда барои анҷоми бомуваффақияти иҷтимоикунонӣ, аз нав иҷтимоикунонӣ, ва мутобикшавии иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ноболиғон зарур мебошанд.

10. Ҷалби ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва фирқаҳои динӣ барои иштирок дар гузаронидани чорабиниҳои иҷтимоию омӯзгорӣ.

11. Ҷалби шӯроҳои парасторӣ ва шӯроҳои хешовандон барои иштирок дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ-омӯзгорӣ ва дигар намудҳои фаъолият бо ноболиғон дар КТ.

12. Ҷалби ноболиғон дар КТ дар кори ташкилотҳои худфаъолият бо мақсади шиносоӣ ба фаъолияти иҷтимоӣ ва тарбияи ҳисси масъулият барои соҳаи фаъолияти таъиншуда.

13. Ташкил ва амалисозии назорати омӯзгорӣ аз болои худтарбиякунӣ аз ҷониби ноболиғони алоҳидае, ки барои аз болои худ гузаронидани чунин корҳо омода ҳастанд.

14. Озмоиши самти нави аз нав ҷамъияткунонӣ ва барқарорсозии иҷтимоии ноболиғон ва маҳкумшудагони синну соли ҷавон дар шароитҳои махсуси таъсисёфтаи ташкили фаъолияти зиндагии берун аз ҳадди иншоотҳои ҳифзшаванда (вале таҳти назорат ва идоракунии равандҳои мазкур аз тарафи кормандони КТ) дар маркази барқарорсозӣ ё деҳаи барқарорсозии махсуси таъсисёфта.

*Масалан, ақидаи барқарорсозии иҷтимоии наврасони душвортарбия аз Олмон, ки машаққат доранд, бо роҳи интиқоли онҳо барои зиндагӣ дар шароити деҳаи тайганишин дар Сибир соли 1993 аз тарафи шаҳрванди олмонӣ Ф. Кренер амалӣ шуда буд. Лекин, чунин ақида худ аз худ нав нест, чунки шурӯъ аз охири асри XIX он давра ба давра (таҷрибаи омӯзгории тағйирёбии рафтори одамон бозгашт барои бурдани хоҷагӣ) чун варианти ҳалли мушкилиҳои аз нав ҷамъияткунонии одамон пайдо ва амалӣ мешуданд. Дар соли 2002 дар колонияи тарбиявии Рязан маркази барқарорсозӣ аз шумори тарбиягирандаҳои ятим таъсис ва кушода шуд. Барқарорсозӣ ва омодасозии онҳо ба зиндагӣ дар озодӣ ҳамчунин дар шароитҳои маҳалли қишлоқ ва бурдани хоҷагии табиии ҳамчунин дар шароити маҳали қишлоқ мегузашт. Аз 120 нафар одам, ки дар 6 сол маркази барқарорсозиро гузаштанд, ягон кас такроран ҷиноят содир накардааст.*

## Самти кор оид ба ҳамгироӣ (реинтеграция) ба ҷомеаи маҳкумшудагони ноболиғ пас аз озодшавии онҳо аз ВК

1. Мусоидат намудан дар зоҳиркунӣ ва таҳлили душвориҳо (мушкилот) – ҳамгироии иҷтимоӣ дар ҷомеа.

2. Банақшагирии чораҳои тадриҷӣ барои расонидани кӯмак ба ноболиғи мушаххас дар ҳамгироии иҷтимоӣ (хусусият, андоза, усулҳо, муайянкунии онҳо дар рафти кор) равона карда шудааст. Дар раванди банақшагирӣ дар ташкили зиндагииояндаи худ бояд ноболиғон дар КТ фаъолона иштирок кунанд.

3. Кори инфиродӣ бо ноболиғон дар КТ (фаъолгардонии эҳтиёҷот дар ҳамгироии иҷтимоӣ, идомаи омӯзиши умумӣ ва касбӣ ва ғ.).

4. Мутобиқшавии меҳнатӣ, ки барои ба даст овардани ҳавасмандии устувори иштироккунӣ дар фаъолияти меҳнатӣ ва ба даст овардани сарчашмаи зиндагӣ равона шудааст, ки имкони пурра рад кардани тарзи зиндагии ҷиноятӣ мебошад.

5. Хизматрасонии ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоии ноболиғон (маърифатнокии ҳуқуқӣ, машваратҳои ҳуқуқӣ, расонидани маълумот дар бораи кори имконпазир, таҳсил ва ғайра; кӯмак дар васеъкунӣ ва танзими алоқаҳои фоиданоки иҷтимоӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва ғ.)

Ташкили робитаҳои зарурӣ бо волидон (шахсони ивазкунандаи онҳо) ва омода кардани онҳо барои гузаронидани фаъолияти мусбии иҷтимоӣ-фаромарзӣ бо ноболиғоне, ки аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ баргашта, ба худ меъёрҳои муайян ва малакаҳои будубошро дар шароити фарҳанги ҷиноятӣ кашида гирифтанд.

6. Ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо ва таъмини иттилоотии субектҳои гуногун (сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, динӣ, дигар ташкилотҳо), ки дар якҷоякунии иҷтимоӣ иштирок намуда ва барои даровардани озодшавандаҳо аз КТ ба фарҳанги худ (бо маънии иҷтимоии ин калима) имкон медиҳанд, ки барои ташаккули механизмҳои назорати дохилӣ мусоидат мекунад, ки инҳоянд: идеалҳо, шараф, виҷдон, эътибор ва ғайра.

7. Баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва сатҳи салоҳиятнокии субъектҳои аз нав иҷтимоишаванда ва кори иҷтимоӣ бо ноболиғон дар колонияҳои тарбиявӣ.

8. Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ки мақсади фаъолияти онҳо аз он иборат аст, ки барои аз нав иҷтимоикунонии ноболиғон ва маҳкумшудагони синну соли ҷавоне, ки аз КТ озод карда шуданд, мусоидат намояд.

Ба субектҳое, ки ноболиғон пас аз озодшавӣ аз КТ барои тарбияи минбаъда интиқол дода мешаванд:

- оилаҳои ноболиғ;
- хешовандоне, ки барои тарбияи минбаъдаи онҳо хоҳиш доранд;
- дигар шахсон (пешакӣ омӯхтан, иттилооти муайяни боэътимодро тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оиди чунин шахсон ҷамъ овардан ва онҳоро дар шакли ҳуҷҷат ташкил кардан зарур аст);
- ба муассисаҳои кӯдакони ятим ва кӯдаконе, ки бе нигоҳубини волидон мондаанд;
- муассисаҳои махсус (ислоҳӣ) барои ноболиғон бо нуқсонҳо дар инкишоф;
- ба мактаб-интернат;
- ба муассисаи дигар ба парастории давлатӣ;
- ба мақомоти нигоҳубин ва парасторӣ.

Ҳамин тавр, фаъолияти иҷтимоӣ-омӯзгории кормандони колонияҳои тарбиявӣ бояд барои решакан кардани ғайримутобиқшавӣ дар рафтори наврасон, анҷомёбии муваффақи иҷтимоикунонии шахсоне, ки дар ин муассисаҳо адои ҷазо мебаранд, мусоидат кунад, ҳамчунин аз худ кардани маъёрҳои нав, ки барои муайянкунии касбӣ ва воридшавӣ ба роҳи қонундарои зиндагии калонсол равона мебошад.

# БОБИ 3. ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ВА АМАЛӢ ДАР РАВАНДИ МУТОБИҚШАВИИ ИҶТИМОИИ МАҲКУМШУДАГОНЕ, КИ БАРОИ ОЗОД ШУДАН АЗ ҶОЙҲОИ МАҲРУМ СОХТАН АЗ ОЗОДИ ОМОДА МЕШАВАНД

**Вазифаҳои омӯзиш:**

1. Иштирокчиён усулҳо ва методҳои таъсиррасониро дар ҷараёни омодасозӣ барои озод шудан медонанд
2. Иштирокчиён бо тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагон шинос мешаванд

Омӯзиши шахсияти маҳкумшуда дар лаҳзаи озодшавӣ аз МИ барои ҳалли масъалаҳои мубориза бо ҷиноятҳои такрорӣ аҳамияти калон дорад. Бо ин масъала мушкилии мутобиқшавии (мувофиқсозӣ) маҳкумшуда ба шароитҳои зиндагии муқаррарӣ дар муҳити зисти муқаррарии иҷтимоӣ дар озодӣ алоқаманд аст. Мутобиқатшавии иҷтимоӣ - раванди доимии мувофиқсозии фаъолонаи инфирод ба шароитҳои муҳити иҷтимоӣ буда, инчунин натиҷаи ин раванд мебошад. Дар идеал, аз МИ бояд шахси ҷамъиятии солим ба озодӣ барояд. Аммо, дар амал, ҳолатҳое дида мешаванд, ки шахсоне, ки аз МИ баромаданд, аз нав ҷиноят содир мекунанд. Самаранокии мутобиқшавӣ ба таври назаррас аз он вобаста аст, ки чи қадар шахс худ ва робитаҳои ҷамъиятии худро дуруст қабул мекунад: тасавуроти нодуруст ё нокифоя инкошофёфта дар бораи худ ба вайроншавии мутобиқшавӣ оварда мерасонад.

Зери таъсири шароитҳои муайяни зиндагӣ дар ҳар як шахс як низоми устувори вокуниш ба омилҳои муҳити атроф, одатшавӣ ба вуҷуд меояд (стереотипи динамикӣ). Дар ҷинояткор (дузд, авбош, ғоратгар ва ғайра) ҳангоми машғулияти дарозмуддат ба фаъолияти ҷиноятӣ ҳамчунин одатҳо ва маҳоратҳои хос пайдо мешаванд, ва дар ин ҳолат, баъзан метавон дар бораи одатҳои динамикии ҷиноятӣ сухан кард. Одам барои набудани манзили доимӣ одат мекунад, аз меҳнати мунтазам даст кашида, малакаҳои меҳнатиро гум мекунад, лекин бо малакаҳои ҷиноятӣ соҳиб мегардад, ва дар натиҷа ҳар як вазъияти худро танҳо зери як кунҷи назар баррасӣ мекунад - оё метавон дар ҳолатҳои беҷазо ҷиноят содир кард?

Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ба МИ афтида, қариб ҳар маҳкумшуда дар вазиъяти беҳтар барои худ танҳо ба анҷом расидани мӯҳлати ҷазоро ба нақша мегирад. Ба саволи: «Пешомади минбаъдаи ту чӣ хел аст?» «Нақшаҳои ту барои оянда кадом аст?», бисёреҳо номуайян ва нофаҳмо ҷавоб медиҳанд, ва баъзеҳо дарҳол мегӯянд, ки барои як рӯз зиндагӣ мекунанд ва минбаъд чӣ рӯй медиҳад, онҳоро ташвиш намедиҳад. Аз ин рӯ, дар пеши кормандони иҷтимоӣ ва равоншиносон бисёр вазифаи мушкил меистад: банақшагирии одами нав, қобилияти дидани ин шахси нав дар ҳар як маҳкумшуда ва бо кӯмаки чораҳои таъсири тарбиявӣ ва иҷтимоӣ ба даст даровардани он, ки маҳкумшуда низ барои таҷдид, дигаргунсозии шахсияти худ кӯшиш кунад. Ва ин набояд 2-3 моҳ пеш аз озодшавӣ, балки аз рӯзҳои аввали будубоши маҳкумшуда дар колония карда шавад.

Баъдан баъзе мушкилиҳоро қайд кардан ба маврид аст, ки бисёр вақт аз беаҳамиятӣ кормандони МИ бо маҳкумшудагон «пешпо мехӯранд»:

• Мушкилии якум дар он аст, ки аксар вақт маъмурияти муассиса, аз ҷумла ҳайати тарбиявии он бо фарҳанги кофии равонӣ-омӯзгорӣ, муносибати инсонпарварона соҳиб нест. (Яке аз сардорони қисмҳо рӯирост дар дарсҳо гуфт, ки нисбати маҳкумшудагон танҳо як усули таъсиррасонӣ бояд истифода шавад – чӯби резинӣ). Ва он дар аксар вақт ба чораҳои расмӣ ва ташкили расмии раванди адои ҷазо оварда мерасонад, ки ин раванд ба як мактаби ба даст овардани малакаҳои ҷиноятӣ ва анъанаҳо мубаддал шуда, ба шаклдигаркунии шахсияти маҳкумшуда мусоидат мекунад;

• Яке аз сабабҳои монеаи мазмунӣ ин барои ба назар гирифта натавонистани корманд далелҳои ҳақиқии амалҳо ва рафторҳои одам, мавқеъгирӣ танҳо ба натиҷаи беруна мебошад. Дар таҷриба амалҳои якхелла метавонанд бо далелҳои гуногун талқин шаванд. Барои ошкор

карда натавонистани сардори қисм далелҳои ҳақиқӣ ба он оварда мерасонад, ки ӯ ба маҳкумшуда далели нохос навишта ва мувофиқ ба ин аз воситаи таъсирррасонии тарзи ислоҳкунӣ истифода мекунад. Ин боиси эътирози дохилии маҳкумшуда, аз сар гузаронидани ҷазои ноҳақ, ноадолатӣ ва нофаҳмӣ мешавад. Байни корманд ва маҳкумшуда алоқаи рӯҳӣ гум мешавад.

- омӯзиши шахсияти бисёр маҳкумшудагон нишон медиҳад, ки дар аксар ҳолатҳо онҳо бо сабаби маҷмӯи вазнини эҳсосӣ-мазмунӣ ба таъсири тарбиявӣ ҳассос нестанд, ки дар натиҷаи муносибатҳои низоъӣ пайдо шуда, дар кӯдакии гузашта ташкил гардидаанд (таҳқир, пасткунӣ, бераҳмӣ дар оила ва атрофи наздик). Ҷавон (маҳз ҷавонон қисми зиёди доираи махсусро ташкил медиҳанд), бо нуқсони бошууронаи эҳсосӣ-рӯҳии хусуматомез ба колония афтида, онро ба кормандони МИ мегузаронад, ки дар навбати худ, аз тарафи ягон корманд вокуниши нодуруст ба вуҷуд меояд.
- Дар байни маҳкумшудагон (махсусан ҷавонон) шумораи шахсоне, ки дорои норасогиҳои гуногуни меъёри равонӣ мебошанд, зиёд шуда истодааст: психопатия, камақлии сабук, шиддатнокии хислат ва ғайра. Мутаассифона, кормандони МИ аксар вақт намефаҳманд, ки таъсири муваффақонаи тарбиявӣ ба ин шахсон бояд дар натиҷаи маҷмӯи методҳои тиббӣ, рӯҳӣ ва омӯзгорӣ таъмин карда шавад, ин бошад ҳамкории равоншинос, духтури рӯҳӣ ва омузгорро талаб мекунад.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ҳамаи шахсонеро, ки аз колония озод шудаанд, метавон ба 3 гурӯҳ тақсим кард:

**1.** Шахсоне, ки дар давраи адои ҷазо пурра ислоҳ шудаанд. Пас аз озод шудан, онҳо кӯшиш мекунанд, ки дар ҳаёти мӯътадил фаъолона ворид шаванд. Баъзан ин кӯшишҳо барои паси сар кардани мушкилиҳои назаррас қодир аст, ки маҳкумшуда дар давраи мутобиқшавӣ дар озодӣ дучор мешавад;

**2.** Шахсоне, ки дорои норасоиҳо тарбиявӣ мебошанд. Ин нуқсонҳо дар озодшавандаҳо метавонанд дар ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои ҳуқуқӣ бошанд. Ва пешгӯии мусбии рафтори ашхоси ин гуруҳ пас аз озодшавӣ, ба андозаи назаррас аз шароитҳои муҳити атрофе, ки онҳо меафтанд вобаста мебошад;

**3**. Шахсоне, ки дар раванди адои ҷазо ислоҳ нашудаанд. Дар раванди будубош дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ онҳо бо як қатор сабабҳо аз нуқтаи назари ҷиноятии худ, майлу рағбат, дастур, ҷаҳонбинӣ халос нашуданд. Ин сабабҳо метавонанд дарозии мӯҳлати адои ҷазо бошанд (азбаски дар баъзе муассисаҳо маҳкумшудагоне ҳастанд, ки давоми зиёда аз 30 сол нишастанд), нисбатан мӯҳлати кӯтоҳи дар озодӣ будан (аз якчанд моҳ то рӯзҳои ба шумор), ба ҳар сурат ҳаёти воқеӣ барои чунин маҳкумшудагон колония маҳсуб меёбад. Мафҳум дар бораи меъёрҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ дар ҷомеа дар муҳити назорати доимӣ ва фишор аз тарафи СИҶҶ тадриҷан бо мафҳумҳои ҷаҳони ҷиноятӣ иваз карда мешаванд. Бадтар он аст, ки ин одамон дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ таҷрибаи ҷиноии худро такмил доданд, малакаҳои ҷиноятӣ ва ҷаҳонбинии ҷиноятиро инкишоф доданд ва ба маҳкумшудагони ҷавон, аз ҷумла ба маҳкумшудагони аввалин фаъолона таъсир мерасонанд.

Бо дарназардошти ин мушкилиҳо, ёфтани роҳи беҳтарин барои бартараф кардан ва ҳалли онҳо барои минбаъд ҳақиқатан дигар кардани шахсият, аз нав иҷтимоикунонӣ ва сохтани пешоянд барои мутобиқшавии иҷтимоӣ замина месозад.

Ҷамъбасти таҷрибаи фаъолияти МИ зарурати гузаронидани кори махсус оид ба омодасозии равонии маҳкумшудагон ба зиндагӣ дар шароити нав бовариро ҳосил мекунад. Аҳамияти омодасозии равонӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт, ки вобаста ба он дар солҳои охир норасоии омодасозии ахлоқӣ ва амалии маҳкумшудагон ба зиндагӣ дар шароитҳои муқаррарӣ ошкор шуд. Омодагии равонии маҳкумшудагон ба фаъолгардонии равонии онҳо, дурусткунии

хиссиёти онҳо, одатҳо, ҳолатҳои равонӣ ва ташаккули ақидаи рафтори дуруст дар шароитҳои нав иборат мебошанд. Дар натиҷаи чунин таъсироти мақсадноки равонӣ, дар маҳкумшуда омодагии равонӣ барои зиндагӣ дар шароити нав ташаккул меёбад, ки зуд ӯро ба муҳити нави иҷтимоӣ ва фаъолият дар он ворид карда, барои бартараф кардани муқовимат ва шиддатнокии дохилӣ бе хароҷоти иловагии қувва таъмин мекунад.

Зарурат ба омодасозии равонӣ аз он сабаб аст, ки шахс ба шароитҳои нави зиндагӣ ва муҳити иҷтимоӣ афтида, бо мушкилиҳои махсус дучор мешавад, ки барои бартараф кардани онҳо на ҳама вақт аз ҷиҳати равонӣ омода аст. Чунин вохӯрӣ барои маҳкумшудагони-такрорӣ аксаран ногаҳонӣ буда, боиси вокуниш ба шароитҳои нодурусти вазъият ва талаботҳои меъёрҳои ахлоқӣ мегардад. Албатта, аксар вақт ин ба муносибати нодурусти атрофиён нисбати маҳкумшудагон зиёд мешавад, ки ба асабвайроншавӣ оварда мерасонад. Озодшуда ба рафтор худ ва амалҳои одамони дигар ба таври нодуруст баҳо медиҳад, дар натиҷа нодуруст амал мекунад.

**Воситаҳо ва усулҳои таъсиррасонии равонӣ** дар принсипи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ - инфиродӣ ва гурӯҳӣ мувофиқ аст.

Бо таъсиррасонии инфиродӣ аз ҳама муҳим ин фаъолгардонии хислатҳои мусбати шахсон дар раванди омодасозии равонӣ ба зиндагӣ дар озодӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо кӯшиш мекунем, ки ба тарафҳои беҳтари шахс назар кунем, ақидаҳои мусбиро фаъол гардонем. Дар бораи хатогиҳои гузашта метавон хотирнишон кард, вале хотиррасонии зиёдатӣ оид ба хислатҳои манфии шахс одатан боиси монеаи равонӣ мегардад, ки маҳкумшударо ба таъсири равонӣ таъсирнопазир мегардонад. Таъсири инфиродии равонӣ аксаран ғайримустақим мебошад, вақте ки дар раванди сӯҳбат маҳкумшуда хулоса мекунад, ки дар ин ё он ҳолат дар асоси таҷрибаи дигар одамон чӣ тавр амал кардан зарур аст.

Таъсири ҳайатӣ одатан мустақим аст, ки дар он маҳкумшудагон маълумотро мустақим мегиранд. Гурӯҳҳо дар дарсҳо аз қисмҳои гуногунанд, ки дар давоми 1-2 моҳ озод карда мешаванд.

Бо ин мақсад дар системаи ҷазои ҷиноятӣ барномаи валеологӣ-равоншиносӣ омода карда мешавад, ки дар он яке аз нуқтаҳо «Фардо ту одами озод ҳастӣ!» номида мешавад (барномаи таълимӣ барои ташаккули фарҳанги равонӣ барои шахсоне, ки аз колония озод мешаванд). Он дар бар мегирад:

**1. Дарсҳои лексионӣ**

«Мушкилиҳои равонӣ дар моҳҳои аввали мутобиқшавӣ ба зиндагӣ дар озодӣ». Дар ин ҷо гуфта мешавад, мушкилиҳое, ки одамон дар адои ҷазо дучор мешаванд, ба шумораи «абадӣ» тааллуқ доранд. Алалхусус ин мушкилӣ айни замон хеле муҳим аст, зеро дар айни замон тағйирот дар ҷомеа зуд ба амал меоянд (бояд гуфт, ки ба тарафи бадтар).

Адои ҳама гуна ҷазои ҷиноӣ ҳамчун чораҳои маҷбуркунии давлатӣ аз ҳама бештар ҷиддӣ аз рӯи оқибатҳои худ ба таври ногузир бо қатъ кардани ҳолати ҳуқуқии маҳкумшуда, ва сипас бо барқарорсозӣ алоқаманд ҳаст.

Ин раванд дар аввал душвор аст, дар навбати дуюм барои ҳама гуногун аст. Бештар аз ҳама он барои шахсоне мушкил аст, ки аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ озод шудаанд, азбаски дар асл пеш аз ҳар як озодшаванда як қатор саволҳое ба миён меоянд, ки на танҳо ӯ, балки бисёр мақомотҳои давлатӣ, ки дар асл барои ҳалли ин мушкилиҳо офарида шудаанд, аксар вақт наметавонанд ҷавоби зарурӣ пешниҳод кунанд, зеро айни замон дараҷаи беназоратии кори иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар ин нақша муайян карда шудааст. Чунин мешавад, ки бисёре аз мушкилиҳо ҳалли худро намеёбанд.

Ба қатори онҳо лозим аст, ки саволҳои таъсири омилҳои равонӣ нисбати мутобиқшавии маҳкумшудагон ба зиндагӣ дар озодӣ рабт карда шаванд. Ин масъалаҳо дар гузаштаи наздик - дар солҳои 80-ум ба таври кофӣ баррасӣ мешуданд ва асоси мустаҳками ҳуқуқиву иҷтимоӣ доштанд, ки дар солҳои охир, мутаассифона, қариб вайрон шудаанд. Аз нуқтаи назари равонӣ, меъёри асосӣ ин омодасозии равонии инсон ба зиндагӣ дар озодӣ мебошад. Ин маънои онро

дорад, ки оё ҳар яке аз шумо нақшаҳои муайяни зиндагӣ, равишҳои мусбии арзишманде доред, ки барои дар озодӣ устувор шудан ва дар ҷомеа муътадил зиндагӣ кардан кӯмак кунанд.

Шумораи мутлақи маҳкумшудагон бо анҷом ёфтани муҳлати ҷазо аз муассисаҳои ислоҳӣ озод карда мешаванд; шумораи озодшавандаҳо аз колонияҳои сукунатӣ, пеш аз мӯҳлат ҷавобшавада, бо авф озодшаванда, оиди бекор кардани ҷазо бисёр нестанд, махсусан дар колонияҳое, ки дорои мақоми низомаш сахт мебошад. Ҳамин тариқ, одамон аз шароитхои маҳрум сохтан аз озодӣ дарҳол ба шароитҳои пурраи озодӣ меафтанд. Ин гузариши фаврӣ на ҳамеша ба равони одами озодшуда таъсири мусоид мерасонад.

Дар як қатор кишварҳои Аврупо (масалан, Финляндия) ин мушкилӣ ба таври зайл ҳал карда мешавад: 3 моҳ пеш аз озодшавӣ, одамро аз ҳудуди маҳбас берун ба хобгоҳ мебароранд (колонияҳо мавҷуд нестанд), ба ӯ қисман озодӣ дода мешавад, ӯ тадриҷан ба он мутобиқ мегардад (одат мекунад). Яъне ин ба таври дур колонияҳо-қасабаҳои моро ба ёд меорад. Дар системаи мо чунин масъала баррасӣ намешавад.

Омодагӣ ба зиндагӣ дар озодӣ ба одам дуруст ва бомуваффақият истифода бурдани дониш ва таҷрибаи худ, сифатҳои кории худ, нигоҳ доштани худназораткунӣ ва тавонистани aзнавсозии фаъолияти худ ҳангоми пайдо шудани ҳолатҳои ғайричашмдошт кӯмак мекунад. Дар ин ҷо бояд дар хотир дошт, ки ҳар яки онҳо нақшаҳои зиндагии худро доранд: ба кор даромадан, таҳсилро идома додан, масъалаҳои оилавӣ ва манзилиро ҳал кардан, ҷинояти нав содир кардан ва боз ба колония баргаштан - ҳар кас вобаста ба худаш.

Аммо омодагӣ ба зиндагӣ маҳдудиятҳои муваққатии худро дорад. Ин чист? Одам пас аз озодшавӣ дар вақти аввал ба талаботҳои навбатӣ кушиш мекунад:

- талабот ба эътирофи иҷтимоӣ
- талабот ба худидоракунӣ
- талабот ба сӯҳбат
- талабот ба дастгирӣ

Бо вуҷуди ин, дар роҳи иҷрои онҳо мушкилиҳои зиёд мавҷуданд, ки баъзе одамон паси сар карда наметавонанд. Ва якум, гуфтан мумкин аст, мушкилии асосӣ дар ин аст: аҳамияти назаррас барои озодшавандаҳо, чун қоида, таъмини шуғл ва масъалаҳои ҷои зист маҳсуб меёбад. Аз дастовардҳо дар ин самт, дар асл, ҳамаи дигар чизҳо вобаста аст. Савол оиди он, ки одами озодшуда дар куҷо зиндагӣ ва кор хоҳад кард, ба кӯмаки кӣ (ахлоқӣ ва моддӣ) ӯ метавонад умед бандад - бисёр ҷиддӣ ва муҳим аст. Ва хуб аст, агар дар ин маврид ягон мушкилиҳои махсус пайдо нагарданд. Мутаассифона, ин ҳозир камёб аст, зеро, чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, мушкилиҳо дар ин ҷо аз ҳалшавӣ хеле дуранд. Махсусан, ҳозир вақтеки одамони аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ мебароянд, ба касе лозим нестанд. Хуб аст, агар оила, волидайн, хешовандон бошанд - касе ки истиқбол гирад. Аммо бисёриҳо инро ҳам намедонанд. Одам дар озодӣ як ба як бо дунёи беруна рӯ ба рӯ мешавад, ва ин дунё комилан ба мушкилиҳои як одам бепарво аст.

Талаботи дигаре, ки одам барои қонеъ кардани он кӯшиш мекунад – ин талабот ба худидоракунӣ мебошад. Мушкилӣ дар он аст, ки ба одамони озодшаванда доимо устуворӣ, таҳаммул намерасад, ки барои худидоракунии рафтори худ зарур мебошад. Ва пас аз ҳама, худтанзимкунии баланд барои шахсе, ки ба системаи нави муносибатҳо бо ҷомеа ворид шуд бениҳоят зарур аст – маҳз ҳамин тавр айни замон метавон, ки озодшавии одамро аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар давраи душвор ва ноором баррасӣ кард.

Ва махсусан ин дар давраи аввал пас аз озодшавӣ муҳим аст. Ин ба он вобаста аст, ки дар давоми будубош дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ одам дар ин ё он андоза ба роҳнамоӣ аз арзишҳо одат мекунад, ки дар колония маъмул мебошад. Зиндагӣ дар изолятсия дар вақти маҳрум сохтан аз озодӣ ба танзими муфассал ва хеле сахт гирифтор мебошад – зери назорат ва

тафтиши доимӣ мегузарад, аз ин рӯ, дар натиҷа малакаҳо ва одатҳои фоиданок гум ва суст мешаванд, ки қисми ҷудонашавандаи зиндагиро дар озодӣ ташкил дода, ҷудо аз шароитҳои муқаррарии зиндагӣ рӯй медиҳанд, ки барои мавҷудияти ҳама гуна инсон табиӣ ва зарурӣ мебошанд, дар ҳоле, ки изолятсия - маҷбурӣ мебошад. Ҳамаи ин барои омодагӣ ё ноомодагии озодшаванда ба зиндагии муқаррарӣ сахт таъсир мерасонад. Арзишҳо ва меъёрҳое, ки фаъолияти зиндагии одамро дар колония таъмин мекунанд, эътибори худро барои рафтор дар озодӣ на ногаҳон ва фавран маҳрум мешаванд.

Ва вобаста ба ин одам бояд худро назорат кунад, то ки одатҳои кӯҳна минбаъд ба рафтори ӯ таъсир нарасонанд.

• Ба худназораткунӣ дар вақти аввал эҳсоси шодӣ халал мерасонад, ки одам дар робита бо озодшавӣ аз сар мегузаронад. Ин ба таври кофӣ фаҳмо ва хуб аст, вале зиндагии дар пеш истодаро аз будаш зиёд нишон додан лозим нест, зеро ҳолатҳое маъмул ҳастанд, ки одам баъд аз баромадан аз колония зиндагиро ҳамон хеле, ки пеш аз ба ин ҷойҳо омадан буд тасаввур мекунад. Аммо ин тавр нест. Аксар вақт димоғчоқӣ (рӯҳбаландӣ) пас аз озодшавӣ ба зудӣ рафъ гардида, одамро як ба як бо воқеият рӯ ба рӯ мекунад. Бо ин метавон тағйироти зуди димоғ, шиддатнокии эҳсосро шарҳ дод, ки аксар вақт дар зери таъсири ҳолатҳои дуюмдараҷаи зиндагӣ пайдо мешаванд. Чунин ҳолат комилан фаҳмост - он нобоварӣ ба оянда, ташвиш барои худ ва ғайра мебошанд. Аз даст додани назораткунӣ боз бо он даҳшатнок аст, ки одам устувории эҳсосиро дар вазъиятҳои ноаён гум мекунад ва дарҳол бадқаҳрӣ, ҷанҷолӣ ва ангезагӣ ба вуҷуд меояд. Ва ин чизҳо ҳеҷ гоҳ ба хубӣ намеоранд, зеро ҳам бадқаҳрӣ ва ангезагӣ ба ҳолатҳои ногувор ё мунокиша афтидани одам мусоидат мекунад ва аксар вақт бо содир кардани ҷинояти такрорӣ анҷом меёбад. Хусусан, ҷомеа имрӯз воқеан нигоҳ кардан ба одамоне, ки аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ баромаданд, рад мекунад. Аз рӯи ақида давлат бояд нисбатиояндаи одаме, ки ба озодӣ мебарояд, дар ташвиш бошад, аммо ин ба воқеият мувофиқ нест, лекин одам ба ҳолатҳои тасодуфӣ ба орият дода мешавад. Ҷудокунии иҷтимоӣ нисбати маҳкумшудагон ҳамчун бо одамони мардуд муносибат мекунанд, ки мушкилиҳои хурди иҷтимоӣ доранд. Пас, ташаккули худ дар шароитҳои нав вазифаи душвор ва вазнин буда, ҳалли мусбати он ҳоло танҳо ба худи онҳо вобаста аст.

Ва як лаҳзаи дигаре бояд қайд шавад, ки ташаккули завқи солим ва кӯшиш ба озодӣ дар одам мавҷуд мебошад. Чаро дар бораи ин гуфта мешавад, барои он ки бисёре аз маҳкумшудагон бо сабаби будубоши такрорӣ ва дарозмуддат дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ (нишондоди миёна оид ба доғҳои суди - 4; мӯҳлати миёнаи адои ҷазо - 6,5 сол) чунон ба шароити зиндагӣ дар колония мутобиқ мешаванд (одат мекунанд), ки майли табиии инсон барои озодӣ шаклҳои зишт қабул мекунад, баъзеҳо, ки давоми 30 ва зиёда сол гузарондаанд, тамоман ба озодӣ баромадан намехоҳанд. Чунин ҳолат асосан аз он сабаб рӯй медиҳад, ки изолятсия (ҷудокунӣ) ва мӯҳлати дарозмуддати ҷазо боиси заиф ва гум шудани робита бо оила, хешовандон, наздикон ва дӯстон мегардад. Талафоти чунин алоқаҳо изолятсияи руҳии шахсиятро ба вуҷуд меорад, ки аз инҷо ҷудошавӣ аз ҷомеа меояд.

Бисёр одамон дар бадбахтии худ асосан дигаронро айбдор мекунанд, вале ба ҳеҷ ваҷҳ худро не, бо мурури замон ин одат мешавад – симои одами пок ҳосил мешавад, ки ҳама ба ӯ ноадолатона муносибат мекунанд. Одам худбаҳодиҳии нодуруст медиҳад. Мехоҳам танҳо гӯям, ки маҳкумшудагон, умедро барои кӯмак аз берун наканда (гарчанде ин ҳоло мушкил аст), кӯшиш мекарданд, ки мушкилиҳои худро мустақилона асосан бо умеди худ ҳал кунанд.

«Ҳолатҳои стресс. Минтақаҳои низоъҳои оилавӣ». Ба гумон аст, ки дар олам одамоне бошанд, ки зиндагии худро бе стресс гузарондаанд. Қабул шудааст, ки сабаби пайдошавии стресс ҳиссиётҳои дардовар мебошанд, ки дар зиндагӣ бо ҳодисаи нохуш ҳамроҳ меоянд, мусибатҳои вазнин, масалан беморихо, мунокишаҳои оилавӣ, ҷароҳатҳо, низоъҳо, гум кардани шахси наздик ва ё дар чунин ҳолат, маҳрум шудан аз озодӣ мебошад. Бо фаҳмиши васеъ, ҳар гуна тағйироти назаррас дар ҷараёни муқарарии зиндагӣ метавонад боиси пайдо шудани стресс гардад.

Махсусан ин ба тағйиротҳо тааллуқ дорад, ки ба муҳити одатшуда таъсир мерасонад: дар мисоли мо, дар ҳолати стресс маҳкумшудагон пас аз ҳабс, дар ҳабсхона, бо омадан ба колония қарор доштанд, дар ҳолати стресс онҳо баъди озодшавӣ низ қарор мегиранд. Дар ин маврид, стресс дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳолати стресс дар онҳо нақшҳои нав ва муайяни иҷтимоӣ, ӯҳдориҳо пайдо ва барқарор гардида, маҳкумшудагони озодшуда мушкилиҳои мушаххаси зиндагиро ҳал мекунанд, ки дар колония дар бораи онҳо фикр намекарданд.

Ҳатто чунин чизҳои дар назари аввал беозор ва ноаён чун тағйирёбии реҷаи рӯз, васеъшавии назарраси фазо дар атрофи махкумшудагони собиқ, садо ва тӯдаи одамон дар кӯча - эҳсоси шиддатнокии даруниро меафзоянд, устувории равониро паст мекунанд ва барои ҳамин ҳамчунин ба пайдоиши стресс мусоидат мекунанд. Ҳисси шиддатнокии дарунӣ - қисми ҷудонашавандаи таркибии чунин вайроншавии равонӣ чун ҳаяҷон ва депрессияи дарозмуддат мебошад;

• «Пешомади зиндагии ту» - сухан дар бораи он меравад, ки кадом ақидаи мақсаднокро маҳкумшуда дар назди худ мегузорад;

• «Дар ин дунё ман танҳо ҳастам». Мавзӯи мазкур ба онҳое дахл дорад, ки дар нақшаи иҷтимоии худ хешу табор надоранд, аз ҳеҷ куҷо кӯмак интизор намешаванд.

2. Машварати инфиродии-пешгирикунанда ва омодасозии маҳкумшудагони озодшаванда бо истифода аз ташхиси равонӣ.

3. Ислоҳкунии равонии гуруҳии маҳкумшудагони озодшаванда:

• Тренинги «Соҳаи арзишӣ-талаботии шахсияти маҳкумшуда» (аз рӯи маводи В.Г. Морогина, Г.В. Залевский);

• Тренинги «Ҳуҷҷуми ақлӣ» дар мавзӯи «Навсозии фаъолияти эҷоди одами кордон» (дар куҷо ва кӣ шуда кор карда метавонам, пас аз ба озодӣ баромадан?);

• Тренинг «Забони ҳаракати бадан»;

• Бозии равонӣ «Бозии нақши ҳолатҳои зиндагӣ» (одамон оилаи беҳтаринро чӣ гуна дар назар доранд, машқҳо доир ба низоъ ва ғайра);

4. Релаксатсияи аудио ва видеоӣ (наворҳои шахсии кунҷҳои гуногуни табиат бо мусиқии ором)[5].

Мутобиқшавии иҷтимоӣ муваффақ маҳсуб меёбад, вақте ки алоқаҳои муфиди иҷтимоии озодшаванда аз ҷазо дар соҳаҳои асосии фаъолияти зиндагӣ муқаррар шудаанд ва ҳеҷ гунна тағйироти назаррас надоранд (муносибатҳои муътадил дар оила, дастрасӣ ба манзил, қайди истиқомат, ҷои кори доимӣ, баланд бардоштани сатҳи таълиму фарҳанг).

## Тавсияҳои амалӣ оид ба ҳамроҳии шахсоне, ки аз муасиссаи ислоҳӣ озод мешаванд

Таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ (МИ) оид ба таъмини аз нав иҷтимоикунонии шахсоне, ки адо ҷазои ҷиноятӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ бурдаанд, нишон медиҳад, ки қисми назарраси озодшавандаҳо аз МИ ба ҳамроҳии иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд.

Ба таври сохторӣ раванди аз нав иҷтимоикунонии маҳкумшуда аз як қатор марҳилаҳои мунтазам тартиб ёфтааст, ё давраҳо: муайян кардани мансубияти маҳкумшуда ба гуруҳи иҷтимоии қайдгардида, аз нуқтаи назари бехатарии ҷамъиятӣ; ташаккули шароитҳои кандашавии маҳкумшуда аз тарафи гуруҳи хатарноки иҷтимоие, ки ӯ тааллуқ дорад; ислоҳшавии маҳкумшуда, яъне омӯхташавии ӯ ба системаи арзишҳои умумиинсоние, ки қисми ҷомеаи қонундаро ҳамфикр мебошад; омодасозии мутобиқшавии маҳкумшуда ба шароитҳои мавҷудаи ҷомеа; мутобиқшавии иҷтимоии озодшаванда.

Қисми назарраси шахсоне, ки адои ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ мебаранд, наметавонанд мушкилиҳои худро вобаста ба ҷобаҷокунии иҷтимоӣ пас аз озодшавӣ ҳал

[5] Писарев О.М. Психолог ИК-4 УИН МЮ РФ по Томской области РФ, «Методические рекомендации начальникам отрядов и психологам по работе с освобождающимися осужденными».

кунанд[6]. Шахсони озодшуда ба таври назаррас набудани омодагӣ ба ташкили фаъолияти зиндагии худ, ҳамчунин сатҳи пасти ҳавасмандии дохилӣ барои ҳалли мушкилиҳои худ бо мақсади барқароршавии иҷтимоӣ нишон медиҳанд ( чораҳои зарурӣ барои дурустсозии зиндагии худ намеандешанд: ба тартиб даровардани ҳуқуқи худ ба манзил, бақайдгирӣ, гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ). Дар баъзе ҳолатҳо шахсоне, ки ба ҷойи зисти интихобнамуда омаданд (мисол, ба минтақаҳои марказии Россия), бо вуҷуди доштани ҳуҷҷатҳои тартиб додашуда барои гирифтани кӯмак барои ҷойи кор тавассути хадамотҳои давлатии шуғли аҳолӣ (ХДША), ба хадамотҳои қайдгардида намеоянд ва бо ҷои кор таъмин намегарданд. Онҳо барои ба даст овардани сарчашмаҳои қонунии зиндагӣ чораҳо намеандешанд, тарзи зиндагии муфтхӯрона бурда, аз нав ҷиноят содир мекунанд ва накаме баъд аз фосилаи хурди вақт, пас аз озодшавӣ, такроран ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ворид мешаванд. Иҷтимоияти маҳкумшуда ҳамчун натиҷаи раванди ҳамроҳии иҷтимоии ӯ маънидод мегардад, ки сифати ташаккулёфтаи интегративии шахсияти маҳкумшуда ифода меёбад, муттаҳид мекунад:

– захираи шахсии ташаккулёбӣ (омодагии равонӣ ба ҳамроҳии иҷтимоӣ, донишҳои иҷтимоӣ, маҳоратҳо ва малакаҳо; сатҳи маълумотнокӣ; сатҳи омодагии касбӣ);

– захираи мутобиқгардонии ташаккулёбӣ (мавҷудияти алоқаҳои иҷтимоӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти маҳкумшуда; мақоми комёбгардида дар ҷомеа; кафолатҳои муайяни иҷтимоии давлат дар назди ӯ; мавҷудияти манзил пас аз озодшавӣ; имкони бо кор таъминшавӣ – мавҷуд будани касби ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ).

Ҳангоми таъсис ва амалисозии чорабиниҳои барномаи инфиродии ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагони аз МИ озодшаванда, қайд намудан ба мақсад аст, ки аз ҳама бештар муҳим **шаклҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ** инҳоянд.

1. Шиносоӣ бо донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳое, ки барои ташкили зиндагӣ дар ҷомеа, вобаста ба тағйиротҳо ва дигаргуниҳое, ки дар давраи набудан дар ҷомеаи озод зарур мебошанд.

2. Мусоидат барои пайдо кардани шароитҳои ҷоизи иҷтимоӣ-зиндагонӣ пас аз озодшавӣ.

3. Ташкил ва таъмини ҳифзи иҷтимоии эҳтиёҷмандони маҳкумшуда.

4. Кӯмак ба маҳкумшудагон дар ҷустуҷӯи шавқи иҷтимоӣ (кор, оила, санъат ва ғ.), инчунин ҳавасмандӣ барои ба даст овардани малакаҳои бурдани тарзи ҳаёти солим.

5. Омӯзиши намунаҳои иҷтимоии рафтори ҷоиз ва кӯмак дар ҳалли ҳолатҳои имконпазири низоъ барои гурӯҳҳои маҳкумшуда, қобили ҷинояткорӣ.

6. Кӯмак дар инкишофи иҷтимоии маҳкумшуда, баландшавии сатҳи худназоратии ӯ.

7. Мусоидат ба маҳкумшудагон барои гирифтани кӯмаки мутахассисони гуногун (кормандони тиббӣ, равоншиносон, мутахассисон оид ба кори иҷтимоӣ ва ғ.).

8. Мусоидат ба маҳкумшудагон дар таъсиси чунин муносибатҳо дар давраи адои ҷазо, ки беҳтар аз ҳама барои инкишофи омилҳои таъсири манфӣ ба шахсияти ӯ монеъ шаванд.

9. Мусоидат кардан дар азхудкунии маҳкумшуда мақоми иҷтимоии одам ва шаҳрванд.

10. Мусоидат ба мустаҳкамкунии дастгирии алоқаҳои муфиди иҷтимоии маҳкумшудагон.

11. Гузаронидани омодагӣ ба анҷоми адои ҷазо ва чорабиниҳое, ки ба аз нав иҷтимоикунонии муваффақ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ равона шудаанд.

Бо мақсади ташаккули захираҳои шахсӣ ва ҳавасмандии дохилӣ, ба кор бурдани шаклҳои навбатии таъсири иҷтимоӣ ба маҳкумшудагон имкон дорад:

1) сӯҳбатҳои инфиродӣ дар мавзӯъҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар доираи барномаи ҳамроҳии иҷтимоӣ;

2) машғулиятҳои махсуси иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ бо маҳкумшудагон дар гурӯҳҳо аз рӯи барномаи тасдиқгардида;

[6] Ананьев О.Г. «Ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озодшавӣ аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ омода мешаванд» , Рязан 2013

3) чорабиниҳои гуруҳии иттилоотӣ-фаҳмондадиҳӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар доираи гузаронидани барномаи ҳатмии пешигирикунанда (лексияҳо, сӯҳбатҳо, маърузаҳо);

4) муколамаҳо муҳокимаҳои иҷтимоӣ;

5) намоиши видеофилмҳои ҳуҷҷатӣ ва махсуси таълимӣ оид ба мавзӯи иҷтимоӣ бо муҳокимаи минбаъдаи онҳо;

6) гузаронидани маълумотдиҳии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва машваратдиҳӣ аз рӯи қонунгузории амалкунанда ва тағйиротҳои дар он ба вуқуъомада;

7) чорабиниҳои иттилоотӣ-фаҳмондадиҳии кормандони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва иҷтимоӣ, ки ба дарсҳо оид ба омодасозии иҷтимоию ҳуқуқӣ бо гурӯҳҳои алоҳидаи маҳкумшудагон даъват шудаанд;

8) гузаронидани қабулкунӣ оид ба масъалаҳои шахсӣ аз тарафи кормандони суд, прокуратура, адвокатура, милитсияи бехатарии ҷамъиятӣ;

9) гузаронидани дарсҳо бо маҳкумшудагон ҳам оид ба мавзӯи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба анҷомёбии минбаъдаи адои ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ дар доираи кори мактаб оид ба омодасозӣ ба озодшавӣ;

10) кор бо аризаҳо, таклифҳо ва шикоятҳои маҳкумшудагон;

11) баромадҳо ва сӯҳбатҳои инфиродӣ бо маҳкумшудагоне, ки аз тарафи намояндагони институтҳои ҳифзи ҳуқуқи одамон гузаронидан мешаванд.

## 3.1. Нақши институти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мутобиқшавии маҳкумшудагоне, ки барои озодшавӣ аз маҳбасхона омода мешаванд. Субектҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ ва омилҳои таъсиркунанда ба муваффақияти мутобиқшавии иҷтимоии шахсоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ озод карда мешаванд.

**Вазифаҳои омӯзиш:**

1. Иштирокчиён мафҳумҳои асосӣ оид ба субектҳо ва омилҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва марҳилаҳои онро медонанд

2. Иштирокчиён нақши институти ҷомеаи шаҳрвандиро дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагон меомӯзанд



**Мутобиқшавии иҷтимоӣ** – ин нишондиҳандаи интегративии ҳолати одам мебошад, ки имкониятҳои иҷрокунии функсияҳои биоиҷтимоии ӯро инъикос мекунад, маҳз:
- дарки дурусти воқеияти атроф ва организми шахсӣ;
- сохтани системаи дурусти муносибатҳо ва алоқаҳо бо атрофиён;
- қобилият ба меҳнат, таълим, ташкили истироҳат ва вақти холӣ;
- тағйирёбандагии рафтор (мутобиқшавӣ) мувофиқ ба интизории нақши дигарон (Луғати равонӣ. М., 1997. С. 13).

**Мутобиқшавии иҷтимоӣ** – (бо маънии васеъ) раванди мувофиқшавӣ ва одаткунии одам барои риояи намудани шароитҳо ва қоидаҳои зиндагӣ дар ҷомеа.

**Иҷтимоикунонӣ** – ин раванди пайдоиши иҷтимоии шахс, ташаккул ва инкишофи моҳияти иҷтимоии ӯ мебошад. Раванди иҷтимоикунонии одам амалан тамоми умр рӯй медиҳад, аз лаҳзаи таваллуд то марг.

**Мутобиқшавии иҷтимоӣ** – ин мувофиқшавии шахсият ба муҳити иҷтимоӣ, азхудкунии қоидаҳо, меъёрҳо, мавқеъҳои иҷтимоӣ, дастурҳо, ба муҳити мазкур хос, соҳиб гаштан ба малакаҳое, ки ба шахси собиқ маҳкумшуда барои зиндагӣ кардан дар шароитҳои ҷомеаи шаҳрвандии одамони қонундаро имкон диҳанд;

Раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшуда дар шароитҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пас аз адо кардани ҷазо – мушкилии вазнин ва бисёрҷабҳаи иҷтимоӣ мебошад. Мутобиқшавии

иҷтимоӣ он қадар душвор аст, чи қадар тӯлонӣ маҳкумшуда берун аз ҷомеа қарор гирад. Процесс социальной адаптации осужденного в условиях гражданского общества после отбытия им уголовного наказания - сложная и многогранная социальная проблема. Социальная адаптация настолько затруднена, насколько долго осужденный находится вне социума. Ҳар қадар мӯҳлати ҷазо зиёд бошад, ҳамон қадар раванди воридшавӣ ба ҷомеаи муқаррарӣ мушкилтар аст.

Истилоҳи «мутобиқшавӣ/адаптатсия» аз калимаи лотинии *adaptatio* гирифта шуда – маънои мувофиқшавӣ дорад. Он аз илмҳои табии ба гуманитарӣ омад, ки чун «раванди мувофиқшавии сохт ва функсияҳои организмҳо (зотҳо, наслҳо, намудҳо), узвҳои онҳо ба шароити муҳит» фаҳмида мешуд.

Раванди мутобиқшавӣ, мувофиқ шудан ба шароитҳои муқаррарии зиндагӣ дар муҳити мӯътадили иҷтимоӣ пас аз муддати дарози маҳрум сохтан аз озодӣ, як падидаи мураккаб мебошад, ки кушишҳои фаъоли ирода, сифатҳои баланди ахлоқӣ ва маънавӣ, идроки хуби ҳуқуқиро талаб мекунад. Одам бояд дар муддати кӯтоҳ як қатор малакаҳоро барқарор созад ё ба даст орад. Яъне, масалан, ӯ бояд сарф кардани пулро тавонад, худро бо либос, хӯрока, манзил таъмин кунад, дар масофаи баъзан хеле назаррас фаъолона ҳаракат кунад ва ғайра.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки мутобиқшавии иҷтимоии шахсони собиқ маҳкумшуда – ин равандест, ки маҷмӯи омодасозии амалии равонии онҳоро ба зиндагӣ дар ҷомеа фаро мегирад, на танҳо барқарорсозии нақшҳои собиқи мусбии иҷтимоӣ, балки бо сабаби тағйирёбии ҳолатҳо, азхуд кардани навҳо, инчунин муқаррар кардани алоқаҳои фоиданок ва бартараф кардани омилҳои монеъшаванда, барои барқарошавии муваффақ дар ҷомеа мебошад.

Вобаста ба он, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ раванди тӯлонӣ аст, савол дар бораи марҳилаҳо ва давраҳои он ба вуҷуд меояд. В связи с тем, что социальная адаптация представляет собой протекающий во времени процесс, возникает вопрос о его этапах или стадиях. Эҳтимол, дар бораи марҳилаҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ гуфтан дурустар аст.

Нисбати маҳкумшудагони собиқ, тақсимкунии давраҳо пурра метавонад танҳо дар ҳолатҳои ба таври қатъӣ ҷудо шудани равиши шахсият дар муҳити нав истифода шавад, ки на ҳама вақт рӯй медиҳад. Ҳамин тавр, мутобиқшавии иҷтимоии шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ баромаданд, **се марҳилаи навбатӣ** мегузарад:

- **марҳилаи мувофиқшавӣ,** вақте ки озодшаванда мушкилиҳои зарурии зиндагиро вабаста ба ҷобаҷокунии рӯзгор ва меҳнат ҳал мекунад. Ин марҳилаи авали азхудкунӣ пас аз озодшавӣ аз ҷазо аст – аз ҳама мушкил ва баъзан ҳалкунанда мебошад. Муҳимияти онро барои мутобиқшавии иҷтимоӣ баҳо додан мушкил аст. Накам, бо мушкилиҳо дар зиндагӣ ва таъминшавӣ бо ҷойи кор дучор гардида, озодшавандаҳо барои кӯмак ба дӯстони пешина муроҷиат мекунанд, ки онҳоро ба ҷиноятҳои нав ҷалб мекунад. Метавон қайд кард, ки таъсири манфӣ расонидани гурӯҳҳо бо равишҳои зиддиҷамъиятӣ дар чунин ҳолатҳо на танҳо душвор аст, балки дар аксари мавридҳо муқобилият кардан ғайриимкон аст.

- **Марҳилаи дуюм:** азхудкунии нақшҳои фоиданоки иҷтимоӣ мушкил ва боихтилоф буда, аз мушкилиҳои равонӣ ва ахлоқии озодшаванда ба адои ҷазо вобаста аст. Дар ин давра тағйирёбии нақшҳои иҷтимоии онҳо, функсияҳо ба вуқуъ омада, ва чун қоида, зарурати тағйир додани малакаҳо ва одатҳои муқараршуда пайдо мегардад. Маҳз барои ҳамин, аксар вақт шахсоне, ки махсусан муҳлати дарози адои маҳрум сохтан аз озодӣ бурдаанд, Маҳз барои ҳамин, аксар вақт шахсоне, ки мӯҳлати дароз адои маҳрум сохтан аз озодӣ бурдаанд, ба муҳити нав мувофиқ мешаванд, ки бо гузашти вақт дар муҳити иҷтимоӣ тағйир ёфтаанд, бо фишори дохилӣ, вайроншавии равонӣ ва ҳолатҳои доимии стресс дучор мегарданд.

- **Дар марҳилаи сеюми** мутобиқшавии ҳуқуқӣ тасдиқи ақидаҳои лозимӣ ва фоиданоки равонӣ, одатҳо, майлҳо, арзишҳо, хоҳиши содиқона меҳнат кардан, аниқ ва бемайлон иҷро кардани талаботҳои қонунҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ ба вукуъ меоянд. Ҳамин тавр, дар инҷо сухан дар бораи мустаҳкам кардани натиҷаҳои мусбии таъсири ислоҳии-меҳнатӣ ва расидан ба мақсадҳои ислоҳшавии шахси маҳкумшуда меравад.[7]

[7] Черепанова С.М., кори курсӣ «Мутобиқшавии иҷтимоии шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ баромаданд, Красноярск, 2013

Механизми мутобиқшавии иҷтимоии махкумшудаи собиқ ин системаи муносибатҳо миёни шахси ба озодӣ баромада ва ҷомеаи атроф мебошад, ки боиси шикастани равони ӯ мешавад, аз ин рӯ, нисбати омилҳое, ки ба муваффақияти мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагони собиқ таъсир мерасонанд, фаромӯш кардан лозим нест:

1. Натиҷаи таъсиррасонӣ ба шахсият, далели адои ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ, ба кор бурдани чораҳои таъсири ислоҳӣ-аз нав иҷтимоикунонӣ ва хулосаҳои дуруст баровардани маҳкумшуда дар ин давра мебошанд.

2. Ҳолати шахсии омодасозии равонӣ ва ташкилӣ ба озодшавӣ, зиндагӣ дар озодӣ, яъне дар шароитҳои нав.

3. Имконияти мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои мусоидат кардан дар мутобиқшавии иҷтимоӣ ва назорат кардан аз рафти раванди мазкур.

4. Ҳалли босифати масъалаҳои ҷобаҷокунии меҳнатӣ ва зиндагӣ, ки барои гирифтани сарчашмаи зарурии мавҷудият ва сатҳи иҷтимоӣ-маишии зиндагии муътадил дар макони интихобшудаи истиқомат таъмин мекунад.

5. Гузаронидани кори зарурии иҷтимоӣ ва равонӣ аз тарафи сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки барои дастгирӣ кардани озодшавандаҳо аз муассисаи ислоҳии шаҳрвандон, махсусан дар давраи аввали озодӣ равона шудааст.

6. Қабули худи шахсияти озодшаванда тасдиқи он, ки ҷинояти содиршуда охирин мебошад ва худназораткунӣ ба амалҳои худ зарур аст, ба истиснои ҷиноят.

7. Ворид кардани алоқаҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ба система (атрофи иҷтимоии мусбӣ) ба истиснои рафтори ҷиноятӣ (оила, хешовандон, ташкилоти динӣ, шавқу ҳавас ба фаъолияти меҳнатӣ дар касби дӯстдошта ва ғ.), мақоми ҳуқуқӣ.

8. Назорати дуруст ва кори пешгирикунанда аз тарафи сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ.

9. Азхудкунии бодарки маҳкумшудагон нақшҳои нави иҷтимоиро;

Аксаран, набудани яке аз ин омилҳо ба мутобиқшавии маҳкумшудагон ба таври манфӣ таъсир мерасонад. Метавон қайд кард, ки дар натиҷаи ин дараҷаи баланди ҷинояткорӣ имконпазир аст, лекин аллакай дар давоми як сол пас аз озодшавӣ.

Ҳамаи ин омилҳоро метавон ба се гуруҳи асосӣ тақсим кард::

**Ба гуруҳи якум** шахсияти худи озодшаванда тааллуқ дорад: ҷаҳонбинии ӯ, нишонаҳои хислат, миҷоз, зеҳн, ахлоқ, ақидаҳои ҳуқуқӣ, одоби рафтор, маънавиёт, маълумотнокӣ, ихтисос, малакаҳои меҳнатӣ ва ғ.

**Ба дуюм** – шароити муҳити берунаи фарогирандаи шахсияти озодшаванда. Мавҷудияти манзил, қайди истиқомат, оила ва робита бо он, кор, қаноатмандӣ аз он ва муносибат бо коллективи меҳнатӣ, муносибат бо аъзоҳои гуруҳҳои хурд, ки озодшаванда аз ҷои кор, ҷойи истиқомат дохил мешавад, тактикаи кормандони милитсия, ки назорат мебаранд.

**Ба гуруҳи сеюм** шароитҳое дахл доранд, ки маҳкумшуда қарор дошт, ки дар рафтори ӯ дар моҳҳои аввали озодӣ зоҳир мегардад:

Ташкили раванди меҳнатӣ, сохтори коллективи маҳкумшудагон, муҳлати будубош дар муассисаҳои ислоҳӣ, таҳсил, таъсири тарбиявии маъмурият, сохтори гурӯҳҳои хурд, ки озодшаванда ворид гардид.

Мутобиқшавии иҷтимоӣ танҳо дар ҳолате имкон дорад, агар ҳамроҳи карда шавад:

- воридшавии одам ба соҳаи меҳнат (таҳсил);
- муқаррар кардани муносибатҳои солими оилавӣ (ҳам дар волидон, ҳам дар оилаи худ) ;
- барқарорсозии робитаҳои ҷамъиятӣ;
- мустаҳкамкунии системаи арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун танзимаи рафтори иҷтимоӣ.

Маҳрумшавӣ аз имконияти ҳалли мустақилонаи масъалаҳои зиндагии ҳаррӯза қобилияти мутобиқшавии маҳкумшудагонро коҳиш медиҳад ва пеш аз ҳама ба гум кардани малакаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ меорад, ки рӯҳияи тайёрахуриро ташкил медиҳад. Доимо қарор доштан дар муҳити ҷиноятӣ ҷудошавии эҳсосӣ-равониро ба вуҷуд меорад. Маҳкумкунӣ аз тарафи ҷомеа ба бад шудани робита бо ҷаҳони беруна оварда мерасонад, ки боиси депрессия, мувоҷеҳ ва руҳафтодагӣ мегардад. Ҷудокунии ҷисмонӣ аз ҷомеа ё ба рафтори зуроварона ё ба бефаъолиятӣ

оварда мерасонад. Танзими сахти меъёрҳои рафтор, маҷбуркунии умумӣ, ташаббуси маҳкумшудагонро вайрон мекунанд. Ҳамин тариқ, татбиқи пурраи раванди аз нав иҷтимоикунонӣ танҳо дар доираи дохили системаи иҷрои ҷазо имконнопазир, ҳудудҳои он аз ҳудуди муассисаҳои ислоҳӣ берун мераванд ва нақши муҳим дар инҷо ба ҳамкорӣ бо муассисаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дода мешавад.

Адои ҷазо бурдани маҳкумшудагон дар шароити муассисаҳои ислоҳӣ яке аз он омилҳое мебошад, ки зиндагии минбаъдаи онҳо таъсир мерасонад. Маҳкумшуда бо анҷоми адои мӯҳлати ҷазо ба ҷомеае меафтад, ки қонунҳои онро бояд риоя кунад, аммо бо сабабҳои гуногун на ҳамеша ба пайравӣ кардани онҳо қодир аст, аксар вақт ин ғайримутобиқшавӣ иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо ба мафҳуми аз нав иҷтимоикунонӣ бармегардем, ки раванди он ба маркази иҷрои ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ мегардад. Аз нав иҷтимоикунонӣ ҳамчун аз нав барқароршавӣ, такрорӣ, иҷтимоикунонии дубора, ба шахсоне, ки ба маҳрум шудан аз озодӣ маҳкум шудаанд ва шахсоне, ки аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ баромаданд, дахл дорад. Зери аз нав иҷтимоикунонии маҳкумшудагон бояд як раванди тӯлонӣ фаҳмида шавад, ки асосан аз маҷмӯи чораҳои мураккаби равонӣ, омӯзгорӣ, иқтисодӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ иборат аст, ки барои ташаккули қобилият ва омодасозии ҳар як маҳкумшуда барои воридшавӣ пас аз адои ҷазо ба шароитҳои муқаррарии зиндагии ҷомеа равона шудаанд. Ин ба онҳо дар аввал то андозае барои бомуваффақ аз уҳда баромадан бо шумораи зарурии нақшҳо дар шароитҳои муқаррарии зиндагии ҷомеа кӯмак хоҳад кард, ва дар оянда ҳамчун заминаи асосӣ барои барқарорсозии андозаи мувофиқи функсияҳои аъзои оддии ҷомеа хизмат мекунад. Бояд қайд кард, ки раванди аз нав иҷтимоикунонӣ ба шароитҳои адои ҷазо талаботҳои мушаххас изҳор мекунад. Онҳо бояд мукаммал бошанд, барои он ки маҳкумшуда истифода бурдани маҳоратҳо ва малакаҳои худро дар шароитҳои зиндагии ҷомеа гум накунад.

Дар раванди адои мӯхлати ҷазои маҳкумшудагон, инчунин дар омодасозии маҳкумшудагон ба озодшавӣ на танҳо маъмурияти муассиса, балки субектҳои гуногуни ҳамроҳии иҷтимоӣ аз шумори захираҳои беруна иштирок мекунанд, ба монанди:

1. Шӯъбаҳои шиноснома-раводид, мақомотҳои корҳои дохилӣ, САХШ (ҳуҷҷатгузорӣ, ҷобаҷокунии меҳнатӣ ва маишӣ, қайдкунӣ дар ҷойи истиқомат, кори пешгирикунанда).
2. Мақомотҳои хадамоти шуғли аҳолӣ (бо кор таъминкунӣ, омӯзиши ихтисос, бақайдгирӣ барои гирифтани мақоми бекорӣ барои гирифтани кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ).
3. Мақомотҳои парасторӣ ва нигоҳубини давлатӣ (таъсиси шароитҳои муносиби зиндагӣ ва инкишофи маҳкумшудагони ноболиғ барои давраи пас аз озодшавӣ аз колонияҳои тарбиявӣ (КТ); ҳифзи ҳуқуқҳо барои манзил ва манфиатҳои ноболиғони кӯдак – ятиме, ки бе парастории волидон монданд, инчунин ғайриқобили фаъолият)
4. Комиссияҳо оид ба корҳои ноболиғон ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо (ташкили фаъолияти пешгирикунанда, ҳалли мушкилиҳои гуногун ва масъалаҳои ноболиғон вобаста ба таҳсил, зарурати ҷобаҷокунии меҳнат ва зиндагӣ, вақте ки ҳал кардани онҳо ба таври дигар ғайриимкон аст).
5. Идоракунӣ ва муассисаҳои табобатии тандурустӣ, (ташкили гузаронидани табобати шахсоне, ки бемориҳои вазнин ва табобатнашаванда доранд).
6. Идоракунӣ ва таъсиси тахсил (масъалаҳо вобаста ба зарурати идома додани таҳсил ё ҷалб кардан ба омӯзиш).
7. Мақомотҳо ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хона интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон, (хизматрасонии иҷтимоӣ ба ҷойи истиқомат ё ҷобаҷокунӣ ба хона интернатҳо шахсонеро, ки барои ин асос доранд).
8. Идоракунӣ ва қисмҳои сохтории Фонди нафақа (амалисозии таъмини иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки мақоми мувофиқи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ доранд).
9. Шуроҳои парасторӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ (иштирок дар ҳама шаклҳои кори иҷтимоӣ бо маҳкумшудагон дар давраи будубоши онҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ, расонидани кӯмак ҳангоми озодшавӣ, аз нав иҷтимоикунонӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии озодшудагон). Намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ метавонанд дар татбиқи технологияҳои ҳамроҳии иҷтимоӣ дар шаклҳои шахсӣ ва гуруҳии навбатӣ иштирок намоянд:

– иҷтимоӣ: ташхис, барқарорсозӣ, таъминот, хифз, кӯмак, дастгирӣ, сарпарастӣ, миёнаравӣ, инчунин медиатсия, ғамхории омӯзгорӣ, технологияи ташкили малакаҳои иҷтимоӣ ва ғ.;

– иштирок дар ҳалли масъалаҳои ҷобаҷокунии меҳнат, манзилӣ-маишӣ, хизматрасонии тиббӣ ва таъминоти иҷтимоӣ;

– иштирок дар ҷобаҷокунии маҳкумшудагон ба маҳрум сохтан аз озодӣ, дар ҳолатҳое, ки агар онҳоро ба муассисаи тиббӣ ё муассисаи хизматрасонии иҷтимоӣ ҷойгир кардан зарур бошад, ё онҳо ба нигоҳубини бегона эҳтиёҷ доранд;

– иштирок дар таъмини озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ;

– расонидани кӯмак ба маҳкумшудагон барои гирифтани маълумот, тайёрии касбӣ, маълумоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва маълумоти олии касбӣ;

– расонидани кӯмак дар ташкили вақти холии маҳкумшудагон (ташкили консертҳо, намоишгоҳҳо, лексияҳо, тамошои кино ва видеофилмҳо, дигар чорабиниҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ);

– мусоидат кардан дар таъмини маҳкумшудагон бо китобҳо, ташкили обунашавӣ ба рӯзнома ва маҷаллаҳо, ҷиҳозонидани майдонҳои варзишӣ дар муассисаҳо, таъмини онҳо бо таҷҳизоти варзишӣ ва инвентар;

– иштирок дар омӯзиши маҳкумшудагон ба методҳои пешгирии бемориҳои хатарноки сирояткунанда;

– иштирок дар гузаронидани чорабиниҳо оид ба тарғиби рафтори қонундаро, тарзи ҳаёти солим, дастгирӣ ва мустаҳкамкунии алоқаҳои фоиданоки иҷтимоии маҳкумшудагон;

– мусоидат кардан дар дастгирӣ ва мустаҳкамкунии алоқаҳо байни маҳкумшудагон ва оилаи онҳо, таъсиси алоқаҳо бо шахсон ва ташкилотҳое, ки берун аз ҳудуди ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарор доранд.

***10.*** Марказҳои барқарорсозии иҷтимоӣ, ки ба сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ тааллуқ доранд (кӯмак дар барқарорсозии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои муайяни маҳкумшудагон пас аз озодшавии онҳо).

***11.*** Оила, хешовандони наздик. Шаклҳои тавсияшавандаи ҳамкории мутахассис оид ба кори иҷтимоии муассисаи ислоҳӣ бо оилаи маҳкумшуда ҳангоми ташкили ҳамроҳии иҷтимоии ӯ:

– навиштан ва фиристодани нома, ки дар он мушкилиҳои ошкоршудаи маҳкумшуда изҳор мегарданд, бо он, ки дар бораи нақшаҳои оила оиди ҳалли вазъият вобаста ба ислоҳшавӣ ва аз нав иҷтимоикунонии маҳкумшуда, даъват барои иштирок дар кори якҷоя;

– ташкили вохӯрии гузаронидани сӯҳбат дар вақти омадани хешовандон (аъзои оилаи маҳкумшуда) ба вохӯрии дарозмуддат ё кӯтоҳмуддат;

– даъват намудани хешовандони маҳкумшуда ба муассисаи ислоҳӣ бо мақсади коркарди стратегияи якҷоя ва тактикаи расонидани кӯмаки иҷтимоӣ оид ба баровардани ӯ аз вазъияти мушкили зиндагӣ, иштирок дар чорабиниҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ;

– даъват намудани хешовандони маҳкумшуда барои гузаронидани таъсири якҷоя ба ӯ дар ҳолатҳои вайронкунии пай дар пайи қоидаҳои муқарраргардидаи рафтор, зоҳир намудани бефарқиятӣ дар интихоби дӯстон ва қабули ҳалҳое, ки оқибати онҳо метавонанд ба таври манфӣ барои таъсиси имконпазири нақшаҳои мусбии аз нав иҷтимоикунонӣ зоҳир гардад;

– муроҷиат бо хоҳиш оид ба омадан ба МИ барои вохӯрии озодшаванда ва ҳамроҳикунанда ба ҷойи истиқомат.

Пас аз озод шудан аз ҷазо, одам бояд ба шароитҳои муътадили мутобиқшавӣ, ки ба таври қатъӣ аз шароитҳои МИ фарқ мекунанд, мутобиқ шавад. Дар ин ҳол, ӯ бо мушкилиҳои хусусияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дошта рӯ ба рӯ мешавад. Арзиши аввалин дар муқоиса бо арзиши охирин на он қадар калон аст. Бинобар ин, зарур аст, ки ба ҳалли, пеш аз ҳама, мушкилиҳои хусусияти иҷтимоӣ дошта диққати зарурӣ дода шаванд.

Мушкилиҳои асосӣ дар соҳаи мутобиқшавии шахсоне, ки ҳукми ҷазоро адо кардаанд, инҳоянд: равиши касбӣ ва бо кор таъминшавии онҳо, вазъият дар оила, дар доираи оила, инчунин дӯстон, шиносон, ҳамсояҳо. Чӣ тавре, ки аллакай гуфта шуд, дар аксар ҳолатҳо, дар

собиқ маҳкумшуда муносибати шиддатнок бо атрофиён ба вуҷуд меоянд, ки чун қоида, ӯ ба девори носозӣ ва бепарвоӣ дакка мехӯрад.

Бо дарназардошти ҳамаи дар боло зикргардида, бори дигар қайд кардан зарур аст, ки раванди мураккаби мутобиқшавӣ, аз нав тарбиятдиҳӣ ва бозгаштани шахс ба ҷомеа, ки ҷиноят содир кардааст, ҳангоми адо кардани ҷазо ва баъд аз пурра мутобиқ шудани ӯ ба шароитҳои муътадили мавҷудият дар муҳити муътдили иҷтимоӣ оғоз меёбад.

Ҳамин тавр, озодшавандаи ба тарзи муътадил мутобиқшаванда алоқаҳоро бо муҳити ҷиноятӣ ва дигар шахсоне, ки рафтори онҳо ҳамчун зиддиҷамъиятӣ тавсиф мегарданд, қатъ мекунад, аз машрубот сӯистифода намекунад, ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ намедиҳад.

Барои он, ки аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ одам ба ҷомеа ворид шавад, ҷалб кардани институти ҷомеаи шаҳрвандӣ кифоя нест, худи ҷомеа низ бояд барои зиндагии муътадили ӯ шароити зарурӣ муҳайё созад, қолабҳои мавҷударо ба ин гурӯҳи шаҳрвандон тағйир додан зарур аст.

## 3.2 Мушкилиҳои аз нав иҷтимоикунонӣ ва мутобиқшавии маҳкумшудагони аз МИ озодшаванда

**Вазифаҳои омӯзиш:**

1. Иштирокчиён омилҳои хатарнокро дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагон медонанд

2. Иштирокчиён бо мушкилиҳои алоҳидаи аз нав иҷтимоикунонии маҳкумшудагон шинос мешаванд

Раванди мутобиқшавӣ ба шароитҳои муътадили зиндагӣ дар муҳити муътадили иҷтимоӣ пас аз муҳлати дарози маҳрумшавӣ аз озодӣ – як падидаи мураккаб аст, ки кушишҳои фаъоли боирода, сифатҳои баланди маънавӣ ва ахлоқӣ, инкишофи хуби маърифати ҳуқуқиро талаб мекунад.

Муваффақияти мутобиқшавӣ аз **се гуруҳи омилҳо вобаста** аст.

**Ба гуруҳи якум** шахсияти худи озодшаванда тааллуқ дорад: ҷаҳонбинии ӯ, нишонаҳои хислат, миҷоз, зеҳн, маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқ, маънавиёт, одоби рафтор, ихтисоснокӣ, малакаҳои меҳнатӣ ва ғ.

**Ба гуруҳи дуюм** – шароити муҳити берунаи фарогирандаи шахсияти озодшаванда: мавҷудияти манзил, қайди истиқомат, оила ва робита бо он, кор, қаноатмандӣ аз он ва муносибат бо коллективи меҳнатӣ, тактикаи кормандони милитсия, ки назорат мебаранд.

**Ба гуруҳи сеюм** шароитҳое тааллуқ доранд, ки маҳкумшуда қарор дошт ва дар рафтори ӯ дар моҳҳои аввали озодиаш зоҳир мегардад: ташкили раванди меҳнатӣ, сохтори коллективи маҳкумшудагон, мӯҳлати будубош дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, таҳсил, таъсири тарбиявии маъмурият ва ғ. Ҳамин тавр, ин мушкилии назарраси мутобиқшавии шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ адои ҷазо карданд, маҳсуб меёбад.

Мутобиқшавии иҷтимоӣ муваффақ ҳисобида мешавад, вақте ки алоқаҳои фоиданоки иҷтимоии озодшуда дар соҳаҳои асосии фаъолияти зиндагӣ муқаррар гардидаанд ва ба таври назаррас аз меъёр берун намебошанд. Озодшавандаи ба таври муътадил мутобиқшаванда алоқаҳоро бо муҳити ҷиноятӣ ва дигар шахсоне, ки рафтори онҳо ҳамчун зиддиҷамъиятӣ тавсиф мегарданд, қатъ мекунад, аз машрубот сӯистифода намекунад, ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ намедиҳад.

**Мушкилиҳои асосие,** ки маҳкумшудагон бо онҳо дучор мегарданд, инҳоянд:
— бохабарии нокифоя оид ба ҳодисаҳое, ки дар озодӣ ба вуқӯъ меоянд;
— мавҷуд набудани кӯмаки ихтисосноки равонӣ;
— мушкилиҳо бо ҷойи кор;

— набудани ҷойи доимии истиқомат;
— норасоии воситаҳои моддӣ;
— доштани доғи судӣ.

**Омилҳои хатар** дар раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ инҳоянд:
— набудани кор;
— набудани ҷойи доимии истиқомат;
— истеъмоли нушокиҳои машруботӣ, мавоҳои нашъамандӣ;
— мавҷудияти ақидаҳои зиддиҷамъиятӣ;
— алоқаи зич бо маҳкумшудагони равиши манфӣ дошта ва дигарҳо.

Маҷмӯи ин омилҳо метавонад ба таври назаррас раванди мутобиқшавии иҷтимоиро мушкил гардонда, шахсиятро ғайримутобиқ карда ва ба ҷиноят оварда расонад.

Маҳкумшудагон қобилиятҳои гуногуни мутобиқшавӣ доранд, ки дар асоси ин метавон се гуруҳи маҳкумшудагонро ҷудо кард:

- маҳкумшудагон бо қобилиятҳои баланди мутобиқгардонӣ;
- маҳкумшудагон бо имкониятҳои миёнаи мутобиқгардонӣ;
- маҳкумшудагон бо имкониятҳои пасти мутобиқгардонӣ.

**Гурӯҳ бо қобилиятҳои боқуввати мутобиқгардонӣ** бо дараҷаи баланди маълумотдиҳӣ оид ба ҳодисаҳои дар озодӣ рӯйдиҳанда тавсиф меёбанд; ин одамон бо мароқи том алоқаро бо хешовандон ва наздикон дастгирӣ мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки аз сарчашмаҳои гуногун маълумоти зиёд гиранд. Онҳо барои озодшавӣ ва бозгашт ба оила равона шудаанд. Барои чунин одамон кӯдакон аҳамияти калон доранд, дар ҳолати надоштани кӯдак, онҳо дарояндаи наздик барои соҳиб шудан нақша мекашанд. Чунки муваффақияти мутобиқшавии иҷтимоӣ бо мавҷуд будани манзил ва кор муайян мегардад, пас ба гуруҳи мазкур дар навбати аввал шахсоне дохил мешаванд, ки соҳиби манзил мебошанд. Барои маҳкумшудагони гуруҳи мазкур хоҳиши зиёди коркунӣ хос буда, дар аксари онҳо имконияти баргаштан ба ҷойи кори пешина мавҷуд аст. Дар ҷустуҷӯи кор онҳо ният доранд, ки ҳамаи воситаҳои имконпазири бо кортаъминкуниро истифода баранд, дар ин ҳол мустақилона амал карданро афзал медонанд. Арзёбии хоҳиши нигоҳ доштани муносибатҳо бо одамоне, ки ин маҳкумшудагон адои ҷазо бурданд, бояд қайд кард, ки онҳо барои нигоҳ доштани чунин алоқаҳо берағбатӣ зоҳир мекунанд. Ҳамчунин, маҳкумшудагон ин гурӯҳ ният надоранд, ки ба тарзи зиндагии пешина, ҷиноятӣ ва зиддииҷтимоӣ баргарданд. Онҳо имконият ва пешомади худро барои муваффақияти раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ ба зиндагӣ дар озодӣ ба таври обективона арзёбӣ карда, ҳолати худро ҳамчун «пурра омода» тавсиф медиҳанд. Ба ин гурух, мувофиқи мақсад аст, ки маҳкумшудагоне дохил карда шаванд, ки як доғи судӣ дошта ва аз 18 то 30 сол доранд.

**Гуруҳи маҳкумшудагон бо қобилиятҳои сусти мутобиқгардонӣ** бо дараҷаи пасти маълумотдиҳӣ оид ба ҳодисаҳое, ки дар озодӣ рӯй медиҳанд, набудани алоқаҳо бо хешовандон ва наздикон, хоҳиш надоштани дастгирии чунин алоқаҳо, мавҷуд набудани кӯшиш барои сохтани оила тавсиф дода мешавад. Чун қоида, ин маҳкумшудагон манзил, хоҳиши кор ёфтан, ё имконияти бо кор таъмин шуданро надоранд. Маҳкумшудагони гуруҳи мазкур бо мароқи том алоқаҳоро бо одамони ҳукми ҷазо адо карда дастгирӣ мекунанд, ба ақиб ба тарзи зиндагии зиддииҷтимоӣ баргаштан омода ҳастанд. Чун қоида, онҳо як ва зиёда доғи судӣ дошта, намехоҳанд меъёрҳои иҷтимоии рафторро қабул кунанд. Ба гуруҳи мазкур метавон нафақахӯронро ҳамчун одамони фаъолияти пасти меҳнатӣ дошта дохил кард.

**Дар маҳкумшудагон бо қобилиятҳои миёнаи мутобиқшавӣ** бо дараҷаи гуногун хусусиятҳои он ду гурӯҳи гузашта мувофиқ меоянд. Аксарияти одамони ин гурух қисман бо маълумот дар бораи ҳодисаҳои дар озодӣ рӯй дода соҳиб ҳастанд, барои ҷавоб додани он, ки оё онҳо бо маҳкумшудагони собиқ алоқаро нигоҳ медоранд, мушкили мекашанд, инчунин чунин меҳисобанд, ки муваффақияти мутобиқшавии иҷтимоӣ ба зиндагӣ дар озодӣ аз

шароитҳои мавҷуда вобаста аст. Барои ин гуруҳи шахсон, чун қоида, хоҳиши кор кардан мавҷуд аст, бисёре аз онҳо намедонанд, ки оё манзил ё ҳуқуқи дар он ҷо зиндагӣ кардани онҳо боқӣ мондааст. Маҳкумшудагон бо қобилиятҳои миёнаи мутобиқшавӣ, аксарият, маҳз бояд дар навбати аввал ба маъмурияти онҳо диққати худро равона кард.

Ташкил ва гузаронидани кори иҷтимоӣ пеш аз озодшавӣ, бо назардошти қобилиятҳои мутобиқшавии маҳкумшудагони болозикр, ба таври назаррас имконияти маҳкумшудагони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшавандаро барои муваффақият дар мутобиқшавии иҷтимоӣ ба зиндагӣ дар озодӣ зиёд мекунад.

Бисёре аз маҳкумшудагоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ адои ҷазо мекунанд, ихтисос надоранд, ва пас аз озодшавӣ онҳо наметавонанд бо кор таъмин шаванд. Пас аз озодшавӣ, бо кӯшиши пайдо кардани воситаҳои ризқу рӯзӣ ва зиндамонӣ, онҳо боз ба ҷинояткорӣ ва вайрон кардани қонун сар мекунанд. Бисёре аз кишварҳои хориҷӣ ва кишварҳои фазои пасошӯравӣ бо мақсадҳои самаранок ва бомуваффақ аз нав иҷтимоикунии маҳкумшудагон, омӯзишгоҳҳои касбиро ҷалб мекунанд, ки фаъолияти худро дар ҳудуди муассисаҳо анҷом дода, маҳкумшудагонро бо касбҳое меомӯзанд, ки дар ҳақиқат ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд.

Барои мустаҳкам кардани донишҳо ва малакаҳои меҳнатӣ ҳамчунин дар муассисаҳои ислоҳӣ таъсис додани ҷойҳои корӣ зарур аст, ки асосан аз рӯи ихтисосҳое, ки маҳкумшудагон дар онҳо омӯзонида шуданд ва баъд аз озод шудани онҳо талаб карда мешаванд.

Шарти ҳатмӣ донистан зарур аст, ки маҳкумшуда пас аз озодшавӣ тавонад аз рӯи ихтисоси гирифтааш дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар ҳақиқат бо кор таъмин гардад. Дар айни замон, системаи мавҷуда барои омодасозии ҷобаҷокунии зиндагӣ ва меҳнати маҳкумшудагоне, ки барои озод шудан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ гирифтор мешаванд. Аммо, мутаассифона, ин система бо таври пурра функсияҳои худро иҷро намекунад ва дар аксари мавридҳо хусусияти расмӣ дорад.

Барои ҳавасманд гардонидани корфармоён барои ба кор қабул кардани шахсоне, ки адои ҷазои ҷиноятӣ бурдаанд, системаи чораҳо таҳия карда, дар рафти амалисозии онҳо, корфармо барои пешниҳод кардани ҷойи кор ба гуруҳи шаҳрвандони баррасишуда ҳавасманд мегардад, аз ҷумла пардохти субсидия ва поён кардани андозро дар бар мегирад.[8]

Муассисаи ислоҳӣ, дар айни замон, ягона мақомоти давлатӣ мебошад, ки ба уҳдадории он гузаронидани кор оид ба омодасозии маҳкумшудагон барои озодшавӣ, санадҳои меъёрие, ки фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва худидораи маҳаллиро ба танзим даровarда, онҳоро барои мусоидат кардан ба мақомотҳои СИҲҶ дар кор бо маҳкумшудагон оид ба ташкили дурусткунии зиндагии худ уҳдадор намекунад, дохил мешавад.

Мушкилӣ дар ҳалли шартҳои манзилӣ-маишии баъзе гуруҳҳои озодшавандаҳо тезу тунд мебошанд. Ҳалли ин мушкилии мазкур бояд дар сатҳи давлатӣ ҳал карда шавад. Таъсис ва ташкил кардани марказҳои барқарорсозӣ зарур мебошад, ки ба одамони аз муассисаи ислоҳӣ озодшуда ба воситаи пешниҳод кардани манзили муваққатӣ, марказҳои барқарорсозӣ кӯмак кунанд, то ки тавонанд занони озодшударо бо кӯдакони хурдсол ва ноболиғони озодшуда қабул кунанд.

Равоншиносон, кормандони иҷтимоӣ метавонанд барномаи ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагонеро, ки барои озодшавӣ омода мешаванд, тартиб диҳанд, ки аз рӯи он кор оид ба аз нав иҷтимоикунонӣ ва мутобиқшавии бомуваффақ дар муҳити иҷтимоӣ гузаронида мешавад. Барномаҳои ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озодшавӣ аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ омода мешаванд, метавонанд аз рӯи мисоли навбатӣ тартиб дода шаванд:

**1.** Барномаҳои ҳамроҳии иҷтимоии самти равонӣ аз худ фаъолияти мутахассисонро

[8] А.А. Ефименко , кандидат педагогических наук, преподаватель Томского ИПКР ФСИН России, г. Томск, Э.В.Чумаков начальник отряда ФКУ ИК-4 УФСИН России по Томской области, «О некоторых проблемах подготовки осужденных к освобождению из мест лишения свободы», Сборник материалов III международного пенитенцираного форума, Рязань 2017

оид ба кори иҷтимоӣ, равоншиносон, тарбиятдиҳандагон ва маҳкумшудагон ифода карда, барои ҳалли мушкилиҳои навбатии равонии иҷтимоии маҳкумшудагон равона гардидааст:

- вобастагии машруботӣ ва нашъамандӣ;
- ВИЧ-сирояткунанда;
- пошхурии оила ва мушкилиҳои мутобиқшавӣ;
- сифатҳои манфии шахсияти маҳкумшуда: ғазаб, зуроварӣ, бераҳмӣ, изтиробнокӣ, ноустувории эҳсосӣ;
- мавқеи нодурусти зиндагӣ;
- набудани ақидаҳо барои ислоҳшавӣ, нақшаҳои зиндагӣ;
- ҳолати стресс;
- мушкилиҳои робита дар ҳалли вазъиятҳои низоъ, мушкилиҳои алоқаи байнишахсӣ;
- мушкилиҳои рафтор;
- нодурустии худбаҳодиҳӣ ва худшиносӣ, инчунин марҳилаи аввали раванди ҳамроҳии иҷтимоӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва омодасозии таҳкурсӣ барои иштироки маҳкумшудагон дар барномаҳои самти иҷтимоӣ.

**2.** Барномаҳои ҳамроҳии иҷтимоии самти иҷтимоӣ,

– оид ба ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ;
- таъминот ва суғурта;
- динӣ;
- дилхушкунанда - фаъолона мусоидат кардан ба маҳкумшудагон дар азхудкунии таҷрибаи иҷтимоиву фарҳангӣ, пешгирӣ кардани танназули шахсияти маҳкумшуда ва шинохтани худ, омӯхтани робита ва ҳамкорӣ бо атрофиён, коҳишёбии таасуби нажодӣ ва миллӣ, ки марҳилаи навбатии раванди ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагон буда, барои омодашавӣ дар барномаҳои самти маърифатӣ имкон медиҳад.

**3.** Барномаҳои ҳамроҳии иҷтимоии самти маърифатӣ:

- умумимаърифатӣ, миёнаи махсус, маълумоти олӣ ва иловагӣ - ба инкишофи умумии шахсияти маҳкумшуда (рушди рӯҳӣ, фаъолияти эҷодӣ ва такмили доимии маънавӣ), омодагии касбии ӯ, таҳкими мақоми иҷтимоии ӯ дар ҷомеа ва мутобиқшавии иҷтимоӣ дар раванди омодасозӣ барои гирифтани барномаҳои махсуси самти касбӣ мусоидат мекунад.

**4.** Барномаҳои ҳамроҳии иҷтимоии самти касбӣ – оид ба гирифтани ихтисос, барномаҳои истеҳсолӣ, барномаҳо оид ба таъмини фаъолияти устувори муассиса – ба кор таъминкунии онҳо пас аз озодшавӣ, шаҳрванди қонундаро шудан ва ба таври назаррас баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии маҳкумшудагон мусоидат мекунанд.

Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки дастури махсус барои озодшавандаҳо аз муассисаи ислоҳии маҳкумшудагон омода гардад, ки пеш аз озодшавӣ ба онҳо супоридан лозим аст.

Дастур метавонад аз қисмҳои навбатӣ иборат бошад:

- Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандони озодшаванда;
- Маслиҳатҳои равоншинос;
- Маълумоти суроғавии (суроға, телефонҳо) марказҳои шуғли аҳолӣ оид ба ҷойи истиқомати интихобкарда;
- Суроға ва телефонҳои хона-интернатҳо, меҳмонхонаҳои иҷтимоӣ, хонаҳои истиқоматӣ, ошхонаҳои иҷтимоӣ ва марказҳои ҳудудии хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ, марказҳои барқарорсозӣ, ёрии таъҷилӣ, милитсия, беморхонаҳо[9].

---

[9] Ананьев О.Г. «Ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагоне, ки барои озодшавӣ аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ омода мешаванд», Рязань 2013

Барои кори самаранок оид ба омодасозии маҳкумшудагон ба озодшавӣ ва аз нав ичтимоикунонии бомуваффақи онҳо, ба ҳайати кории ҳар як муассисаи ислоҳӣ вазифаи корманди ичтимоиро дохил кардан зарур буда, ё ин ки уҳдадориҳои функсионалии сардори қисмро бо назардошти ташкилу гузаронидани кор оид ба ҳамроҳии ичтимоӣ аз назар гузаронидан лозим аст. Бо тартиби ҳатмӣ дар ҳар як муассисаи ислоҳӣ бояд як воҳиди кории равоншинос дохил карда шавад.

### 3.3. Воситаҳо ва маводҳои тавсияшаванда (бланкаҳо, барномаҳои ҳамроҳии ичтимоӣ, корти ичтимоии СРИЧЧ, Дастурамали – СРИЧЧ. Замимаҳо)

**Вазифаҳои омӯзиш:**

1. Иштирокчиён бо воситаҳо, барномаҳои ҳамроҳии ичтимоӣ шинос мешаванд
2. Иштирокчиён малакаҳои ба кор бурдани воситаҳои тавсиявиро дар таҷриба соҳиб мегарданд

Бо назардошти мавҷуд набудани воҳиди кории равоншинос ва корманди ичтимоӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дохил кардани вазифаҳои дар боло номбаршуда, дар поён намунаи уҳдадориҳои функсионалии равоншинос ва корманди ичтимоӣ дар мисоли системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Республикаи Кирғизистон, инчунин намунаҳои саволномаҳо, кортҳои равонӣ ва ичтимоӣ барои маҳкумшуда (ноболиғ), баҳодиҳии хавфи худкушӣ ва намунаҳои аризаҳо ва огоҳиномаҳодар пешниҳод шудаанд:

#### Равоншиноси муассиса[10]

Уҳдадориҳои функсионалии Равоншиноси муассиса:

- Шахсияти маҳкумшударо меомӯзад, тафтишоти аввалин мегузаронад (омӯзиши аввалини ҳолати равонии маҳкумшуда) ва ба онҳо кӯмаки равонӣ мерасонад ва дар ҳолати зарурӣ курсҳои шахсӣ ва гуруҳии психотерапия мегузаронад ***(Саволномаи аввалин дар манзили карантинӣ дар Замима оварда шудааст);***
- меъёрҳои одоби касбии «равоншиноси системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ риоя мекунад;
- ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои функсионалии худ, дар хизмат бо либоси намунаи шаҳрвандӣ ҷойгир аст (риояи стандартҳои либоспӯшии хизматчии давлатӣ);
- нақшаи шахсии кори равониро бо маҳкумшудагон ва гуруҳи маҳкумшудагон таҳия мекунад;
- махфиятро риоя мекунад: маводҳои дастуриро интиқол намедиҳад, асосҳои методҳои равонӣ, мундариҷаи ин ё он методикаи равониро ба шахсоне, ки барои гузаронидани таҷрибаи ташхиси равонӣ ва ислоҳи равонӣ салоҳият надоранд, ошкор намекунад.
- ба дигар хадамотҳои муассиса оид ба масъалаҳои кори шахсии адои ҷазои маҳкумшудагон дар асоси омӯзиши хусуссиятҳои шахсиву-равонии шахсияти маҳкумшуда бо меъёри зарурӣ;
- ба маҳкумшудагон ва шахсони дар маҳбас буда кӯмаки равонӣ мерасонад.

Кор бо шахсони дар маҳбас нигоҳ дошташуда:

- Скрининги аввалин ва машваратҳои шахсиро барои мутобиқшавии онҳо ба шароитҳои изолятсияи ичтимоӣ мегузаронад ***(Саволномаи аввалин дар манзили карантинӣ дар Замима);***
- Дар вазъиятҳои бӯҳронӣ ва стресс кӯмак мерасонад;

[10] Муќаррарот оид ба кори тарбиявии маќомотњо ва муассисањои СИЧЧ ЧК, фармон № 500 от 11.12.2017

- Оид ба идоракунии низоъҳо дар ҳолати зарурат кӯмак мерасонад.

Кор бо маҳкумшудагон:

- скрининги аввалин ва машваратҳои шахсиро барои мутобиқшавии онҳо ба шароитҳои изолятсияи иҷтимоӣ мегузаронад ***(Саволномаи аввалин дар манзили карантинӣ дар Замима);***
- дар вазъиятҳои бӯҳронӣ ва стресс кӯмак мерасонад;
- оид ба идоракунии низоъҳо дар ҳолати зарурат кӯмак мерасонад.
- курсҳои шахсӣ ва гуруҳии психотерапия мегузаронад;
- дар муносибсозии муносибатҳои байнишахсӣ кор мебарад;
- дар омодасозӣ ба озодшавӣ кор мебарад;
- дар омӯзиши тарз ва усули худтанзимкунӣ ва худназораткунӣ кор мебарад;
- дар ташкили малакаҳои ҳаётан муҳим ва маҳоратҳо дар сохаи алоқа кор мебарад;
- дар ислоҳкунӣ ва инкишофи системаи муносибати шахсият, баландкунии устуворӣ ба таъсири носозгори равонӣ ва омилҳо кор мебарад (стрессҳо, вазъиятҳои қатъӣ ва низоъӣ) устувориипроводит работу в коррекции и развитии системы отношений личности, повышении устойчивости к неблагоприятным психологическим воздействиям и факторам (стрессам, критическим и конфликтным ситуациям);
- оид ба тестҳои мутобиқшуда санҷиш гузаронида ва натиҷаҳои онҳоро таҳлил мекунад;
- дар ҳалли масъалаҳо оиди тақсимоти маҳкумшудагон ба қисмҳо ва камераҳо иштирок мекунад;
- шахсоне, ки ба шаклҳои рафтори харобиовар майл доранд, ошкор мекунад (рафтори зуроварона ва ғ.), маводҳоро барои қайди пешгирикунанда тартиб медиҳад ва тавсияҳоро пешниҳод мекунад (**Корти равонӣ ба маҳкумшудагоне, ки ба шӯъбаи карантинӣ омаданд Замима***);*
- ҳолати иҷтимоӣ-равонии маҳкумшудагон дар корхонаҳо ва корҳои хоҷагӣ меомӯзад;
- оид ба пешгирии падидаҳои манфии равонӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ кор мебарад, ки барои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба иштирок дар барномаҳо мусоидат мекунад (барқарорсозӣ, таҳсилот, меҳнат ва ғ. );
- маълумотномаи равонӣ – тавсиянома оиди маҳкумшудагон барои баррасии масъалаҳои тағйирёбии шакли низом ба озодшавии имтиёзнок дар сурати зарурӣ пешниҳод мекунад;
- симои равонӣ тартиб медиҳад (ҳангоми зарурат);
- маълумот дархост мекунад (алоқаҳои иҷтимоӣ, омодасозӣ ба озодшавӣ, таҷрибаи интизомӣ ва иштирок дар барномаҳо) дар сурати зарурат дар дигар хадамотҳои муассисаҳо;
- ба Сардорони қисм ва Сардорони хадамотҳои мувофиқи муассиса барои амалисозии реинтегратсияи (ҳамгироӣ) маҳкумшудагон тавсияҳоро пешниҳод мекунад;
- рафти иҷрои тавсияҳои пешниҳодшударо дар асоси кори ташхиси равонӣ бо маҳкумшудагон назорат мекунад;
- мутахассисоне, ки ба воҳиди корӣ дохил намешаванд, барои гузаронидани корҳо ва чорабиниҳои машваратӣ, методӣ, амалӣ ҷалб мекунад, ки тахассуси махсус дар мувофиқа бо роҳбарияти муассиса талаб карда мешавад;
- бо маҳкумшадагоне, ки иқдоми эътироз дар шакли нахурдан ё кӯшиши содир кардани худкушӣ эълон кардаанд, кори шахсӣ мебарад;
- сӯҳбати равонӣ бо хешовандони маҳкумшудагон бо мавҷудияти дархост мегузаронад;
- машваратҳои шахсӣ бо маҳкумшудагоне мегузаронад, ки дар қайди пешгирикунӣ ҳастанд, шахсияти онҳоро омӯхта ва ҳисоботи ҳармоҳа тартиб медиҳад ***(Нақшаи омӯзиши шахсияти маҳкумшудагони дар қайди пешгирикунӣ буда);***
- дар ҳуҷраи сабуккунии равонӣ барои маҳкумшудагон чорабиниҳо мегузаронад ва

коркунии онро назорат мекунад;

- оид ба баҳодиҳии хавфи худкушӣ ва таҷрибаи худкушӣ кор мебарад ***(Баҳодиҳии хавфи худкушӣ Замима);***
- бо тартиби ҳатмӣ ба гуруҳи навбатии маҳкумшудагон кӯмаки равонӣ мерасонад, ба мисли ноболиғон, занон бо кӯдакони хурдсол, занони ҳомиладор, ҷабрдидагони зӯроварӣ, шиканҷа ва маҳкумшудагоне, ки мувофиқи қонунгузории ҷазои-ҷиноятӣ бехатарӣ таъмин карда мешавад.

Корманди иҷтимоии муассиса

Уҳдадориҳои функсионалии корманди иҷтимоии муассиса:

- бо мақсади ошкоркунии эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва малакаҳо бо маҳкумшудагон суҳбатҳо мегузаронад (баҳодиҳии хавф) (корманди иҷтимоӣ бо делои шахсӣ шинос мешавад ва корти иҷтимоии маҳкумшудагони аз нав омадаро дар қисмҳои махсуи муассиса пур мекунад) ( ***Корти иҷтимоӣ барои маҳкумшуда дар Замима)***
- маҳкумшудагонро барои омӯзиш ба ОК (омӯзишгоҳи касбӣ) ва мактаби таҳсилоти умумӣ мефиристад;
- нақшаи шахсии кор бо гуруҳи осебпазири иҷтимоӣ тартиб медиҳад ва дар сурати мурочиат ҳамчунин нақшаи шахсиро бо дигар гуруҳи маҳкумшудагон тартиб медиҳад;
- чорабиниҳои ҳамроҳии иҷтимоии маҳкумшудагонро мувофиқи нақшаҳои шахсӣ ва моҳона мегузаронад;
- дар доираи салоҳияти худ ба ҳифз ва манфиатҳои қонунии ҳуқуқҳои маҳкумшудагон мусоидат мекунад;
- ба маҳкумшудагон кӯмаки шахсӣ расонида, оид ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ ба онҳо маълумот ва машварат медиҳад;
- дар барқарорсозии алоқаҳои оилавӣ ва дигар алоқаҳои иҷтимоии маҳкумшудагон дастгирӣ мекунад;
- оид ба омодасозии маводҳо барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият кор мебарад;
- дар сурати зарурат бо оилаҳои маҳкумшудагон кор ташкил мекунад;
